157607 д/х



БОЛТА
ОРТИҚОВ

# БАЧАҲОИ ЛОЛАЗОР

Б. ОРТИҚОВ

# БАЧАҲОИ ЛОЛАЗОР

(Повесть)



НАШРИЁТИ «ИРФОН»
Душанбе — 1975

О 65
Тоҷик 1

Государственная
Респуб. библ. Тадж. ССР
им. А. Фирдоуси

457607
Тоҷик

Ин китобро хонда бо се нафар бачаи қишлоқи Лолазор шинос мешавед, ки ҳар кадоми онҳо хислатҳои гуногун дошта, дар меҳнати фоиданок, дар роҳи ҷустуҷӯи чизи нав ва шуғлу бозии шавқовар обутоб ва тарбия ёфта, писанди умум мегарданд.

О $\frac{7080-2-186}{М\ 501\ (13)-75}$

© Нашриёти «Ирфон» Душанбе—1975



## БАЧАИ НАВ

Оё шумо Лолазорро дидаед? Аз афтатон маълум, ки не, надидаед. Набошад, ман шуморо ба сайри ин деҳа мебарам.

Агар ба тарафи шимолаш нигоҳ кунед, қатортеппаҳои пасту баландеро мебинед, ки бемуҳобот, пушти уштурро ба хотир меоваранд. Аз ҷанубаш бошад, ҳамеша шав-шави оби дарьё ба гӯш расида меистад. Дар байни ана ҳамин дарьёи серобу қатортеппаҳои баланд қишлоқе воқеъ гардидааст, ки Лолазораш меноманд.

Лолазор хеле калон аст. Қариб ҳазор хонавода дорад. Роҳи мумфарше, ки қисми поёни онро бурида мегузарад, деҳаҳои дигарро бо маркази район мепайвандад. Агар аз роҳи мумфарш ба тарафи қатортеппаҳо тоб хӯрда, бо кӯчаи калон раҳсипор шавед, рост ба маркази қишлоқи Лолазор расида меоед, ки он майдони доирашакли васеъ дорад. Дар атрофи ана ҳамин саҳни доирашакл бинои мактаби ҳаштсола, пункти тиббӣ, шӯъбаи алоқа, идораи ветеринарии колхоз ва китобхонаи совети қишлоқ ҷой гирифтаанд. Баъди онҳо ҳавливу рӯидаричаҳои одамон сар мешавад, ки охирашон рафта ба таки қатортеппаҳо пайваст мешаванд.

Меваҳои Лолазор басо ширин аст. Мавизаш ба нисфи зимистон нарасида шакарак мебандад. Ноку ношпотӣ, дилафрӯзу турунҷаш бошад шарбати қиём кардагиро ба хотир мерасонад.

Баҳори Лолазор хушҳавои дилфиреб аст. Дар дашту даман гулҳои бисьёре мешукуфанд. Махсусан дар домани қатортеппаҳо лола бисьёр мерӯяд. Агар пагоҳирӯзӣ, пеш аз сар задани офтоб баромада ба он тараф нигоҳ кунед, гумон мекунед, ки сар то сари он теппаҳоро бо бахмали сурх пӯшондаанд. Вай суп-сурх, тамоми рӯз чун оташ фурӯзон меистад. Аҷаб нест, ки ба худ номи Лолазорро гирифтани қишлоқ низ аз ҳамин сабаб бошад.

Имсол зимистони Лолазор андаке гарм омад. Оби ҷӯйҳо сахт ях накарданд. Ҳамааш шуда чор маротиба барф борид. Ҳанӯз ба моҳи февраль буданаш нигоҳ накарда, аз рӯи замин ҳавр бардошта мешуд. Барф кайҳо об шуда буд. Дар ҷойҳои офтобрӯя майсаҳо дамида, аз наздик шудани баҳор мужда мерасонданд.

Имрӯз осмон софу беғубор, ҳаво гармакак буд. Ана ҳамин ҳавои мӯътадилро ғанимат донистa, ҳамаи колхозчиҳои Лолазор ба саҳро баромада буданд.

Гурӯҳе бо белу каланд ҷӯю каналҳои атрофи қишлоқро тоза мекарданд. Гурӯҳи дигар ба аробаю тележкаҳо пору бор карда, онро ба заминҳои поёни роҳи мумфарш, ба шолипояҳо бурда мерехтанд. Гурӯҳи сеюм бошанд, ба даст қайчӣ ва аррача гирифта, шохҳои нодаркори себҳои колхозро мебуриданд.

Се-чор нафар бачаҳои синфи шашум аз мактаб меомаданд, ки нохост чашмонашон ба раиси колхоз афтид. Раис аз бачаҳо хеле дур, дар он тарафи тутзор рост истода, бо колхозчиён сӯҳбат мекард. Дар паҳлӯи ӯ боз як одами миёнақади ношиносе меистод, ки дар тан пӯстинчаи чармини сурх дошт. Вай шими галифеи сиёҳ ва мӯзаи хроми нав пӯшида буд.

— Ҳӯ, ана ҳамон касро шинохтетон,— бо нӯки ангушт шахси пӯстинчапӯшро нишон дод Ҳафиза.— Зоотехники калони колхозамон. Номашон Одил амак. Инстутутро ҳамроҳи раисамон тамом кардаанд. Барои сермаҳсул кардани модаговҳои маҳаллӣ кори илмӣ мебурдаанд. Ана барои ҳамин, ба қарибӣ ба Лолазор кӯчида меомадаанд.

Ҳафиза ҳеҷ гоҳ ман-манӣ намекард. Одами худситоро чашми дидан надошт. Бо вуҷуди ин, ба гапи ҳозираи ӯ баъзеҳо шубҳа карданд.

— Гапи беҳуда,— гуфта даст афшонд Аҳмад.

— Чаро беҳуда будааст?— ба ӯ рост нигоҳ карда пурсид Ҳафиза.

— Чунки, чун...— аз саросемагӣ Аҳмад чӣ гуфтанашро надониста монд.— Чунки афташон ба зоотехник ҳеҷ монанд не. Ту аз куҷо медонӣ, ки он кас ҳамроҳи раисамон хондаанд?

— Чаро намедонистаам? — ин дафъа баландтар омада пурсид Ҳафиза,— ҳамаашро аз дадем шунидам. Одил амак шаби гузашта ба хонаи мо меҳмон шуда буданд. Фаҳмидӣ?

Акнун ҳамааш маълум шуд. Бачаҳо медонистанд, ки падари Ҳафиза сарбухгалтери колхоз аст. Вай ҳар рӯз бо роҳбарони колхоз чандин маротиба вохӯрда, бо онҳо сӯҳбат мекунад. Агар падараш гуфта бошад, рост будагист.

Аз байн се рӯз гузашт. Як пагоҳӣ ҳамроҳи Ҳафиза ба синф як бачаи миёнақади тану тӯшдор даромада омад. Вай дар тан пальтои хокистарранг, дар сар телпаки қарокӯлӣ ва дар пояш туфлии сиёҳ дошт.

Нигоҳи оромонааш аз он гувоҳӣ медод, ки вай табиатан вазнини камгап аст. Аммо ҳушьёри рамузфаҳм, ба кори худаш пухта менамуд.

Хонандагони синф дарҳол атрофи ӯро печонида гирифтанд. Вале аз чӣ сар кардани гапро намедонистанд. Ин ҳол бачаи навро торафт дар вазъияти ноқулай мемононд. Вай чашмони калон-калони сиёҳашро гоҳ ба ин, гоҳ ба он хонанда дӯхта, муддате рост истод.

— Бачаҳо, номи ин Тоҳир,— гӯён тантанавор эълон кард Ҳафиза.— Ҳӯ, се рӯз пеш падарашро нишон дода будам-ку. Писари ана ҳамон Одил амак. Дирӯз ба ҳавлии беруни Шарофбобо кӯчида омаданд. Акнун Тоҳир ҳамроҳи мо мехонад.

— Канӣ, набошад шинос шавем,— гӯён ба ӯ як бачаи қоқинаи ҷингиламу даст дароз кард.— Ман Баҳодуров Неъмат.

— Зуҳуров Аҳмад.

— Кенҷаев Салим.

— Иброҳимова Назира.

— Ҳомидов Зокир.

Тоҳир ба ҳамаи хонандаҳо як-як даст дароз кард. Бачаҳо ҳам бо вай гарму ҷӯшон вохӯрдӣ карданд. Сӯҳбат боз канда шуда монд. Гӯё дигар ҳеҷ гапи мегуфтагӣ набуд, ки бачаҳо оҳиста-оҳиста пароканда шуда, ба ҷойҳои худ рафта нишастанд. Тоҳир ҳанӯз ҳам дар миёнҷои синф рост меистод.

— Тоҳир, биё, қатӣ мешинем,— аз дасти ӯ дошта кашола кард Неъмат.— Партаи ман ҷои холӣ дорад.

Тоҳир ғапназада розӣ шуд. Аз паси Неъмат як-як қадам партофта, ба болотари синф гузашт.

— Ана ҳамин партаи мо, шин,— гуфт Неъмат ва ба таъриф даромад:— Рӯйтахтааш васеъ, ҷои сиёҳидон мемондагӣ ҳам дорад. Хоҳӣ ба қафо такья мекунӣ.

Тоҳир портфель ва сиёҳидонашро монду ба парта нишаст. Пояшро дароз карда ба пушт такья кард.

— Нағз,— маъқул кард вай.— Партаи маҳкам будааст. Дарси ҳозираамон чӣ?

— Забони модарӣ,— гуфт дар ҷавоб Неъмат.

Аз он рӯз сар карда Неъмату Тоҳир бо ҳам ҷӯра шуда гирифтанд. Ҳам дар мактаб ва ҳам дар қишлоқ аз якдигарашон ҷудо намешуданд. Ҳатто дарсҳояшонро низ ҳамроҳ тайёр мекарданд.

Тоҳир аз ҳамаи фанҳо баҳои «панҷ» мегирифт. Вай ҳеҷ гоҳ бе тайёрӣ ба мактаб намеомад. Махсусан ба табиатшиносӣ, ба олами наботот шавқу ҳавасаш калон буд. Неъмат кадом вақте ба хонаи Тоҳирино наравад, медид, ки Тоҳир ягон журнал ё ки китоби оид ба табиатро хонда мениишаст.

Неъмат инро медиду гап намезад. Вале ба ҷӯрааш нафаҳмонда дарунноки завқ карда механдид. «Тоҳир бачаи шаҳридия,— мегуфт ӯ худ ба худ.— Ҳушу хаёлаш ба наботот ва долу дарахт. Аз ман пурсад-ку, ҳамаашро фаҳмонда диҳам».

Рӯзҳо мегузаштанд. Фасли зеботарини сол баҳор омад. Рӯз дар миён борон меборид. Баъди шодоб гаштани замин офтоб баромада, бо саховати тамом нурпошӣ мекард. Табиат қолини сабзашро сар то сари қатортеппаҳо паҳн карда, ба зебоии Лолазор ҳусни нав зам мекард.

— Неъмат, — рӯзе ба ҷӯрааш рӯ оварда пурсид Тоҳир, — Ту шафтолу андохтани дарахти бедро дидай?

— Гапҳои аҷоибро мегӯй-и, Тоҳир,— гӯён хандид Неъмат.— Магар дарахти бед ҳам шафтолу мебандад?

— Агар бандад-чӣ?

— Не, бовар намекунам,— рад кард Неъмат.— Дарахти бед шафтолу мебастааст! Гапи намешудагӣ.

Тоҳир мулоимакак хандида, аз оринҷи дасти ҷӯрааш гирифт.

— Набошад гард,— гуфт ӯ.— Ҳозир ман туро ба рӯидаричаамон бурда, беди шафтолу парвардагиро нишон медиҳам.

Гарчанде Неъмат ба гуфтаҳои Тоҳир ҳеҷ боварӣ надошт, бо вуҷуди он дили нохоҳам ба ӯ ҳамроҳ шуд.

Колхоз аз паҳлуи рӯидаричаи Ёқутбибӣ ба Одил амак ҳа-

ётча дода буд, ки андаке замини корам ва дар пешгоҳаш долу дарахти бисьёре дошт. Атрофи он бо devори пахса печонда шуда, аз тарафи кӯча даричаи майдаҳаке дошт, ки ба зулфинаш ҳамеша чӯб хаста мемонданд.

Тоҳир пеш гузашта даричаро кушод. Ҳар ду дохили ҳаёт гардиданд. Онҳо замини холиро бурида гузашта, ба даруни чакалакзоре даромаданд, ки дар он дарахтони мевадору бе мева як ҷо месабзиданд.

Тоҳир буттаҳои пеши роҳашро ба ду тараф хам карда, ба назди дарахте омада истод, ки нисфаш беду нисфи болояш шафтолу буд.

Баробари ин «дарахти сеҳрнок»-ро дидан ҳуш аз сари Неъмат парид. Гӯё ба чашмонаш бовар намекард, ки боз як қадами дигар пеш омада, танаи онро бо нӯки ангуштонаш палмосида дид. Вале ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафт.

Тоҳир танаи банди даст барини дарахти бедро кафонда, аз байни он як шохчаи аз сарангушт ғафстари шафтолуро гузаронда буд. Баргҳои нав баромадаи дарахти бед дар шӯълаи офтоби бегоҳӣ ҷило медод. Муғҷаҳои шафтолу бошанд, мисли донаи нор пур шуда буданд.

— Ин корат бисьёр ғалатӣ-ку, Тоҳир,— ба ваҷд омада гуфт Неъмат.— Дарахти бед хушк намешуда бошад?

— Не, ҳаргиз хушк намешавад,— бо дили пур ҷавоб дод Тоҳир.— Агар саратон, ё ки тирамоҳ мешуд, гапи дигар буд. Аз рӯи ҳисоби пештара моҳи ҳозираро ҳамал меноманд, ки дар ин фасл ҳама набототи рӯи замин дар амал аст. Бинобар ҳамин, каму беш шатта хӯрдани дарахт зарар надорад. Ҷои захм дидааш ба зудӣ ҷӯшида, пур мешавад ва номаълум шуда меравад.

— Инро ман ҳам шунида будам,— гӯён боз кунҷковӣ кард Неъмат.— Лекин ту: «дарахти бед шафтолу мебандад» гуфта будӣ. Канӣ он шафтолу?

— Э, ту ҳанӯз мақсади маро нафаҳмидай,— пештар омада ба маънидод кардан сар кард Тоҳир.— Ана дидӣ, шохи ҳосилдори шафтолуро аз байни танаи бед гузаронидам. Танаи бед шохи шафтолуро ба дарунаш гирифта, оҳиста-оҳиста ҷӯшида маҳкам мешавад. Шафтолу имсол ҳам аз решаи худ, ҳам аз танаи бед озуқа мегирад. Соли оянда решаи шафтолу ва болои дарахти бедро бурида мепартоем. Баъд мебинӣ, ки танааш беду шохаш шафтолу андохтааст.

— Қанд зан-е Тоҳир,— якбора ба ҳаяҷон омада гуфт Неъмат.— Агар ҳамин дарахт шафтолу бандад, ба ту на фақат

бачаҳо, балки одамони калонсоли Лолазор ҳам қоил мешаванд. Медонӣ, сонӣ мо туро «Мичурини Лолазор» меномем.

— Ҷудо муболиға кардӣ-ку, Неъмат,— гӯён хандид Тоҳир. —Ин чизи оддӣ. Ҳар кас таҷриба карда диданаш мумкин. Аммо соли гузашта ман гули сурхро ба дарахти сафедор пайванд карда будам. Ана вай бисьёр аҷоиб шуда буд. Одами дидагӣ ҳайрон мешуд. Куҳансолон гиребонашонро дошта: «Тавба, тавба» мегуфтанд. Ҳатто чанд нафар бачаҳо аз деҳаҳои дигар ба тамошо омада буданд.

— Ба сафедор гуфтӣ-мӣ?

— Ҳа, ба сафедор,— такрор намуд Тоҳир,— аммо бӯи гулаш аз гулҳои муқаррарӣ камтар фарқ мекардааст. Рангаш ҳам сурх не, гулоб мешудааст.

— Ту ин корҳоро аз кӣ ёд гирифтӣ, ҷӯра? — чашмони гӯсфандиашро ба рӯи Тоҳир дӯхта пурсид Неъмат.— Чаро ҳамин қадар чизҳои аҷоибро медонию аз таҷрибаат ба ягон газета мақола наменависӣ. Агар ман ба ҷои ту мешудам...

— Ин корҳо ҳоло ба навиштан намеарзад,— худро ба хоксорӣ зада гуфт Тоҳир.— Аммо ман дар бораи як чизи ғалатӣ фикр карда гаштаам. Агар корам барор карда, таҷрибаам натиҷа диҳад, як навъи серҳосили пахтаро ихтироъ карданам мумкин.

Чашмони Неъмат бо ҳаяҷон дурахшиданд.

— Навъи серҳосили пахта?

— Ҳа, навъи серҳосили пахта,— гӯён гапашро тасдиқ кард Тоҳир.— Медонӣ, кас агар нағз нигоҳубин кунад, аз ҳар гектари он то сад центнерӣ ҳосил рӯёндан мумкин аст.

— Сад центнерӣ? — Неъмат ба рӯи ҷӯрааш нобоварона нигарист.

— Мон ҳамин хел гапҳои беҳударо, Тоҳир. Ин қадар муҳобот чӣ даркор?

— Ҳеҷ муҳобот не,— гуфт боз Тоҳир.— Агар хоҳӣ, ҳамин навъи пахтаро ҳамроҳ мерӯёнем. Аммо замини нағз даркор.

— Дар Лолазор аз замин чизи бисьёр нест, ҷӯра,— фаҳмонд Неъмат.— Дар поёни участкаи таҷрибавии мактабамон чӣ қадар замин бекор хобидааст. Дар ҳамон ҷо мекорем.

— Не, мо пахтаи серҳосилро дар ин атроф корида наметавонем,— рад намуд Тоҳир.— Онро дар чунин ҷое кошта парвариш карданамон даркор, ки чашми ҳеҷ кас наафтад, хилват бошад.

— Чаро? Магар ба он чашм мерасад?

— Не, чашм намерасад-куя,— гуфт бо табассум Тоҳир.—

Аммо «аз тӯй пеш нақора» нашавад мегӯем. Худат медонӣ-ку, баъзе бачаҳо ба чор тараф бонг зада, даррав овоза мекунанд. Баъд тамошобин ҳам бисьёр шуда мемонад. Агар корамон барор кунад нағз-куя. Таҷриба-дия, рафту натиҷа надиҳад.

— Ин фикрат дуруст,— ба мақсади ҷӯрааш сарфаҳм рафта розӣ шуд Неъмат.— Аз ҳамин рӯз сар карда, дуямон шарик-а? Ёфтани замини нағзро ба ман ҳавола кун. Чунин ҷоеро интихоб мекунам, ки онро, ҳатто, дар рӯзи равшан бо чароғ кобанд ҳам ёфта натавонанд.

Тоҳир қаноатмандона ба ӯ даст дароз кард. Дуяшон дастони ҳамдигарро сахт фушурданд.



## ОНАМУРҒИ ЁҚУТБИБӢ

Падари Неъмат пештар колхозчии оддӣ буд. Ҳамин, ки зимистон даромада барф рӯи заминро мепӯшонд, вай милтиқи думилаашро гирифта ба сӯи дарьёбод ба шикор мерафт.

Дарьёбод ҷои васеъ буд. Ҷангалу қамишзорҳои бепоён дошт. Дар он тазарву мурғобӣ, харгӯшу шағолҳо бисьёр буданд. Баъзан қозҳои гардандарози сафед низ омада мемонданд.

Чи хеле ки мегӯянд, хоки падару писарро аз як ҷо бардоштаанд. Агар Неъмат пагоҳ ба шикор рафтани падарашро мефаҳмид, ҳамон шаб ба зудӣ хобаш намебурд. Якзайл пахлу мегашту саҳарии барвақт бедор шуда ба оинаи тиреза нигоҳ карда менишаст.

Падараш, ки дар ҷавонии худ чунин ҳолатро борҳо аз сар гузаронида буд, писаравро ҳеҷ гоҳ ноумед намекард. Ӯро ба шикор ҳамроҳ гирифта мебурд. Ба вай қоидаҳои шикор карданро ёд медод, ба нишон гирифтани харгӯш ва паррандаҳоро меомӯзонд.

Аввали баҳор паррандаву чарандаҳо ба тухму бачамонӣ сар мекарданд. Дар ҳама ҷо шикор манъ мегардид. Садои тир дигар шунида намешуд. Падару писар тӯр ва шастҳоро гирифта ба моҳидорӣ мерафтанд.

Як сол шуд, ки колхозчиён падари Неъматро сардори бригадаи шоликорӣ интихоб намуданд. Акнун ба шикор рафтан

он тараф истад, ҳатто, ба сархорӣ ҳам дасташ намерасид. Бисьёрии умраш дар сари кор, дар саҳро мегузашт.

Неъмат пештар ба бисьёр чизҳо аҳамият намедод. Бо Тоҳир ҷӯра шуду ба воқеаҳои атроф шавқу ҳавасаш зиёд гардид. Ба ҳар як чиз диққат медодагӣ шуда монд.

Ана, вай ба қарибӣ фаҳмид, ки дар Лолазор, дар боғи Мардон амак анҷире будааст, ки соле се маротиба ҳосил баста, онро бемалол мерасондааст. Ба ғайр аз ин, яке аз онамурғҳои Ёқутбибӣ ҳар рӯз тухми дузарда мезоидааст. Боз аҷибаш дар он будааст, ки Ёқутбибӣ ҳар якеи вайро ба пули се тухми оддӣ ҳам намефурӯхтааст. Онро ҷамъ карда, ба мурғи куркшуда хобонида, аз ҳар кадоми вай дутой чӯҷа бароварда мегирад. Ва боз ким-чӣ, боз ким-чиҳои дигар...

Аз ҳамаи инҳо дида, ҳушу хаёли Неъмат бештар ба пахтаи навъи серҳосили Тоҳир гуфтагӣ банд буд. Ба ҳар ҳол, вай анҷири соле се маротиба ҳосил медодагӣ, ё ки тухми дузардаи мурғ не. Пахта! Пахтаи наве, ки ба қавли Тоҳир ҳар як шохчааш садбарг барин кӯрак мебандад. Аз бисьёрии ҳосил барғаш тамоман наменамояд. Фарз кунем, ки як бех ниҳоли он сад дона кӯрак баст. Эҳ-ҳе, оламро пахта зер мекунад-ку!

Неъмат аз чаккаву канори Лолазор чанд ҷойро ба ҷӯрааш нишон дод. Вале ба Тоҳир ҳеҷ кадоми он маъқул нашуд. Зеро бештарини он заминҳо ба пайраҳаву кӯчабоғҳо наздик буданд. Баъзеашон андаке дур бошанд ҳам, атрофашон кушодагӣ, чашми одамон афтида монданашон мумкин буд.

Аз байн як ҳафта гузашт. Тоҳир ба ҷӯрааш рӯирост нагуфта бошад ҳам, ба сабаби ёфт нашудани ҷои муносиб бисьёр ба танг омада буд. Баъзан аз ҳад зиёд зиқ мешуд. Зеро ҳаво рӯз то рӯз тафсида, вақти киштукор наздик мешуд. Аммо онҳо, ҳанӯз замини кишт мекардагиашонро муайян накарда буданд.

Инак, имрӯз ба сари Неъмат як фикри аҷибе расиду вай баъди мактаб ҷӯраашро ҳамроҳ гирифта ба роҳ даромад. Онҳо бо кӯчаи калони қишлоқ қадам зада роҳи мумфаршро бурида гузаштанду рост ба поён, ба роҳи аробагарде даромаданд, ки вай касро ба сӯи дарьё мебурд.

Ду тарафи роҳ заҳбури чуқур буд. Оби сиёҳчатоби он ба тарафи дарьё нигоҳ карда ҷорӣ мешуд. Аз он тарафи заҳбур палҳои пасту баланди шолӣ сар шуда мерафтанд, ки колхозчиҳо ба он пору зада,. шудгор карда монда буданд.

Бачаҳо тақрибан як километр роҳ гаштанд. Ниҳоят, шоли-

поя ба охир расида, роҳ ба даруни қамишзори баланде даромад, ки он тангкӯчаи дарозро ба хотир мерасонд.

Ҳарду ҳамоно пеш мерафтанд. Аз дур як бинои пастаки нимвайронае намоён гардид. Дар пешаш як хари сафед бастагӣ меистод.

— Ана, осиё ҳам намоён шуд.— гуфта нимвайронаро ба ҷӯрааш нишон дод Неъмат.— Пештар дар магазинҳо орд кам буд. Мо ба осиё гандум оварда орд мекардем. Навбат поида, баъзан дар ҳамин ҷо хобида мемондем.

— Мардум ҳозир гандум намебиёранд?

— Мебиёранд,— гуфт дар ҷавоб Неъмат,— Вале пештара барин не. Бисьёр кам. Рауфбобо гуфтанӣ одам осиёбон. Ҳамин ки аз кор дасташ холӣ шуд, даррав як каф кӯкнорро хӯрда, аз болояш чои кабуд менӯшад. Баъд ба сутуни айвон такья мекунаду фишфишкунон пинак меравад. Бангӣ-дия, бангӣ.

Тоҳир аз гапи ҷӯрааш завқ карда хандид. Неъмат ҳамин вақт ба тарафи рост тоб хӯрда, ба пайраҳаи борике даромад, ки ба он як одам базӯр меғунҷид. Ду тарафаш қамишзори хушкидаи зич, ҷо-ҷо буттаҳои ҷангал ва юлғун вомехӯрданд. Акнун ба чашми онҳо ба ғайр аз офтоби шӯълавару осмони кабуд дигар ҳеҷ чиз наменамуд.

— Неъмат, мо куҷо рафта истодаем? — пас аз хеле гаштан пурсид Тоҳир.— Ин пайраҳаат охир надорад-ку, ҷӯра.

— Гаштан гир, қариб омадем,— ҷавоб дод Неъмат.

Боз чанд дақиқаи дигар роҳ гаштанд. Бачаҳо пасу пеш хомӯш мерафтанд. Қамишзор каме тунук шуда, пайраҳа камкам васеъ гардид.

Аз пеш нӯки дарахтони бед ва сафедор намоён шуданд. Тоҳир онҳоро дида гумон кард, ки дар лаби дарьё чакалакзоре будааст. Вале тахминаш нодуруст баромад. Дарьё ҳанӯз дур буд. Ба лаби як наҳри шӯхе расида омаданд. Бари он ҳафт-ҳашт метр, баъзе ҷояш васеътар буд. Оби шаффофаш гирдоб зада, ба рафти маҷрои дарьё ба тарафи ғарб ҷорӣ мешуд.

Дар ду канори наҳр дарахтони пурсалобат саф ороста буданд, ки ба танаи ҳар кадомашон оғӯши ду одам ҳам намеғунҷид, аз боду шамолҳои зӯр ҳам парвое надоштанд. Решаҳояшон гӯё ба қаъри замин даромада буданд.

— Ин наҳрро Шохоб меноманд,— пештари ҷӯрааш омада маънидод кард Неъмат.— Аз рӯи нақли бобоям, Шохоб таърихи аҷибе дорад. Як вақтҳо дарьё аз ҳад зиёд дамида,

як шохаи он ба тарафи қишлоқ ғалт мехӯрад. Тамоми Лолазор ба по мехезад. Аммо оби ғалт хӯрдагӣ ба чор тараф паҳн нашуда, зуд ба хона меафтад. Яъне, ана ҳамин ҷоро кофта ба поён ҷорӣ мешавад. Мардум аз фурсат истифода бурда, даррав ба ду канори он дарахт мешинонанд. Дарахтон ҳам ба зудӣ реша давонда, ду лаби Шохобро бетон рехтагӣ барин маҳкам мекунанд.

— Шохоб ҳозир ҳам медамад?

— Чаро надамад? — гуфт дар ҷавоб Неъмат.— Баробари дарьё оби Шохоб ҳам медамад. Аммо аз сабаби он, ки ду лабаш бо решаҳои дарахтони беду сафедор маҳкам шудааст, ба атроф баромада наметавонад. Вагарна ҳама шолипояҳои колхоз дар зери об мемонд.

— Одамони пештара ҳам бало будаанд-а, — бо табассум гуфт Тоҳир.— Дар ҳақиқат ҷораашро ёфтаанд. Нигоҳ кун, решаи дарахт аз бетон монданӣ надоштааст.

Неъмат рӯ ба боло нигоҳ карда, лаб-лаби Шохоб боз ба роҳ даромад. Тоҳир аз паси ӯ меомад. Онҳо сайру гашт карда ба сари кӯпруке расиданд, ки вай танҳо аз як дарахти сафедори дароз сохта шуда буд.

— Ин кӯпрукро шикорчиҳо сохтаанд,— гуфта ба ҷӯрааш фаҳмонд Неъмат.— Худаш ҳам якто, номаш ҳам Яккачӯб аст.

Ҷӯраҳо паси ҳам ба болои он баромаданд. Ҳарчанд, ки чӯб ғафс ва пурқувват буд, дар вақти гузаштани бачаҳо лаплап алвонҷ хӯрд.

— Шохоб хеле чуқур менамояд-а, Неъмат? — баъд аз гузаштан кунҷковона пирсид Тоҳир.— Ба одами калон қад медода бошад?

— Эҳ-ҳе, ту ба одам мегӯй-я,— бо ғурур гуфт Неъмат.— Боре як шутур афтида беному нишон рафта буд.

— Гашта набаромад?

— Не, набаромад,— сар ҷунбонда ҷавоб дод Неъмат.— Ба фикрам онро наҳанг хӯрд.

— Наҳанг? — Тоҳир чашмони сип-сиёҳашро калон кушод. — Ин об наҳанг дорад?

— Ҳа, наҳанг дорад,— гӯён оромона ба нақл сар кард Неъмат.— Аз рӯи гуфти бобоям, пештар дар Шохоб наҳанг будааст. Вале подабони деҳа намедонистааст. Гӯсолае ба лаби Шохоб хам шуда, аз он об хӯрданӣ шудааст. Наҳанг вайро бо думаш зада ба Шохоб афтондааст. То «ҳайт! ҳайт!»

гўён давида омадани подабон, наҳанг гўсоларо дар як чашм пўшида кушодан фурў бурдааст.

— Боз моро ҳам зада наафтонад, Неъмат? — гуфта хандид Тоҳир.— Биё, аз лаби Шохоб дуртар равем.

— Не, натарс,— гўён ҷўраашро таскин дод Неъмат. — Ҳозир аз он хел наҳангҳо ному нишон намондааст. Агар мебуд, дар вақтҳои моҳидорӣ ба ман вомехўрд.

Неъмат боз пеш даромада роҳ сар кард. Тоҳир аз пасаш меомад. Аз пеши рўяшон девор барин ҷангалзори яклухт баромад. На сараш менамуду на поёнаш.

Неъмат гоҳ хам шуда, гоҳ китфашро яктарафа карда, бо эҳтиёт қадам партофта мерафт. Тоҳир аз ў қафо намемонд.

Бо вуҷуди он, ҷангал ҷангалиашро мекард. Хору пихҳои он ба дасту пои бачахо халида дар андак вақт гурба ханҷол кардагӣ барин харошида гирифт. Бачаҳо бо ҳамин минвол тақрибан як километр роҳ рафта буданд, ки аз пешашон ҷои кушоде баромад. Саҳни он аз рўи ҳавлӣ андаке калонтар буд, дохили работи баландро ба хотир меовард. Зеро гирдогирдашро ҷангали зичи касногузар печонда гирифта буд.

— Ана, нигоҳ кун, замини сернам, дар атроф дарахти баланди соя мекардагӣ нест,— гуфт ба саҳни холӣ ишора намуда Неъмат,— табъи дили ту. Аз назари одамон дур. Кунҷковҳо аз ҳаво парида наоянд, бо рўи замин ба ин ҷо омаданашон душвор.

Тоҳир чизе нагуфт. Вай саросема нашуда, аз таки пояш як каф хок гирифт. Гўё аз даруни он ягон чизи қиматбаҳо меёфта бошад, онро ба ин тарафу он тараф гардонда дид. Чор қадам монда боз аз ҷои дигари замин хок гирифт. Ҳамаи онҳо як хел буданд. Аз афти кор, дигар шубҳаву гумонаш намонд, ки хокро партофту дастонашро афшонда ба ҷўрааш рў овард:

— Хокаш нағз, серғизо барин,— гуфт ниҳоят Тоҳир.— Лекин ба ин замин об аз куҷо меояд?

— Ҳу, ана,— гўён ба тарафи дарьё ишора намуд Неъмат. Дар паси он ҷангалзор Шохоби майдаҳак ҳаст. Аз он ба ин тараф нигоҳ карда ҷўй меканем.

— Ҷўй меканем? — Тоҳир як қад парида ба Неъмат ҷиддӣ нигоҳ кард.— Охир, ҷангал ҷудо зич-ку. Чӣ хел меканем? Душвор намешуда бошад?

— Не, душвор намешавад,— рад кард Неъмат.— Рўзҳои тобистон дароз аст. Ба таътил баромада чӣ кор мекунем? Дигар корамон нест-ку.

Хуллас, замини аз байни чангалзор ёфтаи Неъмат ба Тоҳир маъқул шуд. Вай хатто ба шавқ омада пурсид, ки Неъмат ин ҷойро чӣ хел ёфтааст. Ё ки дар ин хусус бо бобояш маслиҳат карда бошад?

— Не, бо ҳеҷ кас маслиҳат накардаам,— гуфт дар ҷавоб Неъмат.— Ин ҷойҳоро худам нағз медонистам. Ҳамроҳи падарам ба шикор омада, ҳатто чанд бор шабро дар ҷангалзор гузаронда будем.

— Эҳ-ҳе,— хандида мад кашид Тоҳир.— Ман шикорчии номӣ гӯй. Хело хуб, ягон рӯз ин ҳунарат ҳам даркор шуда мемонад.

Бачаҳо пас аз маслиҳатҳои зиёд ба чунин қарор омаданд, ки барои ба кишт тайёр кардани замин бел, каланд, пору ва монанди онҳоро шом, баъди хилват шудани кӯчаи қишлоқ мееваранд. Барои он, ки одамони дидагӣ ба ҳар хел шубҳаву гумонҳо нараванд, ҳамеша бо худ шасти моҳидорӣ ва қуттичаю лойхӯракро гирифта мегарданд. Касе пурсад, «ба моҳидорӣ рафта истодаем» гӯён ҷавоб медиҳанд, вассалом.

Кори ҷӯраҳо барор кард. Онҳо баъди дарс бо ғайрат кор карда заминро дар ду рӯз муддаои табъ ба кишт тайёр карданд. Акнун фақат чигитро коштан монда буду бас.

Бегоҳӣ ҳар ду ба хонаи Тоҳирино омаданд. Тоҳир аввал се банкаи шишаро овард. Баъд халтачаҳои коғазинро бароварда кушод. Дар он се навъи чигити пахта будааст. Онҳо аз чигитҳои муқаррарӣ ҳеҷ фарқ намекарданд.

— Тоҳир, ин чигитҳои худамон барин-ку? — гуфта пурсид Неъмат баробари онро дидан.

— Ҳа, ту чӣ гумон кардӣ?

— Охир, худат «пахтаи мо аз ҳар гектараш сад центнерӣ ҳосил медиҳад» гуфта будӣ,— кунҷковӣ кард Неъмат.— Чигити чунин пахта калонтар намешавад?

Тоҳир беихтиёр қоҳ-қоҳзанон хандида фиристод.

Неъмат аз гапи гуфтагиаш пушаймон шуда, гоҳ ба чигит, гоҳ ба афти ҷӯрааш менигарист.

— Гапат дуруст, Неъмат,— ӯро аз хиҷолат барovарданӣ шуда гуфт Тоҳир.— Ҳар сеяш ҳам чигитҳои муқаррарии худамон. Лекин мо аз инҳо ҳосили баланд рӯёнданамон лозим.

— Бо кадом роҳ?

— Роҳаш бисьёр.— бо андеша ҷавоб дод Тоҳир.— Ман онро ҳозир бо ду даҳон гап фаҳмонда наметавонам. Агар партофта наравӣ, ҳамаашро бо чашми худ мебинӣ. Минбаъд дуямон таҷрибаҳои аҷоиб мегузаронем...

Тоҳир се навъ чигитро ба се зарфи алоҳида андохта, об пур кард. Сонӣ болои ҳар кадомашро бо тахтачае пӯшонида монд.

Сипас дуяшон гуфтугӯ карданд, ки пагоҳ аз мактаб омада чигитро бурда ба замин мекоранд. Аммо чи хеле ки мегӯянд: савдои хона ба бозор рост намеояд. Тоҳиру Неъмат аз мактаб омада истода пай бурданд, ки Зокир аз пасашон афтидааст. Вай гӯё ба ҳамин тараф ягон кори муҳим дошта бошад, худро ба нодонӣ зада, оҳиста-оҳиста қадам партофта меомад. Вале ду чашмашро аз бачаҳо намеканд.

Неъмат дарров ба мақсади ӯ сарфаҳм рафта, бо ишорае ба ҷӯрааш фаҳмонд, ки имрӯз ба ҳеҷ куҷо намераванд. Чунки аз пасашон Зокир омада истодааст. Вай бачаи чандон хуб не. Агар фаҳмад, ки онҳо имрӯз чигит кориданиаанд, ширеши дарахт барин маҳкам часпида мегирад.

Бинобар ҳамин, Неъмату Тоҳир ба ду тараф, ба сӯи хонаҳояшон нигоҳ карда раҳсипор шуданд.

Аз байн боз як рӯз гузашт. Бачаҳо аз мактаб меомаданд. Неъмат ба хонаашон наздик шуда гуфт:

— Тоҳир, ту шастатро гирифта пеш-пеш рафтан гир. Ман зуд аз пасат расида меравам.

Тоҳир рафт. Неъмат ба хонааш даромада, нимта нонро бо мураббои биҳигӣ хӯрда, баъд шаст ва қуттичаи кирми лойхӯракро гирифта ба роҳ даромад.

Бисьёр роҳ нагашта, вай ба роҳи калони мумфарш расида омаду акнун ба тарафи осиё, ба поён рост шуда буд, ки ногоҳ аз пасаш овози Зокир баланд гардид:

— Неъмат! Ҳой, Неъмат!

Неъмат истод. Зокир расида омад. Чашмони майда-майдаи муғулии ӯ каме беҷо буданд.

— Хӯш, куҷо рафта истодай? — калонгирона пурсид Зокир.

— Ба моҳидорӣ.

— «Кӯр шавам» гӯй.

— Охир намебинӣ,— каме дарқаҳр шуд Неъмат.— Ба дастам шаст. Аз рӯи инсоф худат гӯй канӣ, куҷо рафтанам мумкин? Боз қасам хӯр мегӯй. Мон-е.

— Хайр, дарров оташин нашав, Неъмат,— гуфта аз дамаш фуромад Зокир.— Дар воқеъ, Тоҳир канӣ?

— Намедонам,— китфонашро дарҳам кашид Неъмат.— Дар хонаашон будагист.

— Дар хонаашон будагист? — Ана ин гапат дурӯғ,— вай чашмони майдаашро айёрона бозӣ доронд.— Ту худатро ба

соддагӣ назан, Неъмат. Ман аз ҳамааш бохабарам. Ту бо вай ким-чӣ хел сару коре дорӣ.

— Не, набошад ту нафаҳмидӣ,— гуфт худро ҷиддӣ гирифта Неъмат.— Мо ҳар рӯз бо вай моҳидорӣ меравем, ҳамроҳ нишаста дарс тайёр мекунем.

— Гапат рост бошад, гард,— гуфт Зокир.— Рафтем ба моҳидорӣ.

Илоҷи «не» гуфтан, ё ки баҳонаи дигар ҷустан набуд. Бинобар он «сар равад ҳам, сир наравад» гуфтагӣ барин, Неъмат далерона ба роҳ даромад. Ҳар ду аз пеши осиё гузашта, ба лаби кӯле расида омаданд. Чангакро ба об партофта, ба ҷунбидани нуки қаровулак мунтазир шуданд.

Неъмат зоҳиран ба рӯи об нигоҳ карда менишаст. Аммо ҳушу хаёли ӯ бо Тоҳир банд буд. Аз ҳама муҳиммаш, вай чигитро бо чӣ усул корид? Навъҳои тухмиро ба ҳам омехта, кишт кард, ё ки ҳар кадомашро алоҳида-алоҳида?

Неъмат қасдан гап намезад. Вай ҳарчи тезтар аз ин ҷо рафтани Зокирро мепоид. Зокир бошад Неъматро мепоид. Хуллас рӯз гашт карду дуяшон ҳам хеста ба роҳ даромаданд.

Аз пеши осиё андаке гузашта буданд, ки аз пайраҳа, аз байни қамишзор Тоҳир баромада монд. «Кор расво шуд-ку» гуфта аз дил гузаронд Неъмат. Аммо сир бой надода, гап назада ба роҳаш рафтан гирифт. Зокир Неъматро монду ба назди Тоҳир омада, ӯро савол борон кард.

— Ту бачаи аҷиб будай,— гуфт ниҳоят таҷанг шуда Тоҳир.— Фарз кардем, ки ману Неъмат бо як кори муҳим машғулем. Аммо туро ба худ шарик кардан намехоҳем. Хӯш, чӣ мегӯӣ? Зӯриатро нишон доданӣ бошӣ...

— Хайр, шарик намекунетон — чӣ бок?— Зокир бо дасти рост нӯки манаҳашро дошта тоб дод.— Ахирашро мебинам, ахирашро...

— Майлаш, дидан гир,— гуфт паст наомада Тоҳир — Аз дастат биёяд, кӯҳро бардору ба сарамон парто, фаҳмидӣ?!

Бачаҳо то саргаҳи қишлоқ хомӯш омаданд. Баробари аз болои роҳи мумфарш гузаштан сеяшон ба се тараф, ба сӯи хонаҳои худ нигоҳ карда шитобиданд.

* * *

Имрӯз ҳаво соф буд. Неъмат мувофиқи ваъда ба хонаи Тоҳирино омад. Дуяшон мебоист як қисми замини рӯидаричаи Тоҳириноро ба кишти помидор тайёр мекарданд.

Ҳар ду белро гирифта ба рӯидарича омаданд, ки дар он ҷо як гурӯҳ мурғҳои Ёқутбибӣ сайр карда мегашт. Гӯё пешакӣ ёд дода монда бошад, мурғҳо баробари бачаҳоро дидан парида ба сари девор баромаданду худро тап-тап ба ҳавлии соҳибашон партофтанд.

Тоҳир омада кори мурғҳоро диду фиғонаш ба осмон баромад. Онҳо пиёзи нав сабзида баромадаро поймол ва чида хӯрдаанд. Хоки пуштаи сабзиро тит карда, тамоми тухмро ба даруни ҷӯяк фуровардаанд.

Дандони ӯ газ-газ шуд. Чӣ кор кунад, ба кӣ шикоят кунад? Ёқутбибӣ занаки аз ҳад зиёд каҷбаҳси шаттоҳ аст. Дирӯз «мурғони ман пиёз намехӯранд. То ба худам нишон надиҳӣ, бовар намекунам» гуфта ба пеши об чим зада буд. Агар ҳозир рафта гӯяд, аздусар боз бовар намекунад.

— Тоҳир, пеш аз побел чор-панҷ занбар пору андохтан даркор, — гуён ба ҷӯрааш маслиҳат дод Неъмат.— Замин бисьёр беқувват будааст. Ана, нигоҳ кун, ҷираш нест.

Ин таклифи Неъмат риштаи хаёли Тоҳирро канд. Гапи ҷӯрааш ба ӯ маъқул шуд. Дуяшон белҳоро монда, боз ба сӯи ҳавлӣ, барои овардани пору рафтанд.

Муддате нагузашта, онҳо занбари пури поруро бардошта омаданд. Аз дарича даромадан ҳамон Тоҳир дид, ки мурғҳои Ёқутбибӣ аллакай ба рӯидаричаашон гузашта, дар пуштаи сабзӣ хокбозӣ карда истодаанд. Вай дигар худдорӣ карда натавонист. Аз лаби девор кӯлӯхеро канда, аз ҳама калонтари онҳо-онамурғро ба нишон гирифт. Мурғҳои дигар «қа-қа-қа» гӯён парида ба сари девор баромаданд. Аммо онамурғ сечор маротиба қафонокӣ по заду ба ҷӯяи сабзӣ ғелида рафт. Бачаҳо дартоз омада диданд, ки вай аллакай мурдааст.

Ҳуш аз сарашон парид. Ранги Тоҳир коғаз барин сап-сафед канд. Зеро Ёқутбибӣ чунон кампири беибо буд, ки агар ҳозир фаҳмида монад, дуяшонро ҳатман кашола карда ба назди директори мактаб мебурд...

Бачаҳо диккак нишаста мурғро дурусттар диданд. Неъмат онро фавран шинохт. Ин ҳамон онамурғе буд, ки ба қавли Ёқутбибӣ, фақат тухми дузарда мезоид.

— Неъмат, акнун чӣ кор мекунем? — бо ваҳму ҳарос ба атроф нигоҳ карда пурсид Тоҳир.— Тезтар гап зан. Ёқутбибӣ фаҳмида монад, пӯстамонро меканад. Дуямонро ҳам...

Неъмат чӣ гуфтанашро намедонист. Зеро вай аз Тоҳир дида сахттар тарсида буд. Тоҳир ҳамоно тангдилӣ мекард.

— Медонӣ, беҳтараш инро дар ягон ҷо гӯр мекунем,— гуфта маслиҳат дод Неъмат.— Агар ҳамин тавр накунем, кампир аз кофтани мурдаи он ҳам рӯй намегардонад.

Фикри Неъмат ба ҷӯрааш хуш омад. Вай онамурғро ба зери куртааш руст кард ва ҳар дуяшон ба пешгаҳи рӯидарича омаданд. Неъмат саросема ба чуқурчаковӣ машғул шуд. Тоҳир онамурғи «мурда»-ро дар қафояш гузошта, хам шуда хоки чуқурчаро боло мегирифт.

Ҳамин вақт касе гурсӣ худро аз болои девор ба даруни рӯидарича партофт. Тоҳиру Неъмат як қад парида, аз ҷойҳояшон ҷаста хестанд. Ранги рӯи дуяшон ҳам сап-сафед канда, забонашон гирифт.

— Ҳа, охир ба дастам афтидетон? — дандонҳои калон-калонашро нишон дода хандид Зокир.— Ҳозир дуятонро ҳам ба пеши Ёқутбибӣ мебарам.

Тоҳир қиёфаашро дигар накарда, ба замин нигоҳ карда меистод. Неъмат, ки одатҳои Зокирро нағз медонист, беихтиёр ба ваҳму ҳарос афтод.

— Зокир, мо ба ту ҳеҷ бадӣ накардем-ку? — овозашро нарм карда ба зорӣ даромад Неъмат.— Охир, Тоҳир онамурғро куштанӣ набуд. Тасодуфан кулӯх расиду...

— Ту ин гапҳоро мон,— гуфт Зокир.— Манро ба худатон шарик карда мегиретон, ё не?

Неъмат ба як чиз ғуфтан ҷуръат накард. Вай бо назари савол ба сӯи ҷӯрааш нигарист.

— Майлаш, мегирем,— нидо баровард Тоҳир.— Ба шарте, ки кори мекардагиамонро ба ҳеҷ кас нафаҳмонӣ, аз гуфтаамон берун набарой.

— Дастатро те, Тоҳирҷон,— гӯён хурсандона пеш омад Зокир.— Ҳар кас аз ваъдааш гардад...

Тоҳиру Зокир дастони ҳамдигарро сахт фишурда, аҳду паймон бастанд. Неъмат ба он гувоҳ шуд.

Бачаҳо саргарми гуфтугӯ шуда, аз таки пояшон тамоман беҳабар монданд. Онамурғ аз ҷои хобидааш хеста ғайб зада буд. Онҳо саросема ба атроф назар афканда диданд, ки вай ғалтону хезон ба сӯи ҳавлии соҳибаш медавад. Аз хурсандӣ сеяшон қиқиррос хандида фиристоданд.



## ТОЗИИ САИДИ ШИКОРЧӢ

Ба гуфти Неъмат амал карда, Зокир низ як шасти чӯбаш дарозу як қуттича кирми лойхӯракро бардошта ба хонаи Тоҳирино омад. Неъмат дар ҳамин ҷо буд. Онҳо акнун се нафар шуданд.

Тоҳир пеш аз ба роҳ даромадан, мақсадашонро ба Зокир як-як фаҳмонда дод. Зокир дар даст шаст мисли бачаҳои хурдсол дар рӯи ҳавлӣ ба рақс даромад. Акнун шодиву хурсандии вай поён надошт. Агар ҳозир ҷӯраҳояш гап намезаданд, вай бо овози баланд «Ура! Ура!» гуфта дод мезад.

— Ҳой Зокир! Зокир! Худаш чӣ гап? — каме ранҷидагӣ барин шуда ба гап даромад Тоҳир.— Пеш аз пода чанг набардор, ҷӯра. То ихтироъ кардани пахтаи серҳосил гап бисьёр. Фақат чигитро ба замин коридему бас. Гап дар парвариши он. Дар пеш ҳоло кору мушкилиҳои зиёд истодааст. Ту бошӣ аробаро холӣ гирифта мегурезӣ...

— Не, не, ҷӯраҷон,— худро даррав даст гирифта гуфт Зокир.— Ту аз ин тарафаш хотирҷамъ бош. Кӯр шавам, ки хотирҷамъ бош. Охир ман ба ту қавл додам-ку. Наход, ки...

Ҳамин тариқ, сеяшон чӯбҳои шастро ба китф гирифта, сӯҳбаткунон ба роҳ даромаданд.

Ҳаво имрӯз чандон соф набуд. Дар осмон абрпораҳои сафед сайр мекарданд. Офтоб гоҳ мебаромад, гоҳ ба паси абрпораҳо пинҳон мешуд.

Бачаҳо дар қарибии осиё, пеш аз ба пайраҳа тоб хӯрдан бо Мансур амак гуфтанӣ одам рӯ ба рӯ шуданд. Аз чи сабаб бошад, ки вай хеле шитоб карда меомад. Бачаҳо як-як салом доданд. Мансур амак ба саломи онҳо алек гирифту ба Неъмат рӯ оварда пурсид:

— Писарам, Бийиҷон амакатро надидӣ?

— Ҳозир дида будем,— гуфт Неъмат.

— Куҷо рафт?

— Аз афти кор...— як сония фикр карда монд Неъмат,— ба тарафи бригадаи сеюм мерафтанд.

Мансур амак он гапро пурсида, боз қадамашро тезонда роҳашро давом дод. Тоҳир пас аз каме роҳ рафтан якбора хандида фиристод.

— Ҳа, барои чӣ хандидӣ, Тоҳир? — пурсид Неъмат.— Магар ягон воқеаи аҷиб ба хотират расид?

— Не, ҳеҷ воқеа ба ёдам нарасидааст-куя,— Тоҳир ҳамон худро дошта натавониста механдид.— Аммо мардак номи ғалатӣ доштааст-а? Аз рост ҳам номаш Бийиҷон амак аст, Неъмат?

Бачаҳо ба пайраҳа тоб хӯрданд. Неъмат пеш-пеш мерафт.

— Не,— гуфт вай ҳам хаёле табассум намуда.— Номи аслии Бийиҷон амак Мухтор аст. Аммо лақаби «Бийиҷон»-ро гирифтани он кас қиссаи аҷибе дорад. Агар хоҳетон гуфта медиҳам.

— Майлаш, майлаш,— даррав розӣ шуд Тоҳир.

— Мухтор амак як нисфишабӣ хеста ба рӯи ҳавлиашон баромадаанд. Ҳамин вақт аз кӯча шарфаи пои касе ба гӯшаш мерасад: Мухтор амак дарвозаи ҳавлиашонро кушода нигоҳ мекунанд, ки дар кӯча шахсе рафта истодааст. «Аздусар ин лаънатӣ дуздаст,— гуфта аз дил гузарондаанд он кас.— Агар дузд набошад, дар ин бевақтии шаб ин ҷо чӣ номаъқулӣ мекунад?».

Сонӣ зада ба хона медароянду милтиқи думилаашонро гирифта мебароянд. «Дузд» ҳамон бепарво, оҳиста-оҳиста мерафтааст.

— Ҳой нобакор! Ист, ист набошад мепарронам! — аз пасаш дӯғу пӯписа кардаанд Мухтор амак.— Мабодо тир хӯрӣ, гуноҳат ба сари худат.

Ин гапро шунида, «дузд» фиқ-фиқ кунон хандидааст. Аз хандаи вай аламашон омада, Мухтор амак ӯро сур кардаанд. «Дузд» ҳам аввал қадамашро калон-калон партофта, дар охир гурехтааст. Аз ин ҳол Мухтор амак низ шердил шуда, аз қа-

фои вай давидаанд. Вале рафта-рафта «дузд» монда шудааст магар, ки дигар тохта натавонистааст. Масофаи байни дуяшон бисьёр наздик мондааст. Мухтор амак роҳравон ба худ қарор додаанд, ки ӯро бо мили милтиқ нихта карда, пеш андохта ба чойхона, ба дасти қаровули магазин бурда месупоранд.

Дар аснои ҳамин фикру хаёл «дузд» якбора ба он кас ҳамла карда, милтиқро аз дасташон мерабояд. Мухтор амак, ки ҳаргиз чашмдошти чунин ҳол набудаанд: «Вой, бийиҷон» гӯён ба қафо нигоҳ накарда гурехтаанд. «Дузд» бошад акнун он касро то ба таки дарвозаашон пеш карда омадаасту бо қундоқи милтиқ якто ба ҷои нарми пушташон задааст.

Мухтор амак баъди дарвозаро маҳкам кардан, тамоми овозашонро сар дода дод гуфтаанд. Даррав ҳаққу ҳамсояҳо ҷамъ шудаанд.

— Дарро кушоед,— гӯён нидо баровардааст яке аз ҳамсояҳо.— Худаш чӣ гап?

— Ҳа нобакоре,— аз дарун истода ғур-ғур кардаанд Мухтор амак.— Милтиқамро гирифтӣ. Акнун дарро кушоям худамро ҳам нобуд кунӣ-а? Не, кӯр асояшро як бор гум мекунад.

— Мухторбой, ба шумо чӣ шуд? — гуфтааст боз як ҳамсояи дигар аз роғи дарвоза. — Милтиқатонро кӣ гирифт? Дарвозаро кушоед, мо ҳама азони худӣ.

Мухтор амак ғайрат пайдо карда дарвозаро кушодаанд. Атрофашонро одамон печонда гирифтаанд. Он кас воқеаи бо «дузд» рӯй додаро ба ҳамсояҳо аз як сар гуфта додаанд.

Баъзеҳо бовар кардаанд, баъзеҳо «Мухторбой, мабодо аввали шаб хоб-поб надида бошад-а?» гӯён ҳазлу шӯхӣ кардаанд. Бо ин гапҳо як алами Мухтор амак сад алам шуда аст. Аз шиддати қаҳру ғазаб чӣ кор карданашонро надониста монданд.

Ниҳоят, рӯз шудааст. Аз дур ҳамсояи дигари Мухтор амак намоён гардидааст. Вай милтиқи думиларо ба сари китфаш овехта, як даста нони гарм бардошта меомадааст. Одамон ба зудӣ дарк кардаанд, ки ӯ аз нонвойхона меояд. «Ҳозир вақти шикор не-ку? Чаро ин мардак милтиқ бардошта гаштааст?— баъзеашон худ ба худ савол медодаанд.

— Мана, Мухторбой, милтиқатонро гиред,— гуфтааст он мард бо кинояву ришханд.— Аз дасти шумо, милтиқдорон шаб ба кӯчаи деҳи худ ҳам баромада намешавад.

— Э, «дузд» шумо будед-дия, Фозилака!

— Ҳа, ман будам,— бо ханда иқрор шудааст Фозил ака.— «Во, бийиҷон! Бийиҷон! гуфта гурехтагӣ ҳам шумо набудед магар?

Ин гапро шунида ҳама якбора хандидаанд. Аз ҳамон вақт боз Мухтор амак лақаби «Бийиҷон» гирифт. Агар «Бийиҷон амак» нагӯед, баъзеҳо намефаҳманд.

Нақли Неъматро шунида, Тоҳиру Зокир чунон хандиданд, ки аз чашмонашон об баромад. Тоҳир ҳатто, аз ханда чанд маротиба суст шуда, дар роҳаш истод.

Бачаҳо ба сари Яккачӯб расида омаданд.

— Дар кӯҳ сел боридааст,— гуфт Неъмат баробари оби Шохобро дидан.

— Дар кӯҳҳо сел задагӣ барин.

— Аз куҷо фаҳмидӣ? — бо тааҷҷуб пурсид Тоҳир.

— Ана, нигоҳ кунетон,— вай ба даруни Шохоб ишора карда суханашро давом дод:— Об атола барин лой шудааст. Ин моҳиёнро аз камар мебарорад. Минбаъд, ҳар рӯз моҳихӯрӣ мекунем.

Бачаҳо аз болои Яккачӯб гузашта, бо пайраҳаи ҷангал ба участкаи пинҳониашон расида омаданд. Чигит яксара сабзида буд. Ниҳолҳо аллакай дубарга шуда, ба замин ҳусну тароват дода буданд.

— Эҳ-ҳе,— баробари ниҳолҳоро дидан хушҳолона мад кашид Зокир.

— Коратон панҷ-ку. Инро кай корида будед?

— Фақат кори мо панҷ не, Зокир,— гуён сухани ӯро ислоҳ намуд Тоҳир.— Ба ин ҳиссаи ту ҳам мешавад. Пахта аз сни сеямон, фаҳмидӣ?

Зокир хиҷолатомез каме ба замин нигаристу баъд сарашро бардошта гуфт:

— Ман ҳоло ба ҳеҷ коратон ёрӣ надодаам, ҷӯраҳо.

— Дуруст, ёрӣ надодай,— гуфта дили ӯро бардошт Тоҳир.— Лекин дар оянда ёрӣ мерасонӣ. Ҳамин тавр не?

— Албатта,— ваъда дод ӯ.— Минбаъд кори вазнинтарро ба ман фармоетон.

— Боз чатоқӣ накунӣ Зокир? — гуфта хандид Неъмат.

— Не, чӯра, ду чашмам кӯр шавад, ки...

— Қасам нахӯр, Зокир,— гапи ӯро бурида калонсолон барин ба ҷӯрааш маслиҳат дод Тоҳир.— Лафзат ҳалол бошад шуд. Мо ба гуфтаҳоят бовар кардем.

Неъмат ба пахтазор чашм дӯхта дид, ки Тоҳир ҳамон рӯз

ба танҳо буданаш нигоҳ накарда, ба рӯи замин ришта кашидааст. Чигитро ба сояи ресмон нигоҳ карда чунон аниқ коштааст, ки он аз чигити мошин коридагӣ ҳеҷ фарқ намекард. Байни қаторҳо ҳам росту ҳам баробар буданд. Дар ҳар тӯпча се-чор донагӣ ниҳол буд.

Неъмат ҳар қадар зеҳн монда нигоҳ накард, дар кишти чигит ва сабзиши ниҳолҳо тағйироте дида натавонист. Ҳамааш мувофиқи қоидаи агротехникӣ буд.

— Кори байни қаторҳоро кай сар мекунем, Тоҳир? — ниҳоят ба дигар канори қитъа гузашта пурсид Неъмат.— Ба ҷои культивация ҳам каланд мекардагем-дия-а?

— Ҳа, каланд мекунем,— гуфт дар ҷавоб Тоҳир.— Аммо дарҳол не. Аввал ягона кардан даркор. Ниҳолҳо камтар қувват гиранд, сонӣ чобуқро сар мекунем.

Неъмат ба қатори ниҳолҳо як-як зеҳн монда мерафт, ки чашмаш нохост ба изи ҷондоре афтида монд. Ҷондор як тӯб ниҳоли наврустаро поймол карда буд.

— Бачаҳо! Ҳой, бачаҳо!— бо ҳаяҷон хитоб кард Неъмат.— Ин ҷо биёетон! Ин паи чӣ бошад?

Тоҳиру Зокир дарҳол ба назди Неъмат давида омаданд. Гуфти ӯ рост буд.

— Охир, «ба ин ҷойҳо ҳеҷ гуна ҷонзот намеояд» нагуфта будӣ, Неъмат? — Ӯро таъна дод Тоҳир.— Ин паи гӯсфанд бошад, ё буз?

— Не паи ину не паи он,— ҳамон якравӣ мекард Неъмат.

— Паи ҷондори дигар будагист. Охир чор тарафи ин ҷангалзорро об печонда гирифтааст, ҷазира. Агар бузу гӯсфанд қанот бароварда парида наояд, бо пояш омада наметавонад.

— Бачаҳо! — гӯён Зокир ба гап ҳамроҳ шуд.— Дар ҳақиқат ин на паи буз ҳасту на паи гӯсфанд. Ба фикрам паи оҳу аст. Дар ҷангалзор оҳу бисьёр мешавад. Кӯр шавам, ки оҳуро ман як маротиба бо чашми худ дида будам.

— Оҳу гуфтӣ-мӣ? — беихтиёр хандид Неъмат.— Гапҳоят ҳам корат барин делама-делама. Боз «Зокирделама» гӯям қаҳрат меояд. Дар ин ҷойҳо оҳу чӣ кор мекунад, каллаварам? Оҳу бештар дар кӯҳу чӯлу саҳро мегардад. Медонӣ, онҳо ҷойҳои кушод, алафҳои ширини даштро нағз мебинанд.

— Рафту бо ягон сабаб омада монда бошад! — якравӣ кард Зокир.

Неъмат ба ин саволи Зокир фавран ҷавоб надод. Вай абрувони каммӯяшро чин карда, ба хаёли дуру дарозе фурӯ

рафт. Ба назараш, гапи Зокир асос доштагӣ барин менамуд.

Дар воқеъ, дар дунё чи корҳое намешавад. Рафту як гурӯҳ оҳувонро гурге пешандоз карда, аз Шохоб ба ин тараф гузаронда бошад. Ҷангал ҷои беҳавф, чарида мегарданддия. Яккачӯбро надидаанд, ки аз болои он гузашта раванд.

Тоҳир, ки зиндагии оҳувонро нағз намедонист, гоҳ ба рӯи Зокир, гоҳ ба рӯи Неъмат менигарист. Дар байн хомӯшӣ афтод:

Ногоҳ аз тарафи дарё, аз даруни ҷангалзор як тазарв баробари қади дарахт парида хест. Онро як шағоли пашмрехтаи хароб таъқиб карда меомад. Шағол то ба лаби пахтазор давида омаду бачаҳоро дида якбора қафо гашт.

Тазарв ба он канори пахтазор гузашта, худро ба замин партофт. Шояд тири сайёде расида бошад, ки як пои он аз бандаш набуд.

Бачаҳо аввал як қад парида ба атроф нигоҳ карданд. Ҳатто Тоҳир каме саросема шуда монд. Зокиру Неъмат, ки дар лаби Шохобу ҷангалзор бисёр гашта, ингуна воқеаро борҳо дида буданд, якбора аз паси тазарв давиданд. Ба онҳо нигоҳ карда, Тоҳир ҳам аз дунболашон рафт.

Тазарв якпо дарун-даруни ҷанглазор гоҳ ҷаҳидаву гоҳ парида мегурехт: бачаҳо низ ғалтону хезон аз пасаш медавиданд. Ба назарашон ҳеҷ чиз наменамуд. Илоҷе карда онро ба даст даровардан мешуданд.

Тазарв тамоман аз ҳол рафта буд. Дигар мадори ҷастанаш намонд. Ҳамин вақт ба ҷои кушоде баромада монданд. Зокир бо шаст давид, ки тазарвро аз ҳама пеш ба даст дарорад. Аммо ба ҷонвар ҳам ҷон ширинӣ кард. Вай илоҷе карда ба ҳаво хесту ба он тарафи Шохоб парида рафт. Зокир, ки ҳамон бо шаст медавид, гӯё аз таки пояш баромада бошад, «воҳ!» гуфту худро якбора қафо партофт. Неъмат бо зарб омада ба ӯ зад, дуяшон баробар ба замин афтоданд.

Вале онҳо ба якдигар чи қадаре сахт зарб нахӯрда бошанд ҳам, аммо дардро ҳис накарданд. Дуяшон ҳам бо тарсу ваҳм давида аз ҷояшон хестанд. Қути рӯяшон канд.

— Ҳе, зор мон, саги мурдагӣ будааст,— гуфт Зокир бо ду даст сари дилашро зер карда.— Ба назарам паланг барин намуд.

— Ман гург гумон кардам,— базӯр-базӯр нафас гирифта гуфт Неъмат.

Тоҳир низ расида омад. Сеяшон атрофи сагро печонда

гирифтанд. Саги зардчатоби фукаш борик, ки пӯсташ рафта ба устухонаш часпида, буд, мурда барин мехобид. Поҳояш дароз-дароз, шикамаш тамоман ба қабурғаҳояш часпидагӣ буд. Дар ҷасади он ягон нишонаи зиндагӣ дида намешуд.

Як пои пеши саг андаруни дом буд. Дом ба андозаи ду метр занҷир ва дар нӯкаш мехи чӯбин дошт.

Саг аз тарафи Лолазор, аз Шохоб гузашта омада, мехи дом ба душохаи кундаи як бутта андармон шуда буд.

Неъмат сагро дидан ҳамон дар ҳол аз фикраш гузаронд, ки сайёде ба хонаи рӯбоҳ ё ки роҳи ҷайра дом монда будааст, ин саги бечора бо ҳамон роҳ омада, нохост ба дом дармондааст. Мехи онро кашида, аз шиддати дард ба ин тарафи Шохоб гузашта омадааст.

Вай ана ҳамин фикрашро ба ҷӯрааш гуфтанӣ буд, ки нохост Зокир:

— Ҳой, Неъмат, дурусттар нигоҳ кун, магар ин тозии Саиди шикорчӣ нест?

— Дар воқеъ рост мегӯй,— беихтиёр Зокирро нихта карда гуфт Неъмат.— Ин тозии Саиди шикорчӣ. Эҳ, бечора. Чи хел тозии нағз буд-а, Зокир, биё, пояшро аз дом барорем.

Зокир оҳани ду тарафи домро зер карда, пои пеши тозиро аз дом баровард.

Тозӣ аз осоиши ҷон чашмонашро базӯр кушод. Вале мадори нигоҳ кардан надошт. Дарди ҷонкоҳ, гуруснагии чандинрӯза вайро аз ҳол равонда буд.

— Зинда будааст, Зокир.

Тозиро ба Саиди шикорчӣ бурда медиҳем. Ёд дорӣ, соҳибаш инро ба пули як модагов надода буд.

— Ба пули як модагов?— Боввариаш наомада ба рӯи ҷӯрааш ҷиддӣ нигоҳ кард Тоҳир.— Аз ҳад зиёд муболиға кардӣ-дия, Неъмат. Наход, ки як тозиро...

— Ҳеҷ муболиға не,— гуфт боз Неъмат.— Дар Лолазор аз ин нағзтар тозӣ нест. Саиди шикорчӣ ҳар сол бо ин саг даҳҳо харгӯшу рӯбоҳ шикор мекунад.

— Агар тозиаш набошад,— илова намуд Зокир,— Саиди шикорчӣ плани пӯсти рӯбоҳу харгӯшро аз куҷо пур мекунад. Вай тозиашро балки кофта гаштагист.

— Ин тавр бошад, албатта ба соҳибаш бурда додан даркор,— гуфт Тоҳир низ ба фикри ҷӯраҳояш ҳамроҳ шуда.— Гиретон, навбат ба навбат бардошта меравем.

Занҷиру домро Неъмат бардошт. Тозиро Зокир ба сари китфаш гирифт. Тоҳир пеш даромада роҳ сар кард.




## ҒУРРӢ

Қиёми пешин. Ҳаво гарм буд. Зокир чашмонашро базӯр кушода, дид ки дар миёнҷои кӯчаи калони поёни боғи Ҳафизаино, дар рӯи тӯпурхок дароз хобидааст. Ҳарчанд, ки тамоми вуҷудаш дард мекард, ҷаста аз ҷояш хест ва шиму костюмашро афшонда аз хок тоза кард. Дарди ҷонкоҳи пешонааш ба назараш наменамуд. Қоматашро рост гирифта, саросема ба чор тараф нигоҳ кард, ки одам он тараф истад, ҳатто зоғе ба назар наменамояд.

«Хайрият-е,— гуфт вай дар дил ва як нафаси сабуке кашид.— Ҳеҷ кас надид. Вагарна...»

Гарчанд худаш пайхас накунад ҳам, Зокир одами маст барин қадам мепартофт. Гоҳ ба ин тараф, гоҳ ба он тараф калавида роҳ мерафт. Дилаш беҳузур буд.

Вай баъд аз камтар гаштан ҳис кард, ки як тарафи сараш сахт дард мекунад. Ба хаёлаш дард торафт зӯр шуда, пешонааш мех хаста гирифтагӣ барин хала мезад.

Ҷои зарбхӯрдаи пешонаашро дошта дид, ки аллакай ним паллаи чормағз барин варам карда баромадааст.

«Эҳ, лаънатии ғуррие,— ғамгин шуд Зокир,— магар, ҷои дигар набуд, ки омада-омада аз пешонаам зада баромадӣ-а? Акнун чӣ кор кардан даркор? Ба ҳар ҳол, ба модарам ягон баҳона меёбам-ку,— роҳравон аз хаёл гузаронд.— Аммо ба Тоҳиру Неъмат чи мегӯям? Имрӯз рафта пахта каланд

карданӣ будем. « Аз кор гурехт» гуфта фикр намекарда бошанд? Равем ҳам мешавад куя. Лекин одати Неъмат ганда: «Боз деламагӣ кардӣ-дия, Зокир. Наафтӣ намешуд?— гӯён масхара карда ба ҷонам мерасонад. Беҳтараш, имрӯз намеравам. Варами пешонаам то бегоҳ мегаштагист. Пагоҳ ба онҳо ҳам ягон баҳона меёбам-дия...»

Зокир, баъди ҳамин андешаҳо каме далер шуд. Вай ба ҳар эҳтимол роҳи калонро монда, бо пайраҳаи байни боғот, бо роҳҳои пурпечутоби одам намегузаштагӣ ба сӯи хонаашон нигоҳ карда шитобид.

Бахташ тофт. То ба хона расидан дар роҳ ба ҳеҷ кас вонахӯрд. Дари ҳавлиро хоҳарчааш кушод. Хайрият, ки модараш ҳам ба кучое ба меҳмонӣ рафта будааст. Аз ин Зокир хеле хушҳол шуда далерона қадам партофта ба ҳавлӣ даромад.

Вай ҳар замон ғуррии пешонаашро дошта медид. Ба гумонаш ғуррӣ ба ҷои хурд шудан торафт калон мешуд. Акнун дар зери ангуштонаш бемалол чормағз барин варамида хеста буд.

Аз байн ду соат гузашт. Дили Зокир сип-сиёҳ буд. Ба назараш ҳеҷ чиз наменамуд. Вақти баргаштани модараш наздик мешуд. Бинобар ҳамин, вай тоқиашро то болои абрувонаш фуроварда худро ба нодонӣ зада гаштан гирифт. Гумон карда буд, ки модараш пайхас намекунад. Аммо ин тавр нашуд. Модар аз дари ҳавлӣ даромадан ҳамон чашмаш ба тоқии писараш афтиду омада онро болотар бардошт.

— Ҳа, Зокир,— гуфт ӯ бо ҳаяҷон,— ба пешонаат чӣ шуд, писарам?

— Пешпо хӯрда афтидам,— иқроромез ҷавоб дод Зокир.

— Дар куҷо афтидӣ? — боз пурсид модар.— Ин нишонаи афтидан не, ягон кас бо санг задагӣ барин?

— Охир, пешпо хӯрда ба рӯи санг афтидам-дия.

— Чаро пешпо хӯрдӣ? Ту бачаи хурд не-ку?— сари писарашро хам карда, ба варами ғуррӣ зеҳн монд модар.— Ба таки боят нигоҳ карда гардӣ намешуд?

— Дар вақти гаштан не,— гуфта баҳонаи дигар нишон дод Зокир.— Муаллими физкультураамон давонданд.

— Аз давидан сари одам намекафад,— гӯён боз ба кунҷковӣ сар кард модар.— Ҳозир «рӯи санг афтидам» гуфтӣ-ку?

— Охир, муаллимонамон дар санглох давонданд-дия.

— Боз дурӯғ нагӯӣ?— ин дафъа ба рӯи писараш ҷиддӣ нигарист модар.— Агар...

— Не, не,— сухани ўро бурид Зокир.— Кўр шавам, ки дурўғ не. Муаллим дар санглохи поёни мактабамон давонданд.

— Фаҳмида мон, бача,— модар оташин шуда писарашро пешакӣ огоҳ намуд.— Маҷлиси гузаштаи падару модарон моро ҳушьёр кард. Фардо ба пеши директорат рафта, ҳамаашро фаҳмида мегирам.

Модар инро гуфта ба хона даромада гуфт.

Ҳарчанд, ки модар то ҳол ягон маротиба аз хусуси ноқобилии фарзандаш ба мактаб рафта арз накарда буд, дили Зокирро ваҳм гирифт. Хавосаш парешон гардид.

Шаб гузашт. Рўз шуда офтоб баромад. Зокир рўяшро шуста омада ба оина нигоҳ кард, ки ғуррии пешонааш ба ҷои кам шудан калонтар шуда, тағӣ пўсташ нофармон гардидааст. Бо кафи даст молидан он тараф истад, акнун ба вай нўки ангуштро ҳам расонида наметавонист. Чунон озурда буд, ки баробари расидан якбора хала мезад.

Зокир саросема хўрокашро хўрда, портфелашро ба даст гирифту бо пайраҳаи байни боғот давон-давон ба мактаб омад.

Дар синф бачаҳо бисьёр буданд. Аз дар даромадан ҳамон гирди ўро ҳалқа барин печонда гирифтанд.

— Ҳа, чӣ шуд, Зокир?

— Эҳ-ҳ, ғуррӣ муборак шавад.

— Расо қўчкори Садрибобо барин шох баровардӣ-ку, Зокир,— гўён ўро масхара карданд ҳамсинфонаш.— Чаро ба ҳар кас ин қадар чаққа мешавӣ?

— Ба ҳеҷ кас чаққа нашудаам,— гуфт худро ҷиддӣ гирифта Зокир.— Ба модарам ҳезум мешикастам, ки парахаи ҳезум ба пешонаам зад.

Бачаҳо ба ин гапи ў бовар карда, аз ҳазли кардаашон пушаймон шуданд.

— Хайрият ба чашмат нарасидааст, ҷўра,— гуфт ғамхорона Тоҳир.— Чаро ба духтур нарафтӣ?

— Ҳе,— даст афшонд Зокир.— Барои як ғуррӣ ҳам ба духтур равам? Худаш дуруст шуда меравад.

— Рафту ганда шавад,— гуфт Нодира.— Бин, тағаш чӣ хел нофармон шудааст. Ту бо ғуррӣ ҳазл накун. Сар оварда кафиданаш ҳам мумкин. Бинобар ин, зуд ба духтур рав.

Зокир боз даст афшод. Портфелашро ба зери парта гузошта, дар ҷояш нишаст. Ҳамсинфҳояш ҳар қадар зўр назананд, Зокир барои ба духтур рафтан розӣ нашуд. Дар ин

миён садои занг баланд гардиду муддате нагузашта ба синф муаллим даромад. Бачаҳо аз ҷо хеста ба ӯ салом доданд. Қасд кардагӣ барин, чашми муаллим ҳам пеш аз ҳама ба пешонаи ӯ афтид.

— Ҳа, Зокир,— гуфт вай бо тааҷҷуб пештар омада,— ба пешонаат чӣ шуд? Магар бо ягон кас каллаҷанг кардӣ?

Бачаҳо якбора хандида фиристоданд. Муаллим бо як нигоҳи тунд бачагонро хомӯш кард. Зокир алвон барин суп-сурх шуд. Вай бо сари хам гуфт, ки ба пешонааш ҳезум задааст.

— Хайрият, хайрият шудааст,— муаллим низ ғамхорӣ намуд.— Агар каме поинтар мерасид, чашматро нобуд мекардааст. Баъди ҳамин дарс албатта ба духтур рав, фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам,— бо хиҷолат гуфт Зокир.

Дарс сар шуд. Муаллим журнали синфро кушода, ба пурсидани мавзӯи гузашта шурӯъ намуд.

Директори мактаб дар кабинеташ танҳо менишаст. Сарашро аз рӯи миз набардошта, чизе менавишт. Ҳамин вақт дарро тиқ-тиқ кӯфта, ба кабинет модари Зокир даромада омад. Чеҳрааш қаҳролуд буд.

Директор корашро ба як сӯ гузошта, тохта аз ҷояш хест, ба модари Зокир салом дода:

— Марҳамат, гӯён дивани назди тирезаро нишон дод.— Хӯш, хизмат, хола?— пас пурсид ӯ.

— Шумо ҳам директор, ҳам падари бачаҳо,— гӯён гап сар кард модари Зокир.— Албатта, ман писарамро таъриф намекунам. Аз бепадарӣ будагист, ки андаке шӯх, ҳушу хаёлаш ба корҳои беҳуда. Аз солҳои пеш беҳтар шудагӣ. Аммо дирӯз аз мактаб боз бо пешонаи ғуррӣ рафт. Пурсам гуфт, ки «муаллими физкультурамон дар санглох тозонданд». О вай чи хел муаллим будааст, ки бачаҳоро дар санглох метозондааст. Рафту ҳамон санг ба пешонааш нею ба чашмаш расида кӯр мекард? Баъд чӣ мешуд? Наход, ки муаллим ҳамин қадар beпарво бошад?.

Директор дар вазъияти ноқулай монд. Вай аз модар узр пурсида, берун баромаду муддате нагузашта муаллими физкультураро ҳамроҳаш гирифта омад. Ӯро дар рӯ ба рӯяш, дар курсӣ шинонда шикояти модарро гуфта дод.

Муаллим гапҳои директорро шунида, тааҷҷуб кард ва китф дарҳам кашида:

— Ин воқеа дирӯз рӯй дод гуфтед-мӣ? — пурсид ӯ аз модар.

— Ҳа, дирӯз, худи дирӯз, — гапашро тасдиқ кард модари Зокир.

— Мебахшед, холаҷон,— бо табассум гуфт муаллими физкультура.— Дар гармо-гармиаш ба мактаб омаданатон, хеле дуруст шуд. Лекин ин гапи писаратон дурӯғ. Ман дирӯз ба синфи онҳо дарс надоштам. Мувофиқи ҷадвал имрӯз ҳам нест, фардо дарс медиҳам. Ин кор дар вақти дарс не, балки дар ягон ҷои дигар рӯй додагию...

Модар ҳиҷолатомез китф дарҳам кашид. Вай бо чашмони ҳаросон гоҳ ба директор, гоҳ ба муаллими физкультура нигариста монд.

Ҳамин вақт садои занг баланд шуд. Зали мактабро ғалоғулаи бачаҳо фаро гирифт. Шояд ягон коре дошта буд, ки ба кабинети директор роҳбари синфи шашум даромад.

— Марҳамат, шинед,— ба вай ҷой нишон дода гуфт директор.— Шумо ҳозир ба мо бисьёр зарур будед. Нағз, ки худатон омада мондед.

Роҳбари синф аввал бо модари Зокир пурсупос карда, баъд ба директор рӯ овард:

— Хӯш, ба ман чӣ гуфтанӣ будед?

Директор воқеаро мухтасар ба ӯ ҳам фаҳмонда дод.

— Э, ин ғалатӣ-ку,— роҳбари синф низ ба модар нигариста хандид.— Ман ҳозир аз синфи шашум баромадам. Писаратон ба ман гуфт, ки «парахаи ҳезум парида пешонаамро ғуррӣ кард.» Шумо бошед...

Модар дигар худро дошта натавонист. Вай мехост, ки писарашро оварда ба онҳо рӯ ба рӯ кунад. Агар дурӯғ гуфта бошад...

— Хезетон, ҳозир ба синф рафта масъаларо ҳал мекунем, — таклиф кард директор. Бачаҳо, албатта, гуноҳи кардаашонро аз мову шумо пинҳон намедоранд. Боварӣ дорам, ки ҷӯраҳояш аз ин воқеа бохабаранд.

Маслиҳати директор ҳам ба модар ва ҳам ба муаллимон маъқул шуд. Чорашон хеста ба синфи шашум даромаданд. Бачаҳо, ки ба омадани онҳо мунтазир набуданд, саросема шуда монданд.

Ногоҳ портфель дар даст, ба синф Ҳафиза даромада омад. Ҳама ба ӯ нигоҳ карданд.

— Хӯш, чаро дер мондӣ, Ҳафиза? — пурсид директор.

— Пагоҳӣ аҳволи модарам якбора бад шуда монд. Духтур ҷеғ зада омадам, барои ҳамин...

Директор вайро бо ишораи сар «шин» гуфту Зокирро аз ҷояш хезонд.

Зокир ҳеҷ гумон накарда буд, ки ғурриии пешонаи вай боиси ҳамин қадар пурсу ҷӯю кашокаши калон мегардад. Агар парахаи ҳезум парида зад гӯяд, модараш нигоҳ карда истодааст. Айбро ба гардани муаллими физкультура партояд, ҳамаи бачаҳо хеста мегӯянд, ки дирӯз дарси физкультура нашуда буд. «Ин гап дурӯғ. Ин бӯҳтон!» гуфта эътироз мекунанд.

Чӣ бояд кард? Гӯё ба кӯчаи сарбастае даромада бошад, аз ноилоҷӣ гуфт:

— Пешпо хӯрда будам,— бо забони гирифта канда-канда мегуфт ӯ.

— Дурӯғ, тамоман дурӯғ гап мезанад, муаллим,— гӯён Ҳафиза аз ҷояш хест.— Зокир маро намедид. Аммо ман вайро аз дур, аз боғамон дида будам. Воқеаи шудагӣ ҳамин, ки мошини боркашони колхоз аз кӯча гузашта мерафт. Зокир аз пасаш давида, ба тахтаи он часпида баромаданӣ шуд. Вале мошини холӣ аз ҷӯйчае сахт лат хӯрду дасти Зокир аз тахтаи он канда шуд. Вай рӯ ба замин афтид. Фурсати рафта бардоштанам нашуда буд, ки вай бо як азоб аз ҷояш хесту пешонаашро дошта ба роҳ даромад. Ин нишонаи ҳамон.

Бачаҳо якбора хандиданд. Бо вуҷуди ин, Зокир дарҳол таслим намешуд. Вай қавоқашро гирифта, ба сӯи Ҳафиза як теғ кашида нигоҳ кард. Ин нигоҳи ӯ: «Хайр, майлаш. Ягон рӯз ба дастам меафтӣ» гуфтанӣ маъно дошт. Аммо инро бисьёр касон пайхас накарданд.

— Хӯш,— гуфт директор ба Зокир нигоҳ карда.— Ба ин гап чӣ мегӯӣ? Албатта, Ҳафиза дурӯғ намегуфтагист-а?

Зокир сарашро каме бардошт. Аммо барои сухане гуфтан ҷуръат накард. Вай ба ҳамин синну сол даромада, ҳеҷ монанди ҳозира сурху шарманда нашуда буд.



## ФАРҒУЧИ ОСМОНӢ

Тоҳир бачаи вазнини камгап буд. Ба пурсишу кунҷковиҳои зиёд шавқу ҳавас надошт. Бинобарин бо Зокир рӯзе чандин маротиба вохӯрад ҳам, вайро ҳеҷ гоҳ ба гап намегирифт. Воқеаи ғуррии пешонаашро ба ёдаш намерасонд. Ба гуфтору рафтораш эътибор намедод.

Ба назари Тоҳир чунин менамуд, ки дар табиати Зокир рӯз аз рӯз дигаргуние пайдо мешавад. Вай аз пештарааш дида андаке нарм ва камгап менамуд. Беҳудаву беҳуда ба ҳамсинфонаш чаққа намешуд. Махсусан аз Тоҳир худашро кашида меистод. Мабодо бо вай рӯ ба рӯ омада монад ҳам, ба замин нигоҳ карда вохӯрдӣ мекард. Одами рӯяш дуд кардагӣ барин, даррав чашмашро аз нигоҳи вай канда мегурехт.

Тоҳир ҳаракатҳои Неъматро ҳам таъқиб мекард. Ҳамеша даҳонашро мепоид. Вале аз чи сабаб бошад, ки Неъмат бепарво менамуд. Аз хусуси Зокир гап задан он тараф истад, ӯро ҳатто ба хаёлаш ҳам намеовард.

Рӯзе аз мактаб баромада, бачаҳо ба сӯи хонаҳояшон раҳсупор шуданд. Вале бисьёр нагашта, ба ҳар тараф пароканда гардиданд. Дар кӯча ба ғайр аз Тоҳиру Неъмат каси дигар набуд. Онҳо паҳлӯ ба паҳлӯ роҳ мерафтанд.

— Неъмат,— гуфт ҳамин вақт ба ҷӯрааш нигариста Тоҳир. Се рӯз боз дараки Зокир не. Аз афташ, вай аз кори кардаги-

аш шарм дошта гаштааст. Баъди пешин дуямон як ба наздаш равем чӣ?

— Ту бо вай ҷӯрагиро боз давом доданӣ ҳастӣ?

— Ҳа, набошад-чӣ,— гуфт Тоҳир.— Кори вай-ку аз ноомадаш гирифт. Ба ҷои дилашро бардоштан, мо ҳам аз ӯ рӯ гардонем мӣ? Ба фикрам, ин аз рӯи ҷӯрагӣ не, Неъмат...

Неъмат аз роҳаш истод. Бо вуҷуди он, ки дар кӯча касе набуд, вай атрофро як аз назар гузаронда, бо овози паст:

— Ту ҳоло ӯро нағз намедонӣ, Тоҳир,— гуфта фаҳмондани шуд.— Мо Зокирро як сол пеш аз ин ҳам муҳокима карда будем. Вай чанд бор ваъда дод, ки ин корашро дигар такрор намекунад. Ба гуфти мо даромада, интизомашро камтар дуруст мекунад. Аммо боз ҳамон: «аҳмади порсола». Аз дурӯггӯиаш намемонад.

— Хӯш, ту бо ин гапат чӣ гуфтан мехоҳӣ? — кунҷковона пурсид Тоҳир.

— Ман гуфтанӣ, ки — суханашро давом дод Неъмат,— ҳозир баҳонаи хеле нағз ёфт шуд. Зокир худашро аз мо кашид. Акнун вай аз ману ту хафа ҳам намешавад. Чӣ кор мекунӣ ӯро? Мон, ба ҳоли худаш гаштан гирад.

— Гаштан гирад?— Тоҳир ин дафъа ба ӯ ҷиддитар нигоҳ кард.— Мақсади туро нафаҳмида истодаам, Неъмат. Агар Зокир ҳамин тавр гаштан гирад, аҳду паймонамон чӣ мешавад? Охир, мо ваъда дода будем, ки то охир содиқ мемонем, таҷриба мегузаронем, ба ҳамдигар ёрӣ мерасонем. Худат ба он гапҳо гувоҳ будӣ-ку?

— Дуруст, ҳамааш дар ёдам ҳаст,— иқрор шуд Неъмат.

— Агар «меравем» гӯӣ, рафтан мегирем. Хонешон ҳам он қадар дур не. Лекин вай ба қавлаш намеистад. Мебинӣ, ягон рӯз боз пушаймон мешавему...

— Майлаш,— сухани ӯро бурид Тоҳир.— Барои дӯст як маротиба пушаймон шавем, зарар надорад.

* * *

Тоҳир ҳанӯз дар куҷо будани ҳавлии Зокирро нағз намедонист. Бинобар ҳамин Неъмат пеш даромада роҳ сар кард. Рӯ ба боло, ба зери теппаҳои пасту баланд нигоҳ карда мерафтанд.

Ниҳоят, роҳи рафта истодаашон ба тарафи рост тоб хӯрд. Пас аз каме гаштан, Неъмат ҳалқаи дарвозаи дутабақаи кабудро, ки дар паҳлӯяш суфачаи майдаҳак дошт, зад. Муд-

дате нагузашта, онро ба рӯи бачаҳо худи Зокир кушод. Вай дарро кушода ҳайкал барин шах шуда монд.

— Салом, Зокир,— аввалин шуда ба вай Тоҳир даст дароз кард.— Аз хоб хестӣ магар, ки ин қадар карахт менамоӣ?

— Хоб? Магар ман кӯдак будам? — гӯён Зокир саросема ба ӯ даст дод.— Наход, ки дар рӯзи равшан хоб кунам?

— Чаро ин вақтҳо ба назди мо намеравӣ? — гапро якбора ба тарафи дигар гардонд Тоҳир.— Ё ки аллакай ҳавсалаат пир шуд?

— Ҳавсалаам пир нашудааст-куя,— гуфт ба замин нигариста Зокир,— Лекин ман ҳеҷ гумон надоштам, ки шумоён аз пасам кофта меоетон. Охир...

— Чаро кофта намеомадем? — боз пурсид Тоҳир.— Ба осонӣ аз мо ҷудо намешавӣ. Ҳа, инро нағз фаҳмида гир. Агар ба замин дарой аз гӯшат, ба осмон барой аз поят дошта мекашем. Чунки мо бо ту аҳду паймон бастагӣ. Аз ёдат набаровардай?

Ин дам аз дарун модари Зокир баромаду сӯҳбати онҳо бурида шуд. Бачаҳо даррав ба ӯ салом доданд. Зокир ҷӯраҳояшро ба модараш шиносонд.

— Э, ҳа, ҳа — гӯён ба Тоҳир рӯ овард модар.— «Ман писари зоотехник» гӯй. Воқеан, туро бисьёр пайвандчии моҳир мегӯянд, писарам. Ба себи мо ҳам ягонта пайванд мегузарондӣ, хуб дуо мекардам.

— Барвақттар нагуфтед-дия, холаҷон,— афсӯс хӯрд Тоҳир.— Вақти пайванд гузашт... Хайр, ҳамон дарахти себатонро ба ман як нишон диҳед, канӣ.

Модар бачаҳоро ба пешгаҳи боғча бурд. Дар қатори дарахтони мевадори дигар, дар лаби вот дарахти азимҷуссаи себе қад кашида буд, ки хеле пир шуда, шохҳои болояш хушкида буданд.

Аз рӯи гуфтаи модар маълум гардид, ки вай себи яхаки сафед будааст. Бисьёр сероби ширин мешудааст. Дар вақти хӯрдан қарс-қарс мекардааст. Аз ҳамин навъи себ дар Лолазор дар боғи каси дигар набудааст. Модари Зокир мехост, ки илоҷе карда аз вай ҳамин сол пайванд гирад. Вагарна дарахт хушк шуда, зоти себи яхаки сафед гум шуда рафтанаш мумкин.

Тоҳир атрофи себро давр зада, шохҳои ба поён хам шудаи онро зеҳн монд. Себ ба қарибӣ аз гул фаромада буд.

— Вақти пайванд гузашт, холаҷон,— боз гапи ҳозир гуф-

таашро такрор намуд Тоҳир.— Агар розӣ шавед, себатонро фарғуч мекунем.

— Фарғуч? — модар аввал ҳайрон шуд.— Дарахти калонро ҳам фарғуч карда мешавад-мӣ, писарам? Фарғуч кардани буттаи гул, нарти токро дида будам. Боз ин себ ақаллан таknавда ҳам надорад, ки...

Парво накунед, холаҷон,— гуфт боз Тоҳир.— Эҳтимол шумо ин хел фарғуҷро надида бошед, ҳозир ба шумо нишон медиҳам.

Тоҳир ҳамин гапро гуфту ҷӯраҳояшро ба кор андохта, се то чӯби якуниметрӣ ва як тағораи тунукаи кӯҳнаро тайёр кард, нӯки чӯбҳоро тарошида, аз онҳо мех сохт. Сонӣ ба Зокир амр дод, ки мехҳоро ба зери яке аз шохи хам задаи себи яхак ба замин занад. Зокир мувофиқи гуфти ӯ мехҳоро бо мӯҳраи табар ба замин кӯфт.

Неъмат бо гулмехе таки тағораро сӯрох мекард. Вай ба ғалбер монанд шуда буд. Тоҳир онро гирифту ба болои мехҳои чӯбин гузошта, бо се гулмех ба вай фарш кард. Тағора дигар намеҷунбид. Баъд аз ҳамин Тоҳир фармуд, ки ба даруни тағора ду сатил хоки маҳин оварда резанд. Зокир хокро оварда паҳн кард. Тоҳир шохи себи яхакро каме хам карда, ба рӯи хоки лаган хобонд ва онро кашида бо риштае ба таки тағора баст.

Ҷӯраҳояш ба кори ӯ зеҳн монда меистоданд. Тоҳир бо нохунаш ҷои пӯсти шохро зӯру базӯр андаке харошид.

— Чаро навдаро захмдор кардӣ? — бо рағбат пурсид Зокир.

— Сабабашро нафаҳмидӣ?

— Не, нафаҳмидам,— иқрор шуд Зокир.

— Дарахт ё буттаҳое, ки пӯсташон тунуканд,— маънидод кард Тоҳир,— Ҳоҷати харошидан не. Масалан: бед, шамшод, гул, анор, анҷир. Аммо себ, зардолу, шафтолу ва монанди онҳоро харошидан шарт. Агар нахарошем, реша намедиҳад. Пӯсташ андаке ғафсӣ мекунад.

— Токро чӣ? — шавқмандона пурсид Неъмат.

— Ток ҳам анҷиру анор барин,— гуфт дар ҷавоб Тоҳир.

— Як тарафаш ба хок расад, бас. Аз ҳамон ҷо реша додан мегирад.

Тоҳир аз болои шохи фарғучкардаи себ ду сатили дигар хоки маҳин рехта, баъд тағораро бо об пур кард. Бикирбикиркунон ҷӯшида, ҳавои даруни хок баромад. Тағора пури лой шуда монд.

— Тамом, рӯз дар миён ба тағора об андохта истодан даркор,— таъкид кард Тоҳир.— То тирамоҳ аз як ваҷаб зиёдтар реша медиҳад. Соли оянда шохи решадорро бурида, ба ҷои дилхоҳатон мешинонед.

— Бароқа, ёб, писарам, барака ёб,— аз хурсандӣ чӣ гуфтанашро надониста монд модар.— Ана, фарғучи осмониашро ҳам дидем. Вай тавба-е, ин аҷоиб будааст. Акнун ба хона дароетон, бачаҳо. Ман ҳозир ба шумоён тухмбирьён мепазам.

— Раҳмат, холаҷон,— гуфт дастонашро ба рӯи синааш гузошта Тоҳир.— Ягон вақти дигар меоем. Мо Зокирро хабар гирифтан омада будем.

— Ака! Ҳой ака! — аз тарафи дарвоза хоҳарчаи Неъмат намоён шуд.— Ман шумоёнро чӣ қадар кофтам. Тозед! Тозед! Гӯсолаамон ресмонашро канда гурехт.

— Куҷо рафт? — бо ҳаяҷон пурсид Неъмат.

— Ба тарафи осиё фуромада гурехт.

Неъмат, аз паси ӯ Тоҳиру Зокир ҳам давиданд. Модар аз қафои онҳо бо табассум нигоҳ карда монд.



## ГУРБАЧАИ ЗАНГӮЛАДОР

Гуфти хоҳарчаи Неъмат рост баромад. Бачаҳо давон-давон ба поёни қишлоқ, ба саргаҳи роҳи осиё расида омаданд. Гӯсолаи думоҳаи ширмаст, ки шилингҳояш ба монанди поҳои оҳу дарозу нозук буданд, дар канори роҳ алаф хӯрда меистод.

Вай ба сӯи бачаҳо як ало нигоҳ карду думашро хода карда, боз ба поён ба тарафи осиё нигоҳ карда гурехт. Бачаҳо за пасаш давиданд. Гӯсола дар як дам аз назарашон нопадид гардид. Дар ҳаво чангу гарде, ки аз таки суми он бардошта шуда буд, боқӣ монду бас.

Пас аз муддате бачаҳо ба пеши осиё расида омаданд. Аз ҳар тори мӯяшон арақ мечакид. Дилашон гуп-гуп мезад. Гӯсола бошад, дар қафои осиё, дар лаби ҷӯй кайф карда алаф мехӯрд. Ҳар замон ба сӯи бачаҳо як нигоҳ карда мемонд. Неъмат хост, ки аз пасаш омада оҳиста дошта гирад. Аммо гӯсола аз Неъмат ҳам ҳушьёрӣ кард. Дақиқае ба ӯ зери чашм нигоҳ карда истоду худро якбора ба пеш ҳаво дод. Неъмат ба вай расида натавонист. Гӯсола бо шаст аз болои ҷӯи осиё парида гузашт ва боз ба тарафи қишлоқ нигоҳ карда давид.

Аз байн чанд дақиқаи дигар гузашт. Бачаҳо ба обу арақ ғӯтида боз аз пасаш ба қишлоқ омаданд. Аммо ҳар сеяшон ҳам бисьёр монда шуда буданд. Дар охир хаставу шалпар

шуда, давидан он тараф истад, ба тезтар гаштан ҳам мадорашон намонда буд.

Гӯсола дартоз омаду худро ба ҳавлии Ҳусейнбобо зад. Ин ҳолро дида бачаҳо каме хотирҷамъ шуданд. Онҳо гумон карданд, ки гӯсола хоҳу нохоҳ ба пеши гӯсолаи Ҳусейнбобо рафта аввал онро бӯй мекунад. Баъд мумкин аст, ки ба хӯроки он шарик шуда, дар пешаш истад.

Аммо ин хаёлашон хом баромад. Бачаҳо ҳоло ба назди дарвозаи Ҳусейнбобо нарасида буданд, ки гӯсоларо саги сиёҳи ӯ пешандоз карда аз ҳавлӣ баромаду то хеле ҷо сур карда рафт. Хайрият гӯсола чаққонӣ карду саги сиёҳ ба вай расида натавонист. Вагарна вай аз думи зебояш ҷудо шуда мемонд. Гӯсола бо роҳи мумфарш рӯ ба офтоббарои қишлоқ нигоҳ карда давид. Сумҳои он дар рӯи роҳ ба мисли доирамашқ садо мебароварданд.

Ин дафъа Тоҳир дар ҳамин ҷо монд. Неъмату Зокир гӯсоларо аз ким-куҷо гардонда омаданд. Тоҳир пеши роҳашро гирифта, вайро ба ҳавлии Ҳикматбобо ном пирамард, ки дар дамгаҳи кӯча буд, даровард. Хайрият, ки Ҳикматбобо саг надоштааст. Гӯсола дартоз омада ба ҳавлӣ даромаду худро ба даруни оғили холӣ зад. Тоҳир аз думболаш расида омада, ресмончаи калтаҳаки онро дошт. Гӯсола гӯё дар зери борони сел монда бошад, шип-шилта арақ карда буд. Вай тез-тез дил мезад.

Ниҳоят, Неъмату Зокир ҳам расида омаданд. Аз афташон маълум шуда меистод, ки ин кор тамоман ба ҷонашон расида буд. Гӯсола гӯё қаҳри онҳоро фаҳмид, ки ҳаросон худро каме ақиб кашид. Неъмат сари ҷаҳл хост онро ду-се шатта занад. Аммо Тоҳир намонд.

— Чияшро мезанӣ, ҳайвон-дия,— гуфт ӯ.— Агар ақлаш мебуд, ҳамин қадар давида, худашро омада боз ба оғил намезад.

Ҳикматбобо дар хонааш набуд. Кампир ва набераҳои ӯ дар пеши даричае истода, аз тарқиши он ба сӯи ҳавлии ҳамсояашон чашм медӯхтанд. Ба ҳар ҳол, дар он тараф ягон воқеаи аҷибе рӯй дода истода буд, ки кампир ҳатто аз даромадани бачаҳо бехабар монд. Ду чашмашро аз тарқиши дарича ҳаргиз намеканд.

Онро аввалин шуда Зокир пай бурд ва дартоз омада, аз болои сари бачаҳо дароз шуда ба он сӯ нигоҳ кард. Нигоҳ карду лабонаш якбора ба табассум майл карданд. Вай ҷӯраҳояшро бо ишораи даст: «ин ҷо биёетон, ин ҷо биёетон» гуфт.

Бо вуҷуди он, Тоҳир аз кампири Ҳикматбобо шарм дошта, худро андаке кашида меистод. Неъмат ҷӯраашро андеша карда, ба назди ӯ рафтан ё нарафтанашро намедонист.

— Ҳой! Биёетон, ин ҷо биёетон охир,— гуфт овозашро баландтар карда Зокир.— Пишаки Аҳмад ашӯла хонда истодааст.

— Пишак ашӯла хонда истодааст?!— Тоҳир бо ҳайрат ба Неъмат нигарист.— Ин чӣ гап, Неъмат? Пишак ҳам ашула мехонад-мӣ?

— Гард, рафтем,— гуфт ресмони гӯсоларо ба мехи гов баста Неъмат.— Бинем канӣ, пишак чӣ хел ашӯла мехондааст.

Бачаҳо ба назди Зокир омаданд. Онҳоро дида, кампири Ҳикматбобо аз ҷояш хест. Вай бачаҳоро огоҳ кард, ки овоз набароварда, тамошо кунанд.

— Чаро ин тавр мегӯед, бибиҷон? — ба шавқ омада пурсид Неъмат.— Овозамонро барорем, ганда мешавад-мӣ?

— Ганда намешавад-куя,— гуфт дар ҷавоб кампир.— Лекин ба Аҳмад халал нарасонетон, мегӯям-дия. Тирамоҳ боз хуни ҷигар шуда ҷонваронашро машқ медиҳад. Аммо рустӣ. Ин кори ӯро ба ғайр аз мо каси дигар намедонад. Агар ҳозир тамошо карда истодани шумоёнро фаҳмад, вай аз ман сахт хафа мешавад ва мумкин аст, ки даричаро маҳкам карда партояд.

— Вай ин корашро ба ҳеҷ кас нишон надоданӣ-мӣ, бибиҷон? — гуфта кунҷковӣ кард Зокир.

— Чаро нишон намедиҳад? Ба саҳни қишлоқ бароварда, ба ҳамаи одамон намоиш доданӣ,— ҷавоб дод кампир.— Аммо машқаш ҳоло пухта нашудааст. Кадом вақте ки пухта шуд, албатта бароварда ба одамон нишон медиҳад.

— Бибиҷон, шумо хотирҷамъ бошед,— аз номи сеяшон қавл дод Неъмат.— Мо ин корро ба ҳеҷ кас намегӯем. Лекин шумо ба мо ҳаминро фаҳмонед, ки Аҳмад ин ҳунарро аз кӣ омӯхт?

— Аниқ намедонам,— гуфт дар ҷавоб кампир.— Як мардаки дар тӯю маъракаҳо масхарабозӣ мекардагӣ ҳаст-ку. Номаш чӣ буд? Найзонгул. Ду маротиба дидам, ки ана ҳамон Найзонгул дар лаби кат нишаста, ба Аҳмад кимчиҳоро мефаҳмонд.

— Э гапатон рост,— Неъмат низ ба ёдаш овард.— Ман ҳам як маротиба ҳамроҳ гаштани ӯро дида будам.

Кампир ба сӯи хонааш рафт. Бачаҳо даррав ҷои ӯро соҳибӣ карданд. Сеи онҳоро дида, набераҳои кампир низ як-як

хеста рафтанд. Дар пеши дарича фақат Тоҳиру Неъмату Зокир монданд.

Аҳмад ҳамсинфи худашон буд. Вале ӯро ҳозир ҳеҷ шинохта намешуд. Масхарабозҳои цирк барин, аз матои ало-було ба танаш либос пӯшида буд. Дар сараш бошад аз коғази кабудчаи ғафс кулоҳ дошт. Ба рӯяш ҳам сурхию сафедӣ молида буд. Дар даст ишорачӯби борики сурхро гирифта, бо ёрии он ба ҷонварон амру фармон медод.

Аз сари пояи кат ба чӯби ток сим кашида шуда буд. Вай тори танбур барин таранг меистод.

Аҳмад ба таки кат хам шуду аз он ҷо гурбачаеро гирифт, ки дар гӯшҳояш зангулача дошт. Зангӯлачаҳо гӯшҳои вайро қадаре ба поён хам карда, дар вақти қадам партофтан ҷингир-ҷингиркунон садо медоданд.

Аҳмад гурбачаи зангӯладорро ба болои кат монду бо нӯки таёқча ким-чӣ хел ишорае карда буд, ки вай давида ба болои пояи кат баромад ва аз он ҷо ба рӯи сим далерона қадам партофт. Ҳаракати гурбачаи зангӯладор ба дорбозҳое монанд буд, ки дар болои дор белангарчӯб наҳаросида медавиданд.

— Э, э Зокир,— пичиррос зад Неъмат.— Аҳмад бало шудааст-а? Вай пишакро чӣ хел ба гапаш даровард?

— Ҷим, овозатонро набароретон,— гуфт Тоҳир низ пичиррос зада.— Нигоҳ кунем канӣ, боз чӣ кор мекунад?

Аз ҳаракати гурба маълум шуда меистод, ки вай хеле машқ дида буд. Дар болои сим мувозинаташро дуруст нигоҳ дошта, далерона қадам мепартофт. Баробари ҳамин ба фармондеҳии таёқчаи сурхи соҳибаш ҳам нигоҳ карда мемонд.

Чун аз болои сим он тараф гузашт, Аҳмад сари гурбачаи зангӯладорро сила карда, ба даҳони вай чизе дошт. Гурбачаи зангӯладор думи борикашро ҷунбонда-ҷунбонда онро фурӯ бурд.

Баъд аз ҳамин, Аҳмад нӯки таёқчаи сурхашро ба кор андохта, ба пои пушти гурбачаи зангӯладор оҳиста-оҳиста нихта кард. Гурбача ба иҷрои машқи нав шурӯъ намуд. Ин дафъа вай ду пои қафояшро ба ҳаво бардошта, ба ду пои пеш аз болои сим гузашт ва боз мукофот гирифт.

Аҳмад баъди ҳамин аз кисааш зангӯлаеро бароварда, онро бо як мақоми аҷиб ҷингир-ҷингир зад. Ин садоро шунида гурбачаи зангӯладор давида ба рӯи ҳавлӣ фуромад. Аз таки замин баромадагӣ барин, аз куҷое як саги ҷингиламӯи сап-

сафед пайдо шуд. Як мурғи кулангии сурх, ки поҳои дароз ва ҷуссаи басо калон дошт, як-як қадам партофта омад. Ду кабӯтари сап-сафеди парпо парвозкунон аз лаби бом ба поин фуромаданд. Дар як дам рӯи ҳавлӣ бо паррандаву ҷонварон пур шуда монд.

Бачаҳо аз тамошои ин манзара моту мабҳут ба ҳар як ҳаракати Аҳмад ҳарисона нигоҳ мекарданд. Неъмат ногоҳ Тоҳирро нихта карда:

— Сагу пишак чӣ гуна ба ҳамдигар ошно шудааст-а? — гӯён бо тааҷҷуб пурсид.

— Ҳамаи гап дар ҳамин-дия,— пичирросзанон ҷавоб дод Тоҳир.— Ту сагу пишак мегӯӣ. Пишаку кабӯтар-чӣ? Гумон мекунӣ, ки онҳо ба ҳамдигар дӯстанд? Агар ногоҳ ба хонааш роҳ ёбад, як пишак чанд то кабӯтарро нобуд мекунад.

— Рост, ин гапат ҳам рост,— қаноатмандона сар ҷунбонда монд Неъмат.— Ба ӯ қоил шудан даркор, ин кори осон не. Аҳмад ҳозир аз устодаш Найсонгул ҳам гузаронд.

Ҳамин вақт Аҳмад боз ҳамон зангӯлаашро ба мақоми дигар навохт. Саг ба тарафи дарвозахона нигоҳ карда рафт. Гурбачаи зангӯладор ҷаҳида ба болои кат баромад. Мурғи кулангӣ ба зери гулбутта даромада рафт. Кабӯтарон парида ба лаби бом баромаданд.

— Ҳалолат бод, Аҳмад!— ғоибона ӯро таъриф намуд Тоҳир.— Ба вай офарин гуфтан даркор.

— Ман ба ӯ қоил,— илова намуд Неъмат.— Балки ин ҳоло як қисми ҳунараш будагист. Агар ҳамаашро нишон диҳад...

Бачаҳо аз таки дарича хеста, ноаён ба сӯи оғил раҳсипор шуданд.

— Ба назари ман, ҷонваронро ёд додан кори чандон душвор не,— рафта истода ба гап даромад Зокир.— Аммо ҳамаи онҳоро ёфтан мушкил.

Тоҳир зери лаб хандид.

— Баръакс, ҷонваронро ҷамъ кардан осон, Зокир,— гӯён сӯхани ӯро рад кард Неъмат,— вале онҳоро ёд додан, ба ҳамдигар дӯст кунондан барин кори сахт нест.

Зокир бепарвоёна даст афшонд.

— Ту нафаҳмидӣ, Неъмат,— гуфт ӯ.— Онҳоро ба ҳамдигар унскунондан кори осон. Се сол пеш аз ин ман аз танаи ҷарӣ бачаи як зоғчаро гирифта омадам. Ба гапам бовар кун, ки вай дар байни як ҳафта ба ман одат кард. Ба куҷое «шин!» гӯям менишасту «хез!» гӯям мехест. Дар хона Мош

гуфтанӣ пишакамон ҳам буд. Моши лаънатӣ ба зоғча ҳеҷ рӯз нишон намедод. Ҳамеша поида мегашт. Атрофро хилват ёфта, онро дошта хӯрданӣ мешуд.

Ман нияти бади Мошро ба падарам гуфтам. Падарам зоғчаро ба пеши пишак монда ба нӯки бинии вай се хӯпок заданд. Пишак одами маст барин калавида рафт. Ҳамин шуду вай дигар ба пеши зоғча наздик намеомад.

— Зокир, ин гапҳоро мон,— гуфт Тоҳир.— Балки ҳамин тавр шудагист. Лекин ту худатро бо Аҳмад баробар накун.

— Чаро баробар накунам? Ту ҳоло ба гапам бовар накардӣ? — каме ранҷидагӣ барин шуда ба сухан даромад Зокир.— Ман дар ин бобат таҷриба дорам, ҷӯра. Ана, худи Неъмат ҳам гувоҳ ки соли гузашта як саги ало доштем. Ман ба вай ҳатто хандиданро ёд дода будам.

Тоҳир ба рӯи Зокир ҷиддӣ нигоҳ кард.

— Саг механдид? Не, ин гапат дурӯғ.

— Кӯр шавам, ки механдид,— гӯён ҷӯраашро бовар кунонданӣ шуд Зокир.— Медонӣ, баъзан лабашро инҷ мекард. Баъзан ҳатто оби чашмонаш мебаромад.

— Гӯй канӣ, сагро чи тавр механдондӣ? — ба шавқ омада пурсид Тоҳир.

— Ба сагам ду қалам помидори пухтагиро медодам,— гуфта ба нақл сар кард Зокир.— Саг онро кайф карда мехӯрд. Сонӣ боз як қалам помидорро мегирифтаму ба дарунаш як каф қаламфурро андохта, ба пешаш мепартофтам. Саг онро саросема ба даҳонаш гирифта мехоид ва илоҷе карда фурӯ мебурд. Албатта, рӯи забонаш сахт ба сӯзиш медаромад. Саг дандонҳояшро инҷ карда ба хандидан сар мекард.

— Ин ҳилаи ту ҳеҷ гап не,— Неъмат низ тафсида рафт.— Шумоён рақс кардани ғукро дидаетон?

— Не, надидаем,— гуфтанд Тоҳиру Зокир баробар.

— Агар ҳозир шаб мешуд, ман онро ба шумоён нишон медодам. Вай...

— Ваятро мон, ҷӯра,— сухани Неъматро бурид Зокир,— гӯй чи тавр ғукро ба рақс медарорӣ?

— Ғукҳо баъд аз торик шудан ба шикор мебароянд,— ба нақл сар кард Неъмат.— Онҳо бештар ба ҷойҳои равшанӣ мерасидагӣ меоянд, ки хомӯшак, мӯрча, гамбӯсакҳо бисьёр мешаванд. Чизи ба назарашон намудагиро зинда ба зинда фурӯ мебаранд. Агар вақти шикор карда истоданашон, нахӯд барин лахчаро ба пешашон ғелонда фиристонед, онро ганбӯсаки сурх пиндошта саросема ба даҳонашон меги-

ранд. Лахча ба комашон часпида, ба сӯзиш меорад ва ғукҳо чунон ба рақс медароянд, ки мондан гиред.

Тоҳир аввал як хандиду дарров чеҳраашро ҷиддӣ сохта:

— Ба назари кас кори дуятон ҳам бисьёр аҷоиб менамояд,— гуфт ӯ чун калонсолон.— Аммо нағз не. Сагу ғук ба шумоён чӣ бадӣ кард? Онҳоро беҳуда озор медодаетон.

Неъмат аз гапи гуфтагиаш сахт пушаймон шуд. Вай омада саросема ба ресмони гӯсола часпид. Аммо Зокир парвое надошт. Ӯ худро ҳозир чунон вонамуд кард, ки гӯё дар байн ҳеҷ гапе нашуда бошад.



## МОШИНЧА

Зокир ба хона омада, бо корҳои модараш фармудагӣ машғул шуд. Пеш аз ҳама рафта аз ҷӯй об овард. Говро ба ҳавлӣ дароварда баст. Алаф дарвида ба пешаш партофт. Вай аз сидқи дил ҷунбуҷӯл мекард. Аммо ҳушу хаёлаш ба гурбачаи зангӯладор, саги сафед, мурғи кулангӣ ва кабӯтарҳои бозингари Аҳмад банд буд.

«Аҷоиб-а, Аҳмад онҳоро чӣ тавр ёд дода бошад? — худ ба худ савол медод Зокир.— Ё ки бо вай вохӯрда, чӣ гуна ёд доданашро пурсам-мӣ? Не, дар он сурат ваъдахилофӣ мешавад. Охир, ба кампири Ҳикматбобо қавл дода будем, кӣ...»

Шаб даромад. Вақти хоб шуд. Вале хоби Зокир ба зудӣ набурд. Фикраш ба хаёлҳои беохир банд буд. Якзайл ба пеши назараш ҳамон манзара: бозии гурбачаи зангӯладор, саги сафед, мурғи кулангӣ ва кабӯтарони Аҳмад менамуданду халос. Дид, ки ҳеҷ намешавад, кӯрпаро ба сараш кашида чашмонашро маҳкам пӯшид.

...Ба ин гапи нав гӯш кунед, ки гови чанбаршохи Зокирино аз болои шонааш ду қаноти чорунимгазӣ баровардааст. Зокир бошад, дар болои шонаи чанбаршох кайф карда нишастааст.

Чанбаршох дар ду тарафи китфаш ду мурват доштааст. Агар мурвати тарафи рости онро тобед, чанбаршох мисли

самолёти Ил-18 ғурросзанон ба осмон бардошта мешудааст. Чапашро тобед, ба ҷои дилхоҳатон беозоракак омада менишастааст.

Мана, Зокир мурвати тарафи рости онро сахт тофта буд, ки чанбаршох замину осмонро ба ларза даровварда, бо ғурроси зўр ба осмон бардошта шуд. Болои Лолазорро як давр зад, Чашми Зокир нохост ба мактабаш афтида монд. Вай шояд чанбаршохи парвозкунандаашро ба ҷўраҳояш нишон доданӣ шуд, ки мурвати тарафи чапашро тоб дода, онро беозоракак дар болои боми мактаб фуровард. Ҷўраҳояш аз поён истода: Ба чанбаршохат моро ҳам савор кун, Зокир! гўён фарьёд мекарданд. «Не! Намемонад!— мегуфт аз боло истода Зокир.— Одати чанбаршох ганда. Каси бегонаро намемонад».

Бачаҳо ҳамон зорӣ карда, ба сўи ў даст меафшонданд. Ҳамин вақт як шифери боми мактаб қасарросзанон шикасту як пои чанбаршох ба сўрохии он даромада рафт. Зокир як қад парида чашмонашро кушод, ки ҳамаи ин хоб будааст. Дилаш сахт-сахт метапид. Тамоми узваш мисли барги бед меларзид.

Бисьёр нагузашта рўз шуд. Зокир баъди ношто ба мактаб омад. Вай аз рўи эҳтиёт як назар ба бом нигоҳ кард. Дар он ҷо ба ғайр аз як ҷуфт мусичае, ки беист ку-ку-ку, ку-ку-ку, мегуфтанд, чизи дигареро надид.

Зокир ба дарун даромада Аҳмадро дид. Боз корҳои дирўзаи ў ба хотираш расид. Қариб буд, ки қоҳ-қоҳ занон хандида фиристонад. Илоҷе карда худдорӣ намуд.

Неъмат пеш аз тамом шудани дарс Зокирро огоҳ кард, ки имрўз баъди пешин ба сари пахтазор мераванд. Шикамашро сер карда, ба саргаҳи роҳи осиё баромада истад.

— Чӣ кор мекунем? — пурсид Зокир.

— Пахтаамонро хабар гирифта меоем,— гуфт дар ҷавоб Неъмат.

— Майлаш, меравем,— ваъда дод Зокир.— Аммо худатон дер намонетон.

Бачаҳо аз мактаб баромада, ба ҳар сў пароканда шуданд. Яке ба дўкон, дигаре ба хона, сеюмин ба пеши падараш мешитобид.

Баъди ба хона омадан, фикри Зокир якбора дигар шуд. Дар пеши назараш боз ҳамон гови чанбаршохи қанотдор намоён гардид, ки гўё «Биё Зокир, бар болоям савор шав, қишлоқҳои ҳамсояро давр занонда меоям» мегуфт.

Зокир ба сутуни айвон такья намуда, боз ғарқи хаёлҳои беохир гардид. «Тоҳир навъи серҳосили пахтаро ихтироъ карданист, ки ҳар шохчааш шада-шада кӯрак мебандад. Аҳмад бошад саг, гурбача ва ҳатто мурғу кабӯтарҳоро ёд додааст,— мегуфт ӯ худ бахуд.— Чаро ман ягон чизро ихтироъ карда наметавонистаам? Ё ки каллаам аз каллаи дигарон фарқ мекунад. Не, набояд ин тавр бошад. Зеро ақлам ба ҳама кор мерасад. Балки ҷиддитар фикр карданам лозим будагист».

Ҳамин тариқ, Зокир чанд дақиқа дар зери сутун хаёл карда нишаст. Аммо аз он ҳеҷ мурode ҳосил нашуд.

Ниҳоят зиқ шуд. Хеста ба берун, ба рӯи боғашон баромад. Баромаду нохост чашмаш ба фарғучи осмонӣ афтид. Сатилро гирифта ба зери он об андохт. Баъд ба себи яхаки сафед зеҳн монда нигоҳ кард, ки боз ду шохи дигари фарғуч мешудагӣ доштааст. Усули кор фармудаи Тоҳирро ба ёд оварда, ду шохро низ фарғуч кард.

Бегоҳӣ модараш аз кори колхоз омада, дид, ки дар рӯидарича фарғучи осмонӣ сето шудааст. Писараш ба зери онҳо об мерехт.

— Ин шохҳоро худат фарғуч кардӣ? — аз ӯ пурсид модар.

— Набошад кӣ мекард? — гуфт бо табассум Зокир.— Дуяшро ҳам худам кардам.

— Бале писарам,— гӯён ӯро оғӯш карда аз пешонааш бӯсид модар.— Аз қадат гардам. Ана ин хел корҳоят маро хурсанд мекунад.

Аммо худи Зокир аз ин кораш чандон шод набуд. Зеро ним рӯзаш беҳуда гузашту вай ягон чизи навро ихтироъ карда натавонист. Боз дар зери сутуни айвон нишаста, ғарқи фикру хаёл гардид. Ба пеши назараш гоҳ чанбаршохи қанотдор, гоҳ ҷонварони Аҳмад намоён мешуданд. Аз ин як аламаш сад алам мешуд.

Инак, аз берун, аз тарафи дари ҳавлӣ додарчааш даромада омад. Вай мошинчаи боркашонро аз нӯки ресмонаш кашола карда меомад, ки дар болояш як миқдор сангчамайдаву хок дошт. Чархҳои вай аз тангаи панҷтинӣ саҳл калонтар буд. Вале равон, бисьёр нағз давр мезад.

Дар айвон, дар болои кӯрпача гурбаашон Мош мехобид, ки дарозиаш саҳл кам як метр меомад. Афташ ҳам ба бабрҳо хеле монанд буд. Онро диду дар сари Зокир як фикри аҷибе пайдо шуд.

Ҳозир ресмони мошинчаро ба гардани Мош баста, онро дар рӯи ҳавлӣ аз ин тараф ба он тараф кашола мекунонад. Мош оҳиста-оҳиста ба ин одат мекунад. Вақте ки худи гурба мошинчаро бемалол мекашидагӣ шуд, баъд сето мушро ёд дода, онҳоро ба болои мошинча савор мекунонад. Мушҳои сафед ба мақоми по партофтани гурба нигоҳ карда дойра мезананд.

Не, не фикраш чандон пухта набаромад. Мушҳо дойра зада наметавонанд. Беҳтараш, Зокир барои онҳо зоғомаҳои майда-майда месозад, ки аз доира ҳам баландтар садо медиҳанд.

Зокир ана ҳамин гапҳоро аз дил гузаронда, ба назди додарчааш омад. Модараш дар сари оташдон диккак нишаста, аз чова ба дег равған меандохт. Дар оташдон бошад, ҳезуми дарахти мевадор суст дар мегирифт.

— Маъруф, биё, ресмони мошинчаатро ба гардани Мош мебандем — гуфт Зокир.— Канӣ, онро кашола карда метавонад, ё не?

Маъруф ба ҷои «не» гуфтан гарданашро андаке яктарафа кард. Чӣ кор кардан даркор? Агар ҳозир Зокир онро ба зӯрӣ кашида гирад, Маъруф хоҳу ноҳоҳ ғавғо мебардорад. Балки давида рафта ба модараш хабар мекашад. Бинобар ҳамин Зокир ба хона даромада, ду дона конфети «калити тилло»-ро бароварда ба ӯ дод.

Рӯи конфет гармӣ кард. Маъруф онро аз кафи бародараш чанг зада гирифту нӯги ресмони мошинчаашро ба вай дод.

— Боз гардонда медиҳед-а? — таъкид карда монд бача.

— Албатта,— гуфт Зокир.

Маъруф худро ақибтар кашид. Зокир аввал хоки мошинчаро рехта, дарунашро тоза кард. Сонӣ ба хона даромада, аз он ҷо як метр барин ресмони маҳкамро ёфта баромаду як нӯги онро ба мошинча баст. Акнун вай дуресмона шуда буд. Ресмонҳои он шотуи фойтун, аниқтараш, шотуи аробаро ба хотир меовард, ки пештар дар кӯчаҳои шаҳру қишлоқ бисьёр вомехӯрданд.

Конфет дар даҳон, Маъруф ба корҳои бародараш зеҳн монда меистод. Вай конфетро хӯрда шуда, мошинчаашро гардонда гирифтанӣ буд.

Ҳар ду ба пеши Мош омаданд. Вай сарашро ба болои ду пои пешаш гузошта баҳузур хуррак кашида мехобид. Аз кору мақсади соҳибонаш тамоман бехабар буд.

Зокир нӯки ду ресмонро ба гардани Мош чунон маҳкам

карда баст, ки аз он ба осонӣ халос шуда наметавонист. Акнун Мош аспу мошинча ароба шуда буд. Дар болои он фақат якто аробакаш намерасиду бас.

Мош, ки бағоят танбали камҳавсала буд, аз хоб чашмонашро базӯр кушоду фориғболона аз ҷояш хест. Сонӣ ду пои пешашро муддаои дилаш дароз карда як хамьёзаи чуқур кашид. Афти ҳозираи вай бешубҳа, бабрро ба хотир меовард. Вай ҳанӯз ҳам аз ресмони ба гарданаш басташуда бехабар буд. Гурба сонӣ бемалол нишаста, ба «шустушӯи» дастонаш сар кард. Агар мемонданд, балки ба тоза кардани рӯяш ҳам шурӯъ мекард. Вале Зокир онро ба ҳоли худаш нагузошт. Аз паси гарданаш дошта, зӯру базӯр кашолакунон ба роҳ даровард. Чархҳои мошинча низ ба ҳаракат даромаданд.

Ҳилаи бародараш ёфтагӣ ба Маъруф хеле маъқул шуд. Вай завқ карда механдид. «Ака! Мошро кашола кунед! Тезтар кашола кунед!» мегуфт.

Мош ҳамон майлу рағбати гаштан надошт. Базӯр якто-якто қадам мепартофт. Зокир дид, ки вайро ба ин роҳ ёд додан амри маҳол аст. Бинобар ин ҳилаи дигар ёфт: ба дасташ як бурда нонро гирифта, онро аз дур ба он нишон дод. Мош бӯи нонро гирифта, ба пеш якто-якто қадам мепартофт. Аниқтараш, мошинчаро кашолакунон ба ин канори айвон меомад. Зокир ба вай камтарак нон медоду худаш боз он канори айвон мегузашт. Ин кор чанд маротиба такрор ёфт. Мош аз ин нағмаи ёфтаи Зокир дилгир шуда гоҳ-гоҳ: «Акнун бас кунетон, ба ҷонам ҳам расидетон-ку» гуфтагӣ барин мияв-мияв мегуфт.

Дар сари Зокир боз як фикри нав пайдо шуд: «Агар ҳозир ба ҷои нон гӯшти лаҳм, ё ки гушҷишки зиндае мебуд, — гуфта аз дил гузаронд ӯ,— Мош мошинчаро ба он сари дуньё гӯям ҳам мебурд. Ҳа, ёфтам, ёфтам! Аввал камтар гӯштро ҳозир карда, сонӣ ба машқ сар карданам даркор».

Бо вуҷуди он, шодиву хурсандии Зокир ҳадду канор надошт. Вай қариб, ки дар рӯи айвон ба рақс дарояд. Зеро Мош ба кашола кардани мошинча қариб одат карда монд. Акнун ду-се то муш ёфтан даркор буду халос.— Агар рангги онҳо сафед бошад, боз ҳам нағз мешуд. Зеро тамошобинон онҳоро аз дур бемалол дидан мегирифтанд.

Зокир ана ҳамин гапҳоро аз дил гузаронда хост, ки муваффақиятҳои аввалинашро ба модараш нишон диҳад. Бинобар ҳамин ӯ ба назди модараш шитобид. Вале фурсати

ба пеши вай расиданаш нашуда, Маъруф ба сӯи гурба дасташро боло карда: «Ҳуйт!» гуфт. Мош тарсида аз айвон ба рӯи суфа нигоҳ карда ҷаҳид. Мошинча низ аз пасаш ғилдир-ғилдиркунон омаду ба рӯи суфа фуромада рафт. Мош аз ин тарақо-туруқ як кад парида, худро аз болои суфа якбора ба рӯи ҳавлӣ партофт. Ин дафъа мошинча аз аввала ҳам баландтар парида омаду ба сағрии Мош чунон сахт зад, ки вай дар умраш чунин шаттаи сахтро нахӯрда буд.

Мош баъди ин ба мурданаш нигоҳ накарда, худро бо ҳавли ҷон ба пеш партофт. Мошинча низ аз паси вай тарақу-туруққкунон давида, гоҳ ба сағриаш, гоҳ ба каллааш омада мезаду ба тарафи дигар ғелида мерафт. Тарсу ваҳми Мош торафт меафзуд. Вай илоҷе карда, аз мошинчаи лаънатӣ халос шуданӣ буд. Вале мошинча аз ӯ як қадам ҳам қафо намемонд.

Зокир ҳанӯз рафта ба пеши модараш нарасида буд, ки ҳуш азсараш парида, дар миёнҷои ҳавлӣ шах шуда монд. Модар ба дег, ба даруни равғани доғ шудагӣ навакак пиёз андохта буд. Вай кафкир дар даст, тез-тез пиёзро рӯйгардон мекард. Аз омадани писарашу давoдави Мош хабаре надошт. Тамоми диққаташро ба дег дода буд.

Моши бечора ҳамон ба пеш нигоҳ карда медавид. Мошинча аз вай ҳаргиз ҷудо намешуд.

Мош бо ҳавли ҷон давида, даруни ҳавлиро ду маротиба давр заду ду шоҳкосаи сирдор ва як табақчаи чиниро, ки модари Зокир шуста, дар поёни суфа қатор монда буд, бо мошинча зада майда кард. Вай ҳозир гӯё тамоман кӯр шуда буд. Ба чашмаш ҳеҷ чиз наменамуд. Пасту баланд, ҷӯю чуқуриро фарқ накарда медавид. Аспи ҷувоз барин, мошинчаро кашолакунон дар рӯи ҳавлӣ давр мезад.

Пас аз ҷаранг-ҷурунгкунон шикастани табақчаву шоҳкосаҳо ваҳму ҳароси гурба боз ҳам афзуд. Вай бо шаст ба сӯи ошхона давида омаду ба девори он часпид. Вале баромада натавонист. Мошинча вазнинӣ карду Мош бо як порча каҳгили девор омада ба замин зад.

Модар як қад парида ба оқибаш нигоҳ карда, дид ки Мош ба дари боғ нигоҳ карда медавад. Гурба ин дафъа ҳавлиро миёнбур карда, аз дар ба рӯи боғ баромада рафт. Худаш нанамояд ҳам, аммо тароқу-туруқи мошинча то хеле вақт ба гӯш расид.

Модар фақат ҳамин вақт дида монд, ки шоҳкосаву як табақча шикаста майда-майда шудааст.

— Ҳой! Ин ҳунари кадоматон буд? — сӯхтаву пухта пурсид модар.

— Ана ҳамин Зокиратон,— гуфта хабар кашид Маъруф.— Мошинчаамро ба гардани Мош басту...

Модар бо ғазаб хам шуда оташгиракро гирифту Зокирро пеш кард. Аммо вай ҳар чи қадар тез давад ҳам, ба писараш расида натавонист. Зокир бо як ҷаҳидан худро ба болои девори рӯи дарича гирифт. Аз ин ҳол як алами модар сад алам шуд.

— Аздусар бегоҳӣ гашта меой, сонӣ ҷазоятро мекашӣ! — аз паси писараш таҳдид кард модар.— Гӯштатро бо табарча майда-майда мекунам!

Зокир як ба ақибаш нигоҳ кард, гуппӣ карда худро ба тарафи кӯча партофт ва аз назар ғоиб шуд.



## ОРЗУИ НАВИ ЗОКИР

Азбаски қишлоқи Лолазор дар соҳили дарьё воқеъ гардида буд, аксарияти бачаҳои он ба моҳидорӣ шавқу ҳавас доштанд. Дар ин бобат Неъмат ҳамаро қоил карда буд. Вай ҳатто дар кадом кӯл, заҳбур, ё ки обкадаи Шохоб чи гуна моҳӣ буданашро медонист. Бо хислат ва табиати моҳиҳо нағз ошно буд.

Аз рӯи нақли Неъмат маълум гардид, ки чи қадар ҳаво гарм шуда, оби дарьё лой шавад, моҳиён аз камар ҳамон қадар бештар берун мебароянд. Боз як аҷибаш ҳамин будааст, ки моҳиёни аз камар баромадагӣ шабкӯр барин мешудаанд. Рост омада худро ба дом задан мегирифтаанд. Лойхӯраки шастро ҳам ба зудӣ фурӯ мебурдаанд.

Агар ҳамин шабу рӯз ба Шохоб ҷела[1] партоянд, аҷаб нест, ки ба ҳама шастҳои он моҳӣ дармонад. Боз майда-майда не. Бештар моҳиёни калон-калон.

— Ба ҳамааш дармемонад гуфтӣ-мӣ, Неъмат? — бовариаш наомада ба рӯи ҷӯрааш нигарист Тоҳир.— Ба шастҳои мо якто ҳам намезанаду ба ҳамаи онҳо чӣ хел дар мемонад? Ба муболиға кардан ҷудо усто шудӣ-дия, ҷӯра.

— Ҳеҷ куҷои ин гап муболиға не, Тоҳир,— ҳамон суханаш-

[1] Ҷела — домест, ки ба як ресмони дароз чанд шастро баста, ба оби наҳр, ё дарьё кӯндаланг мепартоянд.

ро гузаронидани мешуд Неъмат.— Парво накун. Минбаъд аз моҳӣ дида чизи бисьёр намешавад. Ба шаст калон-калонаш меафтад. Ана сонӣ ҳар бегоҳӣ чизир-чизир моҳибирьён...

— Пас чаро ҳозир намеафтад? — боз кунчковӣ кард Тоҳир.— Ё ки моҳиёни калон аз мо қаҳр кардаанд?

— Не, қаҳр намекунанд-куя,— гуфта фаҳмонд Неъмат.— Аммо то ҳол об хунук буд. Моҳиёни калон дар камар будаанд. Имрӯз озмуда мебинем. Ба шастҳоямон бояд моҳиёни калон дармонанд.

— Хуб, аввал рафта пахтаро як хабар гирем,— пичингомезона гуфт Тоҳир. — Шояд то баргашта омаданамон аз камар моҳиёни калон бисьёртар бароянд.

Неъмат киноян чӯрааашро фаҳмид. Вале гап назад. Ҳар ду аз болои Яккачӯб гузашта, бо пайраҳаи байни чангалзор ба саҳни кушод баромаданд.

Пахтаро дида Неъмат ба чашмонаш бовар накард. Зеро ниҳолҳо аллакай баланд шуда, бандашон боқувват шуда будаанд. Аммо барги ниҳолҳо аз ҳамдигар хеле фарқ карда меистоданд. Дурусттараш, барги баъзеи онҳо сабз, баъзеашон сиёҳча метофт. Инчунин, ранги танаи ниҳолҳо низ дигар буданд.

— Баъди се-чор рӯзи дигар ба парвариши дуюм сар мекунем,— ниҳолҳоро як-як аз назар гузаронда гуфт Тоҳир — Миёнатро маҳкам баста, ба кор тайёр шудан гир, Неъмат.

— Ман ҳамеша тайёр! — гуфт Неъмат.— Лекин ту ба ман фаҳмон, ки ҳамон рӯз чӣ гуна асбоб гирифта омадан даркор?

— Ҳеч гуна асбоб даркор не.

— Таҷриба намегузаронем-мӣ?

— Мегузаронем.

— Бо чӣ мегузаронем?

— Бо дастамон.

— Бо дастамон? — ба рӯи чӯрааш нигоҳ карда боз пурсид Неъмат.— Вай чи хел таҷриба будааст, ки...

— Саросема нашав, Неъмат, — сухани ӯро бурид Тоҳир. — Агар ман вайро ҳозир бо ду даҳон гап фаҳмонам, мумкин аст, ки рӯзи таҷрибагузарониамон ту наомада монӣ.

— Чаро намеомадаам? — эътироз намуд Неъмат.— Охир ба он таҷрибаат аз ту дида ман зиёдтар шавқмандам. Медонӣ, аз он рӯзе, ки дуямон ба ҳамин кор миён бастем, ман шабҳои дароз фикр мекунам.

— Ёд дорӣ? Зокир низ ҳамин тавр гуфта буд,— хотирра-

сон намуд Тоҳир.— Мана, имрӯз боз даракаш не. Намедонам, ки барои чӣ наомада монд.

— Ман туро сари вақт огоҳ карда будам,— гӯён таъна зад Неъмат.— Гуфтагиам баромад, Зокир ба мо шарик шуда наметавонад. Медонӣ вай қавлу ирода надорад. Ҳозир ҳам дер нашудааст. Бо ягон баҳона пояшро меканем. Ту кори вай мекардагиро ба ман фармудан гир.

— Гап ба кор не-дия, ҷӯра,— гуфт Тоҳир.— Охир мо бо вай аҳду паймон кардем. Ба ваъдаамон вафо карданамон даркор.

— Агар ӯ вафо накунад-чӣ?

— Майлаш, кори вай,— боз гапи аввалаашро такрор намуд Тоҳир.— Лекин мо набояд ёрии аз дастамон меомадагиро дареғ дорем. Ба фикрам, ҷӯра ба ҷӯра ҳамин тавр шуданаш даркор. Инро рафта-рафта Зокир ҳам мефаҳмад.

Неъмат: «Бисьёр умедвор нашав. Вай дар ду дуньё ҳам намефаҳмад» гуфтанӣ шуду куҷоҳоро андеша карда гап назад.

Бачаҳо гашта боз ба роҳ даромаданд. Омада аз болои яккачӯб гузаштанду дуяшон ҳам дар пеши як кундаи бед диккак нишаста, шастҳояшонро ба Шохоб партофтанд. Суръати оби он ҷо чандон тез набуд. Аммо бағоят чуқур метофт, гирдоб зада ҷорӣ мешуд.

Гуфти Неъмат рост баромад. Дере нагузашта моҳӣ шасти ӯро паси ҳам кашидан гирифт. Пӯкаи он гоҳ дар боло бозӣ мекард, гоҳ тамоман ба зери об даромада мерафт.

— Бардор! Бардор! — бо ҳаяҷон пичиррос зад Тоҳир.— Аз афташ моҳии калон дармонд.

— Аз кашиданаш маълум,— саросема нашуда чӯби шасташро бардошт Неъмат.— Моҳича. Ана, нагуфтам,— баъди моҳичаро дидан боз илова намуд ӯ.

Моҳии ба шаст дармонда хурдакак бошад ҳам, аммо чунон шаттоҳи чолок будааст, ки аз байни панҷаи Неъмат ду маротиба баромада рафт. Аммо аз шаст халос шуда наметавонист.

Неъмат онро дошта, аз лабаш нӯки шастро бароварду: «Рав, ман туро озод кардам. Падару модаратро фиристон» гӯён вайро ба об партофт. Моҳича бозикунон ба зери об даромада рафт. Аз ин гап Тоҳирро ханда гирифт.

— Неъмат,— гуфт вай ҳазломезона,— гапатро ба гӯши моҳича баланд нагуфтӣ-дия, ҷӯра. Агар фаҳмида бошад нағзкуя. Мабодо ба ҷои падар бародарашро нафиристонад.

Ба ин гап худи Неъмат ҳам қоҳ-қоҳзанон хандида фиристонд.

— Дар ҳақиқат рост мегӯӣ, Тоҳир,— иқрор шуд ӯ.— Худи моҳича-ку ба зӯр халос шуд. Боз падару модарашро фиристонад будааст. Хешу таборaш он тараф истад, шиносашро ҳам намефиристондагист.

Бачаҳо бо хандаву чақчақ овора шуда, аз шастҳояшон бехабар буданд. Пӯки шасти Неъмат боз ба ҷунбидан сар кард. Вай ин дафъа чунон оҳиста-оҳиста меҷунбид, ки ҳатто пайхас кардан ҳам душвор буд.

— Ана, ана,— ба пӯка ишора намуда пичиррос зад Неъмат.

— Ба шасти ман акнун моҳии калон омад. Аммо бисьёр доғулӣ менамояд. Нигоҳ кун, вай шастро ба даҳонаш мегираду боз сар дода мефиристонад. Лаънатӣ бо ин кораш хатарро озмуда истодааст. Ҳа, ана боз сар дода фиристод.

Тоҳир ду чашмашро аз он намеканд. Пӯки шаст бошад, ҳамон оҳиста-оҳиста ҷунбида мемонд. Гӯё дуяшон ҳам бачаи майда буданду моҳӣ онҳоро бозӣ медоронд.

Тоҳир дилтанг мешуд. Дидагонаш ба дард даромаданд. Аммо Неъмат худро вазнин гирифта, ду чашмашро аз пӯки шаст намеканд.

Аз байн боз чанд дақиқаи дигар гузашт. Ниҳоят, пӯки шаст якбора ба зери об даромада рафт. Неъмат онро бо зарб бардошт. Дар ҳақиқат ҳам вай ин дафъа хато накарда буд. Ба шасташ ширмоҳие андармон шуда буд, ки саҳл кам ду ваҷаб меомад.

Неъмат моҳиро гирифта, ба шаст лойхӯраки нав гузаронду боз ба об партофт. Фурсате нагузашта, навбат ба шасти Тоҳир расид. Вай ҳам номаълум меҷунбид. Онро дида, дили Тоҳир низ гуп-гуп задан гирифт.

— Эҳтиёт шав, ҷӯра. Моҳии калон барин,— ӯро пичиррос-занон огоҳ намуд Неъмат.— Шастро якбора сахт набардор, ки ришта канда мешавад.

Ин гапҳо Тоҳирро боз ҳам ба ҳаяҷон овард. Вай навъе карда худдорӣ намуду бо ишораи ҷӯрааш чӯби шастро якбора бардошт. Дар шаст ширмоҳие намоён гардид. Вай ҳатто аз моҳии Неъмат доштагӣ ҳам калонтар буд. Аммо баробари чӯбро боло бардоштан аз шаст халос шуда рафт. Неъмат бо чолокӣ худро бар болои моҳӣ партофта, онро аз лабаки Шохоб дошта гирифт. Агар моҳӣ боз як маротиба меҷаҳид, рост ба даруни об даромада мерафт.

Баъди ҳамин чеҳраи Тоҳир кушода шуд. Дасташ ба дасташ намерасид. Вай акнун ба гуфтаҳои Неъмат пурра бовар карда буд. Ҳеҷ шубҳаву гумонаш намонд.

Тоҳир лойхӯраки шастро нав карда, онро боз ба об партофт. Аз байн вақти зиёд нагузашта, ба шаст паси ҳам ду моҳии дигар, ки аз аввала андаке хурдтар буд, банд шуд. Неъмат ҳам боз як моҳии калон дошт.

— Тоҳир, меравем акнун, ҷӯра, — гуфт ҳамин вақт Неъмат. — Нигоҳ кун, вақт тамоман рафтааст· Боз хонагиҳо моро кофта нагарданд.

Тоҳир ба моҳидорӣ чунон саргарм шуда буд, ки аз лаби Шохоб хестанаш намеомад. Ба хаёлаш, боз ягон соати дигар нишинаду ба об шаст андозад. Аммо нашуд. Офтоб нишаста атрофро торикӣ фаро гирифта меомад. Бачаҳо моҳиҳояшонро ба химчаи бед гузаронида, пасу пеш ба роҳ даромаданд.

Тоҳир пас аз хӯроки шом китоберо гирифта хонданӣ буд, ки радио «Диққат! Диққат! Аз радиоузели колхоз гап мезанем. Дар клуб фильми «Байрақи Оҳангар» намоиш дода мешавад. Шитобед! Кино баъд аз бист дақиқа сар мешавад. Ба сӯи клуб шитобед!» — гӯён хабар дод.

Ба хотири Тоҳир расид, ки имрӯз шанбе аст. Ҳар бегоҳии шанбе ба клуб кино меомад. Вай китобро дар ҷояш монду либосашро пӯшида ба роҳ даромад.

Вай то ба назди клуб омадан ба ягон кас вонахӯрд. Аз афти кор, ҳама аз ӯ пештар омада буданд.

Ба саҳн наздик омада дид, ки чароғи даруни клуб фурӯзон. Маълум шуд, ки кино ҳанӯз сар нашудааст. Тоҳир дар саҳн сайру гашт мекард, ки чашмаш ногоҳ ба сиёҳие афтид. Тоҳир якбора истод. Бачае саросема ба кузови мошини киночиҳо часпида баромад ва оҳиста ба даруни он пинҳон шуд. Аз ин ҳол дили Тоҳир гумони бад бурд. Аз роҳаш гашта, ба назди мошин омад. Ба болои чархаш баромада, ба даруни кузов зеҳн монд, ки дар он ҷо бачае дароз кашида хобидааст. «Аҷабо, ин кӣ бошад?— Худ ба худ савол медод Тоҳир.— Шогирди шофёр гӯям... Чаро аз ман ин қадар руст мешавад?»

— Ҳӯй, ту кистӣ? — ниҳоят садо бароварда пурсид Тоҳир.— Чаро дар рӯи тахта хобидаӣ? Хез, канӣ хез!

Бача ноилоҷ аз ҷояш хест. Дар равшании хираи чароғи клуб тарҳи рӯи ӯ базӯр намоён гардид.

— Зокир? — гуфта якбора овозашро баланд кард Тоҳир.

— Ин туӣ? Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

— Ҳамту, худам...

— Гард, ба кино меравем.

— Не, ман ба кино намеравам,— гуфт бо андаке хавотир Зокир.— Очаам дида мемонад.

— Аз очаат гурехта гаштай?

Зокир ин дафъа садо набаровард. Вай ба ҷои ҷавоб чашмонашро поин андохт.

Тоҳир ӯро аз болои мошин фуровард. Ба ҷону ҳолаш намонда, ба як канори ториктари саҳн бурд.

— Хӯш, гап зан канӣ, чӣ шуд?

Зокир воқеаи бо мошинча рӯй додаро аз як сар гуфта дод. Сонӣ ба он гуфтаҳои модарашро низ илова намуд.

— Эҳ-ҳе, ана. Аз хона қаҳр карда баромадам гӯй? — сарашро оҳиста-оҳиста ҷунбонд Тоҳир ва боз суханашро давом дод! — Хӯш, акнун чӣ кор карданий?

— Нава:ак бо киномеханик гуфтугӯ кардам.— Як ба атроф нигоҳ карда ба сухан даромад Зокир.— Медонӣ, вай маро ба худ шогирд карда гирифтанӣ шуд. «Ту бачаи доно будай. Тез ёд мегирӣ. Дар бадали ду-се моҳ киночии нағз мешавӣ, мегӯяд».

— Дуруст, ба ин гапаш ҳеҷ шубҳае надорам,— гуфт Тоҳир худро чун калонсолон ҷиддӣ гирифта.— Аммо хонданат чӣ мешавад? Баъд, дар хусуси модарат фикр кардӣ? Охир, вай ба ғайр аз ту фарзанди калон надорад. Агар ту ҳам партофта равӣ, ба ӯ кӣ нигоҳ мекунад?

Зокир гӯё ба даҳонаш об гирифта бошад, ғарқи хаёл гардид. Тоҳир далертар шуда гапашро идома дод:

— Ҷӯра, баъзе бачаҳо туро дар ғайбат «делама», «Зокир-делама» мегӯянд. Аммо ман ба ин гапи онҳо оташин мешудам. Фикр карда бинам, ҳақ ба ҷониби онҳо будааст. Ту аз деламаҳо ҳам деламатар будай, Зокир! Худат як фикр кун. Ту ба мо шарик шуда, деҳқонӣ карданӣ будӣ. Ҳунари Аҳмадро дидию якбора артисти цирк шуданро орзу кардӣ. Ниҳоят вай ҳам мондаасту ба худ қарор доданӣ, ки киномеханик шавӣ. Ҳамин корҳоят деламагӣ не, магар?

— Ҳа, гапат рост,— ба нуки туфлиаш заминро харошида ҷавоб дод Зокир.— Пеш аз омадани ту фикр кардам: дар ҳақиқат ҳам ҷудо бачагона рафтор кардаам. Лекин...

— Чӣ лекин? — пурсид Тоҳир.— Барои модаратро партофта рафтан қасам хӯрдӣ? Гард, тезтар рафта ба ӯ худамонро нишон диҳем.

— Очем...

— Гаштан гир,— аз дасти ҷӯрааш дошта кашола кард

Тоҳир.— Ман ба ҷои ту узр мепурсам. Дили модарон нарм аст. Боварӣ дорам, ки вай ҳозир туро бинад, аз ҳамаи гуноҳат мегузарад.

Бо вуҷуди ҳамин қадар гап, Зокир ба рафтан ҳеҷ ҷуръат намекард. Вай ҳамон худро қафо партофта меистод. Аммо Тоҳир ӯро ба ҷону ҳолаш намонд. Аз баҳри тамошои ҳамоншабаи кино гузашту ҷӯраашро ба назди модараш кашола карда бурд.



## ОДАМИ МОҲИМИҶОЗ

Неъмат аз корҳои дирӯзаи Зокир тамоман бехабар буд. Вай мисли ҳар рӯза пеш даромада, бо ҷӯраҳояш гарму ҷӯшон сӯҳбат карда меомад. Тоҳир сир бой намедод. Бо вуҷуди ҳамаи ин, сари Зокир хам, хавосаш парешон менамуд. Аз афташ, вай корҳои дирӯзаро як-як пеши назараш меоварду худ аз худ хиҷолат мекашид.

Бачаҳо пасу пеш бо пайраҳаи байни қамишзор омада, ба лаби Шохоб баромаданд. Шохоб аз дирӯза ҳам баландтар дамида, атола барин лой шуда меомад.

Неъмат имрӯз роҳро дигар кард. Вай ҷӯраҳояшро ба тарафи офтоббаро, рӯ ба болои Шохоб нигоҳ карда мебурд. Тоҳир ба ин ҷойҳо бори аввал меомад. Бинобар ҳамин, аз тамошои атроф ҳаргиз сер намешуд. Дарахтони он ҷо баланд, ҷангалҳояш зич сабзида буданд. Хониши паррандагони гуногун бачаҳоро ба шавқ меовард.

Неъмат пеш-пеш қадам партофта, дар лаби чоҳи на чандон калоне истод. Вай на ба чоҳи ҳақиқӣ монанд буду на ба чуқурӣ. Ҳамааш шуда, оби он аз рӯи замин як метр барин поин меистод.

«Аҷаб-а,— бо таҳайюр дар дил гуфт Тоҳир.— Дар пеши дарьё чоҳ кандаанд-а?»

Неъмату Зокир беихтиёр хандида фиристоданд. Тааҷҷуби

Тоҳир боз бештар шуд. Вай ба рӯи ҷӯраҳояш хиҷолатмандона нигоҳ кард.

— Ин чоҳро барои об не,— гуфта ба ӯ фаҳмонд Неъмат, — барои гирифтани моҳӣ канда буданд. Оҳир, аз ин ҷо, қади одам барин як лаққамоҳии калон дошта буданд.

— Дарозиаш қади одам барин? — ба чеҳраи шариконаш рост нигоҳ кард Тоҳир.— Наход, ки моҳии ин ҷо ҳамин қадар калон бошад?

Ба ин гапи ӯ Неъмату Зокир боз завқ карда хандиданд. Аммо Тоҳир худашро дошт. Бо вуҷуди он, ба гуфтаҳои ҷӯраҳояш бовариаш наомад. Вай борҳо шунида буд, ки моҳиёни калон бештар дар обҳои беҳадду канор, дурусттараш, дар баҳру уқьёнусҳо мешаванд. Сонӣ боз гап дар он, ки агар қади моҳӣ аз қади одам дароз бошад, вай дар ин чоҳи танг чӣ хел ғунҷидааст?

Тоҳир ана ҳамин мулоҳизаашро ба онҳо рӯи рост гуфтанӣ шуду боз андаке худдорӣ кард. Тарсид, ки боиси хандаву тамасхур нагардад.

Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дили Тоҳир ғулғула мекард. Тааҷҷубу ҳайраташ дақиқа ба дақиқа зиёд мешуд. Бинобарин вай дар лаби чоҳ диккак нишаста, хам шуда ба даруни он чашм давонд. Оби чоҳ сиёҳча метофт. Тагаш наменамуд. Як лаби онро алаф зер карда, ҳатто тортанакҳо тор танида буданд.

Тоҳир аз ҷояш хесту боз бо тааҷҷуб китф дарҳам кашида, гарданашро хаёле каҷ кард. Бо ин ҳаракаташ вай: «Ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафта истодаам» гуфтанӣ буд. Неъмат нӯки чӯби шасташро ба лаби чоҳ хаста, таърихи онро аз як сар фаҳмонда дод.

Аз рӯи гуфти Неъмат маълум шуд, ки дар Лолазор Аҳрорамак гуфтанӣ як одам будааст. Вай ба даруни об ғӯтта зада, мисли моҳӣ чашмонашро калон кушода бемалол гаштан мегирифтааст. Ба замми ин, нафасаш ҳам басо дароз будааст. Агар Аҳрорамак қасд кунад, то як палав пухтан дар зери об нафас нагирифта менишастааст. Бинобар ҳамин, ҷӯраҳояш «Аҳрор, ту моҳимизоҷ. Бароят обу хушкӣ ҳеҷ фарқе надорад. Хоҳӣ моҳӣ барин дар об, хоҳӣ дар хушкӣ зиндагӣ карда гаштан мегирӣ» гӯён ба ӯ ҳазл мекарданд.

Бинобарин одамон дар куҷое камари калон, ё ки ҷои сермоҳиро дида монанд, даррав омада ба Аҳрорамак хабар медодаанд. Вай ба моҳидорию камардарой ҳаваси калон доштааст. Агар шунида монад, ки дар фалон ҷо камар бу-

дааст, кори муҳиммашро ҳам партофта ба тадқиқи он рафтан мегирифт.

Соли гузашта, як шикорчӣ аз ҳамин ҷо роҳравон ҳис кардааст, ки чими зери пояш ғайри муқаррарӣ садо медиҳад. Шикорчӣ масофаи байни Шохобу зери пояшро бо чашм чен карда, он ҷойро сахттар лагад кардааст. Замини он ҷо зоғомаи холӣ барин гуп-гупкунон садо додааст. «Ҳа,— мегӯяд ӯ худ ба худ,— дар ин ҷо як гап ҳаст. Ба ҳар эҳтиёт, рафта ба Аҳрорака хабар додан даркор ки як бор омада бинад».

Рӯзи дигар, се нафар шуда меоянд. Шикорчӣ ҷои шубҳа кардаашро ба онҳо нишон медиҳад. Аҳрорамак он ҷойро паси ҳам лагад карда, чеҳрааш якбора кушода мешавад. Ба дигарон ҳам маълум мегардад, ки дар зери пои ӯ камари калони моҳӣ будааст.

Аҳрорамак дарҳол либосашро кашида, ресмончаи моҳибандакашро ға миён печонда ба об медарояд. Вай аввал лабшори Шохобро дошта пояшро ба таки он дароз мекунад.

— Эҳ-ҳе, камари хеле калон будааст,— мегӯяд ба шариконаш Аҳрорамак. — Ба даҳонаш амад бемалол мегунҷад. Пешгаҳаш ҳам дур барин....

Аҳрорамак ҳамин гапро мегӯяду мурғобӣ барин якбора ба даруни об ғӯта зада, муддати дароз аз чашм ғоиб мегардад. Аз байн қариб чор-панҷ дақиқа мегузарад, вале аз Аҳрорамак ҳеҷ дарак намешавад. Аз ин ҳол шикорчиву шарикаш басо ба хавотир меафтанд.

Онҳо чи кор карданашонро надониста, дар охир каландро мегиранду замини болои камарро ба кофтан сар мекунанд.

Инак, ба нохост аз даруни об Аҳрорамак сарашро мебарорад. Чашмони калон-калони ӯ хандида меистоданд.

— Ҳа, чӣ кор карда истодаетон? — мепурсад ӯ.

— Э, бароед-е, бало ба сари ҳамин моҳӣ,— мегӯянд шариконаш.— Кайфамонро паррондет-ку.

— Даруни камар бисьёр васеъ будааст,— бепарво мефаҳмонад Аҳрорамак. — Аммо моҳии майда-чуйда надорад. Фақат якто лаққаи калон. Пеши гарданашро оғӯш кардам, аз миёнам ғафстар метобад. Ҳарчанд фикр карда дидам, ки зӯрам намерасад. Бинобар ҳамин пушташро хорида-хорида, илоҷе карда ресмончаро аз гулӯяш гузарондаму ба решаи дарахт маҳкам баста мондам.

— Мабодо решаро канда наравад, Аҳрорака? — ба ҳаяҷон омада мепурсад шикорчӣ.

— Не, канда наметавонад,— мегӯяд дар ҷавоб Аҳрорамак. Реша маҳкам. Ба ҳар ҳол, камарро тезтар аз болояш сӯрох карданамон даркор. Чунки лаққаро аз даруни Шохоб бароварда намешавад. Вай бисьёр зӯр. Одамро ҷавонаи маст барин кашола карда рафтанаш мумкин.

Пас аз ҳамин, онҳо бо ғайрати калон ба кор сар карданд. Фурсате нагузашта камарро аз болояш сӯрох карданд ва сари бадҳайбати лаққамоҳӣ ҳам намоён гардидааст. Ба даруни камар боз худи Аҳрор амак даромадаасту ресмончаро кушода, як нӯки онро ба шикорчӣ дароз кардааст. Дуяшон аз боло истода кашидаанду Аҳрорамак аз думи лаққамоҳӣ бардошта, онро бо як азобу машаққат ба рӯи замин бароварда гирифтааст.

Тоҳир ҳикояти аҷоиби ҷӯраашро бо шавқи тамом гӯш карда, бори дигар ба даруни чоҳ зеҳн монда нигоҳ кард. Дар ҳақиқат даруни он хеле васеъ буд. Камари моҳӣ буданӣ вай бемалол маълум шуда меистод. Акнун ба ҳеҷ гуна шубҳаву гумонҳои дигар асосе набуд.

Неъмат боз лаб-лаби дарьё роҳ кашид. Онҳо ҳамон ба боло, рӯ ба муқобили ҷараёни Шохоб мерафтанд. Алафи ду тарафи пайраҳа қариб ба сари зону мерасид. Дам ба дам аз лаби Шохоб моҳихӯракҳои нақшин парида мехестанд.

Пас аз дусад қадам барин гаштан ба як ҷои аҷоиби Шохоб расида омаданд, ки ба ҳавзҳои калон шабоҳат дошт. Шохоб даруни он ҳавзаро давр зада, гирдобзанон боз ба поён ҷорӣ мешуд. Дар рӯи об ҷо-ҷо кафкҳои сафед мисли абрпораҳои пароканда шино карда мегаштанд. Дар ин ҳавза шутур бораш қатӣ дарояд ҳам нопадид мешуд.

Бачаҳо шастҳояшонро ба он ондохта, аз хусуси бисьёрии навъи моҳӣ ва хусусиятҳои аҷоиби онҳо гап кушоданд. Аз рӯи гуфти Неъмат маълум гардид, ки моҳиён нисбат ба кирми лойхӯрак гӯштро дӯст медоштаанд. Агар гӯшт дар ҷои гарм истода, андаке дам овардагӣ бошаду онро ба шаст гузаронда ба об андозанд, моҳӣ бӯи онро зуд фаҳмида, ба сӯяш медавад. Боз ким-чӣ ва боз ким-чиҳои дигар.

Тоҳир дар давоми сӯҳбат ба чунин хулоса омад, ки вай аз фанни зоология ҳамеша баҳои «5» гирифта бошад ҳам, ҳоло оид ба зисту зиндагонии моҳиён бисьёр чизҳоро намедонистааст. Акнун ба ӯ чунин менамуд, ки деҳқонӣ, нигоҳубини долу дарахт чи ҷадар аҷоиб бошад, моҳидорӣ аз вай ҳам ғалатӣ будааст. Ҳамаашро ҳам омӯхта, ёд гирифтан даркор. Ин ҳеҷ гоҳ зарар намекунад.

Бачаҳо ҳамон рӯз то бегоҳӣ моҳидорӣ карданд. Шикорашон хеле барор гирифт. Ҳар кадомашон як шаддагӣ моҳӣ доштанд.

Роҳро боз Неъмат сар кард. Зокиру Тоҳир аз паси ӯ меомаданд. Ба роҳи омадаашон сад қадам барин гашта буданд, ки Неъмат истод. Моҳӣ ва шастро дар рӯи алаф гузошта, аз кисааш ду тӯбча ресмон баровард. Зокир, ки бачаи Лолазор буду пештар ҳам моҳидорӣ мекард, ба мақсади Неъмат дарров сарфаҳм рафта, барои ба ӯ ёрӣ додан шитобид. Аммо Тоҳир ҳеҷ чизро намефаҳмид. Ба кори онҳо бо назари суол нигоҳ карда меистод.

Зокир моҳӣ ва шастро дар як сӯ гузошта, аз нӯки ресмони тӯбчаи Неъмат дошта кашидан гирифт. Ресмони ду тӯпчаро ҳам кушоданд. Ҳар кадоми он ҳафт-ҳашт метр дарозӣ дошт. Ресмон басо суфта ва мустаҳкам менамуд. Дар ҳар кадоми он бо андозаи як ваҷабӣ чангакҳоро қатор баста буданд.

— Номи инро чела мегӯянд.— гуфта ба Тоҳир фаҳмонд Неъмат.— Минбаъд фақат бо чела шикор мекунем. Ин хеле осон аст. Беҳуда нури чашматро равонда, ба рӯи об дуру дароз нигоҳ карда намешинӣ. Ҳозир ба Шохоб мепартоию пагоҳӣ омада хабар мегирӣ. Боз ҳаминашро ҳам гуфтанам даркор, ки ба чела моҳиёни майда-чуйда не, балки калон-калон меафтанд.

— Набошад, ин чизи аҷоиб будааст-ку, — гуфта Тоҳир ба чела дурусттар зеҳн монд.— Чаро кам? Боз се-чор шаддаи дигар кардан даркор буд.

— Ҳоло ҳаминаш кифоя,— гуфт бо табассум Неъмат.— Ба таътил бароем, баъд бисьёр мекунем.

Тоҳир ҳамон аз кори онҳо чашм намеканд. Неъмат ба ҳамаи шастҳои чела як-як лойхӯрак гузаронд. Зокир аз куҷое ду санги дарозрӯяро ёфта омада, як нӯки ресмони челаро ба он баст. Неъмат ба лаби Шохоб хам шуда, нӯки дигари челаро ба решаи дарахти бед сахт баст. Пас аз ҳамин сангро ба даруни об ҳаво дода фиристод. Чела баробари санг ба зери об даромада рафт.

Барои он, ки пагоҳ ҷои партофтагиашро кофта нагарданд, дар пеши ҳар ду чела аз шохчаи бед нишона гузоштанд.

— Тамом? — пурсид Тоҳир.

— Бале, тамом,— гуфт дар ҷавоб Неъмат.— Пагоҳ омада хабар мегирем.

Тоҳир гӯё худ ба худ гап зада истода бошад: «Одамизод бало-куя. Ҳазор хел ҳиларо медонад» гуфта монд.

— Ин ҳоло ҳеҷ гап не,— бо ғурур гуфт Неъмат.— Тобистон расаду ба таътил бароем, сонӣ ҳунари моро тамошо кун.

Баъд аз ҳамин сеяшон ҳам моҳӣ ва шастҳояшонро ба даст гирифта, бо пайраҳаи танги байни қамишзор ба сӯи хона равон шуданд.



## ЛАҚҚАМОҲӢ

Бачаҳо пешакӣ ба як қарор омада буданд. Мувофиқи гуфтугӯяшон, мебоист рост ба пахтазор рафта, либосҳои худро иваз карда ба кор сар мекарданд.

Ҳар вақт Тоҳир аввал усули серҳосил кардани ниҳолҳои пахтаро мухтасар ба ҷӯраҳояш мефаҳмонд, сонӣ ба кор шурӯъ мекарданд. Имрӯз мебоист баъди лекцияи ӯ онҳо ба даруни ҷангалзори касногузар даромада, нақшаи кандани ҷӯйро низ фикр мекарданд. Дар бозгашт аз ҷелаи дирӯз партофтаашон хабар гирифта, баъд ба хона меомаданд.

Гапашон қатъӣ буд. Аммо чун ба яккачӯб наздик омаданд, фикри Неъмат якбора дигар шуд.

— Ҷӯраҳо,— гуфт вай ба шариконаш нигоҳ карда.— Агар ҳозир ба пахтазор равем, таҷриба гузарондан ва ҷӯи нав канданамон даркор. Аздусар дер мемонем, торик шуда мемонад. Бинобар ҳамин, аввал ҷеларо хабар гирему баъд ба он ҷо равем. Ба ҳамин гапи ман....

— Неъмат,— сухани ӯро бурид Тоҳир.— Маро бераҳа накун... Ҳеҷ дер намешавад. Агар барои ҷӯи навро кандан вақтамон нарасад, зарар надорад. Онро ба рӯзи дигар мемононем, чӣ гуфтӣ, Зокир?

— Фикри Тоҳир дуруст,— ба Неъат рӯ оварда гуфт Зокир. Аввал ба пахтазор меравем. Ҷела гурехта намеравад. Мо онро дар бозгашт ҳам дидан мегирем.

— Гапатон маъқул, ҷўраҳо,— ҳамон якравӣ мекард Неъмат.— Аммо барои хабар гирифтани ҷела ҳам вақти зиёд намеравад. Ресмонро як бардошта мебинему ба роҳамон рафтан мегирем.

Тоҳир бо вай мубоҳиса карда истодан нахост. Худаш аз хама пеш ба роҳ даромада:

— Набошад гардетон,— гуфт ӯ.— Дер нашуда барвақттар равем.

Сеяшон ба роҳ даромада, ба ҷои ҷела расида омаданд. Нишонаи гузоштаашон хеле кор дод.

Моҳидорӣ, ки ҷону дили Неъмат буд, даррав чаққон шуда, аз нӯки ресмони ҷела дошта кашид. Ба он хасу чӯб, алафи бисьёре печида буд. Калонаш он тараф истад, аққалан ягонта моҳича ҳам дар намонда буд, ки Неъмат онро гирифта ба ҷӯраҳояш нишон диҳад.

Вай ба назди ҷелаи дуюм омад. Ба лаби Шохоб хам шуда, нӯки ресмони онро дошта диду:

— Бачаҳо!— гуфт якбора бо ҳаяҷон.— Моҳӣ! Моҳии ҷудо калон барин. Биёетон! Тезтар биёетон!!

Тоҳиру Зокир дартоз ба лаби Шохоб омаданд. Нӯки ресмони ҷеларо аввал Зокир, баъд Тоҳир дошта дид. Дар ҳақиқат ҳам, ресмон гӯё ба гардани ҷонваре баста бошад, дар об онро чизе гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф мекашид. Баъзан якбора сахт лат медод.

Ҳар сеи бачаҳо ба ҳаяҷон омаданд. Аз саросемагӣ дасту по гум карда, чи кор карданашонро намедонистанд. Агар ҳозир ресмони ҷеларо зӯр зада мекашиданд, шаст мешикаст, ё ки камтар ҷои лаби моҳиро медарронанду моҳӣ халос шуда мерафт. Хӯш, барои аз даст надодани он чӣ кор кардан даркор?

Ҳар се дар ҳамин бора фикр мекарданд.

— Тоҳир, ту ресмони ҷеларо дошта ист,— фармуд Неъмат.— Ман ба даруни об медарояму Аҳрор амак барин пушти моҳиро оҳиста-оҳиста хору мол карда, нӯки мана ин ресмонро аз гулӯи он гузаронда мегирам. Сонӣ ба ҳеҷ куҷо рафта наметавонад.

— Ягон илоҷи дигар нест-мӣ, Неъмат? — гоҳ ба об ва гоҳ ба чеҳраи ҷӯрааш чашм давонда гуфт Тоҳир.— Нигоҳ кун, ҷараёни об хеле тез. Ба он чӣ хел медароӣ? Мабодо турэ гирифта наравад?

Неъмат ба ин гапи ӯ қоҳ-қоҳзанон хандид. Баъд «парвонакун, ҷӯра. Шохоб наҳри худамон, маро ба ҳеҷ куҷо наме-

барад» гуфтагӣ барин як даст афшонду либосашро кашид.

Бо вуҷуди ин, дили Тоҳир аз ҷӯрааш хавотир буд. Вай метарсид, ки баробари ба Шохоб даромадан об Неъматро гирифта меравад. Хайрият, ки ин тавр нашуд. Чи хеле, ки дар боло зикр кардем, Неъмат ҳам аз қабили одамони моҳимизоҷ будааст. Вай ба об даромаду чун мурғобӣ якбора ғӯта зада, чанд сония аз назар ғоиб гардид. Нафасаш гашт магар, ки сарашро аз об як бароварда, боз ғӯта зад. Вай ин дафъа қариб ду дақиқа бедарак шуда рафт.

Ҷӯраҳояш хавотир шуданд. Онҳо бо чашмони ҳаросон ба рӯи об нигоҳ карда меистоданд. Махсусан Тоҳир сахт тарсида буд. Вай якзайл Зокирро нихта карда «Гап назада шиштан мегирем-мӣ, Зокир? Неъмат куҷо шуд?» мегуфт.

Сари Неъмат якбора аз об боло шуд. Вай оҳиста-оҳиста шино карда ба лабшор наздик омаду нӯки ресмонро ба Зокир дода таъкид кард, ки онро сабук кашад. Чунки моҳии андармон шудагӣ бисьёр калон, мумкин аст ресмон канда шуда равад.

Зокир ба гуфтаи ҷӯрааш амал карда, ресмонро эҳтиёт шуда кашид. Ба ӯ Тоҳир ёрӣ дод. Ниҳоят, дар рӯи об сари рафида барини моҳӣ намоён гардид. Даҳонаш он ба шакли нимдоира буд. Дар ду канори лабаш ду мӯйлаби сиёҳчатобе дошт, ки ҳар кадоми он қариб як ваҷаб меомад. Дар поёнтараш боз мӯйлабчаҳои майда дошт.

Бачаҳо бо як азоб лаққамоҳиро аз об бароварда гирифтанд. Вай аввал бисьёр қобил буд. Чун ба рӯи замин баромаданашро ҳис кард, худро якбора боло партофта, ба тапидан даромад. Вале гӯсфанди чарс барин чи қадаре худро ба чор тараф назанад, фурсат аз даст рафта буд. Бачаҳо вайро як бора зер карданд. Неъмат дарров ба болои моҳӣ савор шуда гирифт.

Бо вуҷуди он, лаққамоҳӣ хеле ҷасту хез кард. Думи шоф барин паҳнашро ба кор андохта дид. Вале кӯшишҳояш беҳуда рафтанд. Вай ниҳоят ба тақдираш тан дода, дар охир ором шуд.

Неъмат ресмони ҷеларо аз хасу чӯб тоза кард. Зокир дарров ба шастҳои он лойхӯраки нав гузаронд. Тоҳир бошад, дар сари лаққамоҳӣ нишаста қаровулӣ мекард.

Неъмат ба андешаи он, ки фардо мумкин ба ҷела лаққамоҳии аз ин ҳам калонтар занад, онро болотар, ба ҷои нисбатан чуқуртари Шохоб бурда партофт.

Тоҳир чунин лаққамоҳии калонро ҳеҷгоҳ надида буд. Вай

химчаеро гирифта дарозии онро чен кард, ки аз қади худаш як ваҷаб кӯтоҳтар будааст. Ғафсиаш бошад, қариб баробари ғафсии миёнаш меомад.

Баъд аз чунин шикори ғайричашмдошт, ки ҳатто дар гӯшаи хотирашон ҳам набуд, ҳеҷ кас ба сари пахтазор рафтанро намехост. Дар охир ба ҳамин қарор омаданд, ки як рӯз сад рӯз намешавад. Ба пахтазор пагоҳ мераванд.

Зокир аз куҷое як чӯби ғафси думетраро ёфта омад. Лаққамоҳиро аз гулӯяш бо ресмончае ба чӯб бастанд. Сонӣ онро Неъмату Зокир ба сари китфҳояшон бардошта гирифтанд. Ҳар қадар онро баланд набардоранд, думи вай аз замин канда намешуд. Мӯйлабҳояш оҳиста-оҳиста алвонҷ мехӯрд.

Ҳанӯз ба қишлоқ надаромада, атрофи онҳоро одамон печонда гирифтанд. Гӯё лаққамоҳиро то ин вақт ҳеҷ кас надида буд, ки бачаҳоро дар ҳар сари қадам нигоҳ дошта, онро тамошо мекарданд. Аз байнашон ҳатто чунин одамони кунҷков ҳам баромада монданд, ки қад ва ғафсии бадани лаққамоҳиро гашту баргашта чен карда медиданд, даҳонашро кушода, ба дандонҳояш зеҳн мемонданд.

— Ҳалолатон бод, бачаҳо! — гуфт як пирамард баъд аз ваҷаб карда дидани лаққамоҳӣ.— Лекин худатон эҳтиёт шаветон, писарам. Бо обу оташ ҳазл карда намешавад.

— Одамони пир фақат насиҳат мекардаанд-дия,— пас аз каме дур шудани пирамард хандид Неъмат.— Гапи дӯстдоштаи бобоям низ ҳамин: «эҳтиёт шаветон, эҳтиёт шаветон».

— Ин гапи онҳо дуруст,— фикри пирамардро тарафдорӣ кард Тоҳир.— Худатон медонетон-ку, бо вуҷуди ҳамин қадар таъкиду таъин карданашон мо чи корҳоеро намекунем. «Эҳтиёт нисфи ҳаёт» мегӯянд, ки ин рост аст.

* * *

Шаб гузашта рӯз шуд. Пагоҳӣ ҳар се ҷӯраҳо ба мактаб омаданд. Аллакай дар мактаб гапи лаққамоҳӣ ҷӯшида рафта буд. Бачаҳо онҳоро миёнагир карда гаштаву баргашта мепурсиданд, ки чунин лаққамоҳии калонро чи хел ва аз куҷо доштаанд.

Ҳамин ки машғулиятҳо тамом шуда, ҷӯраҳо роҳи хонаро пеш гирифтанд, дар кӯча боз гапи лаққамоҳӣ авҷ гирифт. Аммо моҳидорони ҷавон он қадар содда набуданд. Ба суол-

ҳои кунҷковонаи ҷӯраҳояшон эҳтиёткорона ҷавоб медоданд. Ҷои лаққамоҳиро ҳаргиз ифшо намекарданд.

Баъд аз ягон соат Тоҳир, Неъмат ва Зокир дар саргаҳи роҳи осиё ҷамъ омаданд. То ба яккачӯб расидан гап фақат аз хусуси пахтаи серҳосил, таҷрибаи имрӯза ва чи тавр кофтани ҷӯи нав мерафт. Вале Неъмат боз таклиф кард, ки аввал ҷеларо хабар гирифта, баъд ба сари пахтазор раванд. Имрӯз ба ин фикр ҳеҷ кас муқобил набаромад. Сеяшон қатор шуда лаб-лаби Шохоб ба ҷои ҷела омаданд.

Неъмат ҳам шуда ҷелаи якумро бардошт. Ба он хасу ҷӯб ва як мори чипор андармон шуда буд. Зокир онро бо санг зада кушту шастро аз шикамаш бароварда истода дид, ки мори чипор лойхӯракро не, балки моҳичаи ба шаст дар мондагиро фурӯ бурда будааст. Неъмат ҷелаи дуюмро бардошт. Ресмони он камтар омаду боз якбора ба поён кашида шуд.

— Бачаҳо! — чун дирӯза нидо кард Неъмат.— Ин ҷо биёетон! Моҳӣ! Лаққамоҳӣ!

Ҷӯраҳо дартоз ба назди Неъмат омаданд.

— Ма, ресмони ҷеларо дошта ист, Тоҳир,— омирона гуфт Неъмат.— Ин аз лаққамоҳии дирӯза ҳам калонтар менамояд.

Тоҳир хам шуда нӯки ресмони ҷеларо дошта меистод. Неъмат мисли дирӯза либосашро кашида, аз болотари ҷела худро ба об партофт. Аммо ҷараёни об бағоят тез буд. Баробари худро ба Шохоб партофан гирдоби зӯр Неъматро мисли дастаи хас давр занонда, ба қаъраш кашид. Вай дигар худро рост гирифта натавонист.

Ин манзараи даҳшатнокро дида ҳуш аз сари Тоҳир парид. Ба гумони ӯ Неъматро гирдоб не, балки ҳамон наҳанги худаш гуфтагӣ фурӯ бурд. Агар ҳамин тавр намешуд, вай илоҷе карда ба рӯи об мебаромад.

Пеши чашмони Тоҳир якбора сип-сиёҳ гардиду гӯшҳояш қулф заданд. Ҳатто овозаш ҳам набаромада монд. Вай намедонист, ки худро ба об партояд, ё напартояд. Зеро ҳеҷ вақт ба чунин наҳрҳои калон даромада, шиноварӣ накарда буд.

Ҳамин вақт Зоқир шуҷоати мислаш дида нашудае нишон дод. Вай худро бо сару либосаш рост ба об партофт. Акнун ҳарду бача дар амвоҷи об ғайб заданд.

Аз байн боз ним дақиқаи дигар гузашт. Тоҳир азм кард, ки ҳар чи бодо бод, худро ба об андохта, қувваашро санҷида мебинад. Лекин фурсати он нарасида, дар рӯи об нӯки даст намоён гардид. Вай гӯё «Маро каш! Ба боло каш» гуфтагӣ

барин меҷунбид. Тоҳир ҷаста аз ҷояш хесту яке за чӯбҳои шастро ба сӯи он дароз кард. Вале сад афсӯс, ки нӯки чӯб ба ангуштони даст нарасида гирдоб боз вайро ба қаърaш кашида рафт.

Тоҳир акнун ба об даромаданӣ буд, ки даст боз дар рӯи об пайдо шуд. Тоҳир даррав ба вай чӯбро дароз кард. Ангуштони аз об баромада онро фавран сахт доштанд. Тоҳир чӯбро бо тамоми қувва кашола кард. Аввал сари китф, сони тана намоён гардид. Ин Зокир буд.

— Неъмат канӣ? Неъмат! — бо ҳаяҷон пурсид Тоҳир. Зокир ҷавоб надод. Вай ба лабшори наҳр наздик омада, бо як азоб пои Неъматро ба дасти Тоҳир доронд, Тоҳир онро зӯр зада боло мекашид. Зокир ба вай мадад мерасонд. Ҳамин тариқа, бо машаққати зиёд Неъматро аз гирдоби Шохоб берун бароварданд.

Неъмат акнун дар канори пайраҳа, дар рӯи алаф мурда барин дароз мехобид. Сарашро каме поин карда буданд. Аз даҳонаш беист об мерафт. Дар чеҳрааш нишонаи ҳает қариб дида намешуд. Рангаш коғаз барин сап-сафед канда, лабонаш кабуд шуда буданд.

Тоҳиру Зокир бар болои сари вай парвона шуда, якзайл дасту пои Неъматро меҷунбонданд. Бо ҳамин роҳ хунашро ба ҳаракат даровардани мешуданд.

Аз байн қариб понздаҳ дақиқа гузашт. Кӯшишу ғайрати ҷӯраҳо барабас нарафт. Аваал дар рӯи Неъмат сурхӣ давид. Баъд оҳиста-оҳиста нафас гирифт ва ниҳоят чашмашро кушод.

Ин ҳолро дида, шодиву хирсандии ҷӯраҳо дар олам намеғунҷид. Зокир Тоҳирро сахт оғӯш карда гирифт.

— Ман аз ту қариб умедамро канда будам, Неъмат,— гуфт Тоҳир.— Хайрият, ки ба толеат Зокир будааст, вагарна....

— Ҳа,— Неъмат низ иқрор шуд.— Худам ҳам «тамом шудам» гуфта будаму...

Гӯё ба танаш оҳани тафсонеро расонда бошанд, Неъмат якбора «оҳ» гуфту чашмонашро маҳкам пӯшид.

Ҷӯраҳо бо тарсу ҳарос тани ӯро аз назар гузаронданд. Аммо ягон чизи ҳавфнокро надиданд.

— Неъмат! Ба ту чӣ шуд? — саросема пурсид Тоҳир. Аммо вай ҷавоб надод. Дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, рӯяшро турш кард.

Бачаҳо дасту пои Неъматро дурусттар аз назар гузаронда

диданд, ки шасте ба сарнагушти Неъмат даромада, ресмони он канда шудааст.

Шаст! Ин сӯзани оддии чокдӯзӣ, ва ё мех не, ки аз ҷои даромадагиаш эҳтиёткорона кашида гиред. Вай дар нӯкаш забонаки чаппае дорад, ки ба гашта баромадани он имконият намедиҳад.

Ин ҳолро дида, рангу рӯи Тоҳиру Зокир аз сари нав канд. Сахт ғамгин шуданд. Зеро аз байни гӯшт кашида гирифтани шаст кори осон набуд. Чӣ бояд кард?

Неъмат пас аз муддате чашмашро кушод. Вай бо ёрии ҷӯраҳояш хеста нишаст. Аммо одами шаш моҳ касал хобидагӣ барин, ҳатто ба гап задан дармонаш набуд. Тамоми вуҷудаш меларзид.

Ҷела ҳанӯз дар Шохоб буд. Неъмат аз Зокир хоҳиш кард, ки онро кашида гирад. Канӣ, ба вай чӣ андармон шудааст.

Зокир ба лаби Шохоб ҷеларо базӯр кашид. Ин дафъа ба ҷои лаққамоҳӣ мурдаи қоз баромад. Бачаҳо онро дида тахмин карданд, ки вай тир хӯрда ба дарьё афтидаасту омада ба ресмони ҷела андармон шудааст.

Неъмат пас аз фурсате ба худ омад. Аммо ба дарди дасташ тоқат карда наметавонист. Шастро як навъе карда худаш баровардани шуд.

— Неъмат, беҳуда зӯр назан,— гуфта ба вай маслиҳат дод Тоҳир.— Зеро ин шаст. Ба фикри ман, онро ба ғайр аз духтур каси дигар гирифта наметавонад.

— Тоҳир дуруст мегӯяд, Неъмат,— Зокир низ фикри ӯро қувват дод.— Туро бояд фавран ба духтур бурданамон даркор.

Неъмат розӣ шуд. Ҷӯраҳояш ӯро аз бағал гирифта, ба сӯи қишлоқ раҳсипор шуданд.

Ҷӯраҳояш Неъматро рост ба духтурхона оварданд. Дар он ҷо ба ғайр аз ҳамшираи тиббӣ каси дигар набуд. Вай шастро каме ҷунбонд, Неъмат бошад бо тамоми овозаш дод гуфта фиристод. Бечора ҳамшираи тиббӣ аз кори кардааш пушаймон шуда, саросема дасти ӯро бо докаи сафед баст.

Ба ноомади кор ҳамин вақт дар кӯча мошинаи сабукрави раиси колхоз намоён гардид. Ҳамшираи тиббӣ дартоз баромада онро нигоҳ дошт. Мошина холӣ будааст. Дар паҳлӯи Неъмат худи ҳамшираи тиббӣ нишаста, вайро фавран ба духтурхона бурд.



## СӮҲБАТИ РӮИ ХАРАК

Неъматро ба беморхона оварда даррав ҷарроҳӣ карданд. Духтур сарангушти ӯро чок карда, шастро аз даруни гӯшт беозор бароварда гирифт.

Вале аз чӣ сабабе буд, ки се рӯз паси ҳам таби Неъмат нафаромад. Тамоми вуҷудаш дар ӯгурча андохта кӯфтагӣ барин дард мекард. Якзайл ҳалқаш қоқ мешуд. «Об, оби хунук диҳед» мегуфт.

Модари Неъмат сахт тарсида буд. Вай як қадам ҳам аз сари болини писараш дур намешуд. Дар пеши кат, рӯи курсӣ нишаста, ба ӯ ҳар замон шарбати мева медод.

Ниҳоят, рӯзи сеюм доруҳои духтур қувваи худро нишон доданд. Неъмат чашмашро кушода хест. Рӯз аз рӯз қувват пайдо карда, аҳволаш беҳтар шудан гирифт. Модари ӯ хотирҷамъ шуда ба хонааш рафт.

Аз ин миён боз ду-се рӯз гузашт, Неъмат хеста берун баромад. Дар боғ, дар зери сада нишаста буд, ки аз дарвозаи беморхона Тоҳир даромада омад. Ҷӯраҳо гӯё ҳамдигарро як сол боз надида буданд, ки оғӯш кушода вохӯрдӣ карданд. Аз чашмони Тоҳир ашки шодӣ мерехт. Вай ҳоло аз хурсандӣ ба куртааш намеғунчид.

— Хайр, чӣ тавр, акнун саломатиат нағз-мӣ? — баъди дар харак нишастан пурсид Тоҳир.— Ҳамаи бачаҳои синфамон ба ту салом гуфтанд. Ҳа, дар воқеъ, Ҳафиза ҳамроҳи ман

омаданӣ буд. Модараш ба кучов рафтаанд. Вай пагоҳ меомадааст.

— Ба ҳамаатон бисьёрҳо раҳмат, ҷӯра,— гӯён изҳори миннатдорӣ намуд Неъмат. — Лекин ту рафта ба Ҳафиза гӯй, ки овора нашавад. Маро имрӯз ё пагоҳ ҷавоб медиҳанд. Дирӯз Зокиру роҳбари синфамон омаданд. Аз Зокир не-куя, лекин аз роҳбари синфамон бисьёр шарм доштам...

— Ҳа, Зокир ба ман рафта гуфт,— сухани ҷӯраашро бурид Тоҳир.— Барои ин кор на фақат худи ту, балки мо ҳам шарм доштем. Лекин чӣ илоҷ? Ин барои ҳамаи мо як сабақи калон шуд.

Неъмат ин дафъа гап назад. Вай пас аз каме хаёл карда истодан:

— Ҳамааш майлаш-куя,— гуфта як оҳ кашид.— Аммо имтиҳонҳо наздик омада монд. Намедонам, ки чӣ мешуда бошад?

— Аз ин тарафаш парво накун, ҷӯра,— гӯён ба вай дилдорӣ дод Тоҳир. — Мана, имрӯз ман ба ту дафтарамро овардам. Хон. Баъд аз сиҳат шуданат боз ҳамроҳ нишаста дарс тайёр мекунем. Акнун моҳидорӣ ҳам тамом шуд-ку.

Неъмат хандид. Тоҳир ҳам зери лаб табассум карда монд.

— Дар воқеъ, Тоҳир,— якбора ба хотираш расида пурсид Неъмат,— аз пахта гап зан, аз пахта. Таҷриба гузарондетонмӣ?

— Гузарондем,— ҷавоб дод Тоҳир.— Авҷи ниҳолҳо нағз. Корамон натиҷа медодагӣ барин. Ба ҷӯякаш пору зада як маротиба каланд кардем. Дирӯз об мондем.

— Об мондетон? — Неъмат як қад парида ба ҷӯрааш ниғоҳ кард.— Кандани ҷӯи нав хеле азоб додагист-а?

— Ба ту чӣ гӯям? — бо табассум гуфт Тоҳир.— Чашм нарасад, ҳамин рӯзҳо Зокир ба пахта ҷудо меҳрашро мондагӣ. Баъд росташро гуфтан даркор, ки вай ду баробари мо қувва дорад. Ба одами пурқувват кор писанд набудааст. Бисьёртари ҷӯйро вай канду камтарашро ман.

— Дар ҳақиқат ҳам Зокир бақувват,— гӯён Неъмат низ иқрор шуд.— Агар вай намебуд, балки ман аз таки гирдоб баромада наметавонистам. Аммо камтар деламагиаш ҳастдия.— Тоҳир мулоим хандид.— Мабодо ба дилат нагирӣ ҷӯра,— гуфт ӯ.

— Ингуна нуқсон ба ҳар кадоми мо ҳаст. Афсӯс, ки онро худамон дида наметавонем.

— Масалан, ман чӣ камбудӣ дорам, Тоҳир?

— Ту қариб ҳеҷ гуна камбудӣ надорӣ,— гуфт ба ӯ ҷӯраաш.— Камтар ман-манӣ мекунӣ. Аз дигарон худатро баланд мегирӣ. Нисбат ба ҷӯраҳоят бепарвотар ҳастӣ. Метарсам, ки ту ягон рӯз маро ҳам аз ёдат набарорӣ.

— Не-е, ҳеҷгоҳ. Ту чиҳо гуфта истодаӣ, Тоҳир? — Неъмат якбора сурх шуда рафт.— Ман Зокирро ҳам бачаи ганда намегӯям. Ҳамин қадар, ки иродааш андаке суст. Як корро аз сидқи дил карданӣ мешаваду ба охираш намерасонад...

— Не, акнун ин гапҳоят ба ӯ намечаспад, Неъмат,— эътироз намуд Тоҳир.— Медонӣ, Зокир ҳозир хеле дуруст шуда монд. Вай аз фанҳои физика, забони русӣ баҳои «4» гирифт. Ба ғайр аз ин, шабона дуямон аз қишлоқ ба сари пахта пору кашондем. Шаш тӯрба поруро аз болои яккачӯб худи Зокир гузаронд. Дар ҳамин ҷо ман ба ӯ қоил шудам.

— Чаро шабона кашондетон? Бегоҳирӯзӣ нағз набуд?

— Ту ҳоло аз бисьёр гапҳо хабар надорӣ-дия, Неъмат,— гуфт гиламезона Тоҳир.— Як ҳафта боз дар Лолазор воҳима. Одами вохӯрдагӣ ба ману Зокир насиҳат мекунад, ки ба Шохоб наздик наравем. Бинобар ҳамин, мо ба сари пахта фақат шабона рафта меоем. Лекин касе ҳаминро ҳам пай бурда хабар кашидааст. Дирӯз падарам ба тарафи Шохоб рафтанамонро қатъӣ манъ кард. Намедонам, ки акнун чӣ кор мекунем?

— Кори нағз нашудааст,— ба хаёл фурӯ рафт Неъмат.— Кошки Шохоб роҳи дигар медошт. Ҳама ҷо об, ҳама ҷо заҳбур, он тарафи заҳбурҳо найзори зич.

Ин дам ҳамшираи тиббӣ Неъматро ҷеғ зад. Сӯҳбати ҷӯраҳо бурида шуд. Онҳо бо якдигар хайрухуш карданд.



## ҚИССАИ ПОРУ

Имтиҳонҳои тобистона ҳам ба поён расид. Тоҳир аз ҳамаи фанҳо баҳои «5» гирифт. Неъмат бошад синфи шашро бо «4»-у «5» тамом кард. Зокир ҳам аз ҷӯраҳояш чандон қафо намонд. Ҳатто аз се фане, ки дар аввал бисьёр суст буд, дар имтиҳонҳои охири сол баҳои «4» гирифт. На фақат ҳамсинфонаш, балки тамоми муаллимон, ҳатто директори мактабро дар ҳайрат мононд. Ҳама аз он хурсанд буданд, ки вай дар охир хеле тағьир ёфт. Бачаи хушодоби боғайрат шуда монд.

Акнун Тоҳирино дар бораи дарсу имтиҳонҳо фикр намекарданд. Онҳо хаёли ба лагери пионерӣ рафтан, ё ки ба ягон ҷои дигар саёҳат карданро надоштанд. Фикру зикри сеяшон ба як чиз банд буд, дар пеши онҳо кӯҳи калоне меистод. Вай гӯё ба дараҷае баланд ва касногузар буд, ки қуллаҳояш аз поён ба чашм базӯр мерасиданд. Ин ёфтани роҳи нави ба лаби Шохоб мебаромадагӣ, ба пахтазор кашондани поруи маҳаллӣ буд. Ин фикр бачаҳоро шабу рӯз осоиш намедод.

Неъмату Зокир рӯзи аввали таътил ба назди Тоҳир омада, вна ҳамин масъаларо ба миён партофтанд. Онҳо гумон карда буданд, ки Тоҳири тадбиркор аҷаб нест, ки аллакай ягон роҳи қулайро ёфта монда бошад. Вале хаёлашон хом баромад. Тоҳир мулоимакак хандиду:

— Ин ҷойҳоро шумоён аз ман дида нағзтар медонетон,— гуфт вай рӯй рост иқрор шуда.— Роҳи навро ҳам шумоён ёфтанатон даркор.

Дар ҳақиқат ҳам гуфти ӯ дуруст буд. Вай ҳоло пастиву баландии Лолазорро нағз намедонист. Ин буд, ки Неъмату Зокир боз сарашонро хам карда, ба фикр фурӯ рафтанд. Аммо ҳар қадаре каллаашонро ба дард оварда фикр намекарданд, ба хотирашон ягон тадбири беҳтаре намерасид. Аз байн чанд дақиқа ройгон гузашт.

Ниҳоят, аввалин шуда Неъмат фикри худро баён кард. Ба ҳамаашон маълум буд, ки аз чор се қисми умри бобои ӯ бо шикорчигӣ гузаштааст. Ҳамин тавр бошад, пас вай ҳама роҳҳои пинҳони байни қамишу ҷангалзорро нағз медонад. Сари худашонро гаранг накарда, беҳтараш Неъмат ҳозир рафта ба ӯ муроҷиат кунад. Бобо хоҳиши набераашро рад намекунад.

— Не, агар каси дигар мебуд, шояд розӣ мешуд,— гуфта ба фикри Неъмат зид баромад Тоҳир.— Аммо бобоят ҳаргиз ба лаби Шохоб рафтани ману туро роҳ намедиҳад. Зеро...

— Исто, исто,— сухани ҷӯраашро бурида ба гап даромад Зокир.— Ту каси дигар гуфтию як чиз ба ёдам расид. Ман ҳам бовар дорам, ки бобои Неъмат ба ин хоҳиши мо ҳеҷ розӣ намешаванд. Лекин мо ҳамин мақсадамонро рафта ба Саиди шикорчӣ гӯем-чӣ?

— Ана ин гапи дигар,— чеҳраи Тоҳир якбора кушода шуда рафт.— Лекин вай ин корамонро ба одамон ошкор намекарда бошад?

— Не, аз ин тарафаш хотирҷамъ бош,— гуфта Тоҳирро бовар кунонд Неъмат.— Саиди шикорчӣ одами хуб. Ин хел гапҳоро ҳаргиз аз даҳонаш намебарорад. Гардетон, тезтар ба наздаш равем, ки вай боз ба ягон ҷо баромада наравад.

Ҳар се ба роҳ даромаданд. Хонаи Саиди шикорчӣ дар самти ғарбии Лолазор, дар як баландии дилкушо воқеъ буд.

Барвақттар омадани бачаҳо кор дод. Онҳо бо вай дар таки дарвозаи ҳавлиаш вохӯрданд. Саиди шикорчӣ ба куҷое рафтагор буд. Аммо вай аз роҳаш гашта, бачаҳоро ба хона таклиф кард. Ин дам аз даруни ҳавлӣ саги тозӣ баромад ва бачаҳоро дидан ҳамон шинохт. Ба пеши онҳо омада, китфашро ба пои онҳо молидан гирифт.

— Ин ҳамон тозии мо ёфтагӣ не-мӣ, амак? — бо ҳаяҷону хурсандӣ пурсид Тоҳир.— Пояш дуруст шудааст?

— Ҳа, дуруст шуд,— гуфт дар ҷавоб Саиди шикорчӣ.— Ба як ҳисоб шумоён давлати рафтаи маро гардонда овардетон, писарам. Ман ин некии шумоёнро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Зеро ин тозӣ ба ман аз даҳ асп ҳам қиммат аст. Махсусан рӯбоҳро бе тозӣ шикор кардан душвор. Агар ин тозӣ набошад, рӯзи ман сиёҳ. Ҳар сол ба давлат панҷоҳ шаст дона пӯсти рӯбоҳро аз куҷо ёфта медиҳам. Хайр, дароетон, писарҳои ширин. Дар хона гӯшти сайд дорам, кабоб карда медиҳам.

— Не, ҳозир мо вақт надорем, амак,— гуфт ду дасташро ба сари синааш гузошта Неъмат.— Лекин ба пеши шумо бо як хоҳиш омадем.

— Хӯш, хӯш,— ба чеҳраи Неъмат меҳрубонона нигарист Саиди Шикорчӣ.— Гап зан канӣ. Вай чи хел хоҳиш будааст, писарам? Аз дастам биёяд, ман аз шумоён ҷонамро ҳам дареғ намедорам.

Неъмат ба ӯ мақсадашонро як-як фаҳмонда дод. Саиди шикорчӣ муддате хаёл карда истоду:

— Гардетон. Як пайраҳа ҳаст. Онро ба ивази нағзиатон ба шумоён нишон медиҳам — гуфта пеш даромад.

— Амак, фақат нишонаҳояшро гӯед кифоя,— аз ҳиммати баланди Саиди Шикорчӣ хиҷолат кашида гуфт Тоҳир.— Худамон ёфта меравем.

— Ёфтанатон душвор, писарам, — гуфт Саиди шикорчӣ — Даруни қамишзор калобаи чилигшуда барин. Ҳамин қадар сол ин ҷониб гашта, баъзан сари худам ҳам гаранг шуда мемонад.

Бачаҳо дигар гапи ӯро нагардонданд. Саиди шикорчӣ пеш даромад. Тозӣ аз ҳама гузашта рафт. Онҳо аз қишлоқ фаромада, ба даруни чакалакзор даромаданд, ки дарахтони гуногуни он мӯи сар барин зич сабзида буданд. Рафтарафта чакалакзор ба поён расиду қамишзори касногузар сар шуд. Дигар ҳеҷ чиз наменамуд.

Тозӣ пеш-пеш рафта ба пайраҳае даромад. Аз паси он Саиди шикорчӣ ва бачаҳо низ меомаданд. Агар каму беш печутоб хӯрдан намешуд, ин аз пайраҳаи пеши осиё дида хеле наздик будааст. Зеро бачаҳо якбора ба лаби Шохоб баромаданашонро нафаҳмида монданд.

Саиди шикорчӣ онҳоро то саргаҳи яккачӯб бурданӣ буд. Аммо бачаҳо розӣ нашуданд, бо шикорчӣ миннатдорӣ намуда, вайро ба қафо гардонданд.

Аз болои яккачӯб аввалин шуда Тоҳир гузашт. Роҳ сар

карда, ҷўраҳояшро ба сари пахтазор овард. Бачаҳо ба имтиҳонҳо банд шуда, аз пахтазор чанд рўз ин ҷониб хабар нагирифта буданд. Дар ин муддат ниҳолҳо чунон қад кашида бағал дода буданд, ки чинорҳои сершохро ба хотир меоварданд.

Пахта саросар ғарқи гул буд. Аммо рангҳои гулаш гуногун: баъзеаш сафед, баъзеаш зард ва баъзеи дигараш нофармони гулобӣ метофтанд.

Баробари ниҳолҳои пахтаро дидан Неъмату Зокир моту мабҳут шуданд. Зеро онҳо дар умрашон чунин ниҳолҳои серҳосилро надида буданд. Агар ҳамаи он гулҳо пурра ба кўрак табдил ёбанд, яқин аст, ки аз ҳар гектари он то сад центнерӣ ҳосил бардоштан мумкин буд.

Тоҳир атрофи ниҳолҳоро давр зада, намии хок ва баргу шохчаҳои ниҳолҳоро як-як аз назар гузаронид.

— Таҷрибаамон натиҷаи аввалини худро нишон додааст,— гуфт вай аз авҷу барорӣ ниҳолҳо хушнуд шуда.— Вале ин ҳоло кифоя намекунад. Ба ниҳолҳо аққалан боз як маротиба пору заданамон даркор. Сонӣ ҳосилро ғундошта адо карда намешавад.

Гўё ба даҳонашон об гирифта бошанд, Неъмату Зокир ба як чиз гуфтан ҷуръат накарданд. Сабабаш ин буд, ки пайраҳаи нави ҳозир омадаашон ба кашондани пору хеле дурӣ мекард. Баъд, чи қадаре ҳушьёрӣ накунанд, дар роҳ, дар бригадаи дуюм онҳоро хоҳу ногоҳ кас дида мемонад, ба куҷо рафта истоданашонро пурсу ҷў мекунанд.

Дар бозгашт бачаҳо ба қароре омаданд, ки аз ин бобат ҷиддитар фикр карда, ягон тадбире ёбанд.

Рўзҳо мегузаштанд. Бачаҳо ҳар қадар фикр накунанд ҳам, ягон роҳи қулай кашондани поруро ёфта натавонистанд. Фикри Зокир ба Неъмат, аз они Неъмат ба Тоҳир маъқул намешуд. Баъзан дуру зароз баҳсу мунозира мекарданд. Вале аз он ягон натиҷаи дилхоҳ ҳосил намегардид.

Маслиҳати бачаҳо бештар аз он сабаб намепухт, ки ду пайраҳаи ба лаби Шохоб мебаромадагӣ аз ҳамдигар фарқи калон дошт. Одамон дар роҳи осиё тўрба бардошта гаштани бачаҳоро бинанд, онро ҳаргиз пору намепиндоштанд. «Ба осиё гендум бурда истодагист» гўён аз дил мегузаронданд. Вале роҳи Саиди шикорчӣ нишон додагӣ ин хел набуд. Ҳар як одам бачаҳои тўрба бардошта гаштагиро дида шубҳа мекард. Чӣ бурда истодани онҳоро мепурсид.

Чоштгоҳу рўзи сеюм буд, ки Зокир бо чеҳраи кушоду

димоғи чоқ ба назди Тоҳир даромада омад. Неъмат ҳам онҷо буд.

— Акнун бас кунетон,— гуфт вай ба ҷӯраҳояш.— Шиштан фоида надорад. Гардетон, ба сари пахтазор меравем.

— Тинҷӣ-мӣ? — бо хавотир пурсид Тоҳир.— Мабодо пахтазорро об зер накардааст?

— Не, об зер накардааст-куя,— гуфт Зокир.— Лекин шабона ман ба таки ниҳолҳо пору бурда пошидам. Гардетон, акнун рафта таки онро нарм мекунем.

— Поруро аз куҷо ёфтӣ? — чашмонашро калон кушода пурсид Неъмат.— Дар он қарибиҳо пору набуд-ку.

— Ба дузд мол қаҳт-мӣ?

— Аз ростӣ ҳам дуздӣ кардӣ? — ба рӯи ӯ ҷиддӣ нигоҳ кард Тоҳир.— Наход, ки...

— Дуздӣ? — гӯён бо ханда сухани Тоҳирро бурид Зокир.

— Ба ҳамин гап даррав бовар кардӣ? Ман ҳоло ақламро нахӯрдаам, ҷӯра. Дирӯз бегоҳӣ яке чашмам афтида монд, ки сардори звенои бригадаи дуюм аз базаи бӯрдоқикунонии район пору кашонда истодааст. Ба мошинааш савор шуда гирифтам. Поруро дар паҳлӯи чакалакзор фуровардани шуд. Даррав белро гирифта ба фуровандани он ёрӣ додам. Сардори звено: «Баракалло, баракалло, писарам» гӯён таъриф кард. Ман фурсатро аз даст надода, «амак, аз ҳамин пору ду тӯрба гирам майлаш-мӣ?» гуфта хоҳиш кардам.

— Поруро чӣ кор мекунӣ?

— Чӣ кор мекард,— ба ҷои ман шофёр ҷавоб дод.— Намебинӣ, мактаббача-ку. Ба участкаи таҷрибавиаш меандохтагист-дия.

— Амак, шумо инро чӣ хел донистед? — гӯён пурсидам.

— Чаро намедонистаам? — гуфта хандид шофёр.— Чанд сол пеш мо ҳам ту барин мактабхон будем. Участкаи таҷрибавӣ доштем. Ҳаракат мекардем, ки аз он ҳосили хуб гирем.

Ба ин гапи шофёр сардори звено табассум карду ба ман рӯ оварда:

— Майлаш гир,— гуфта иҷозат дод.— Агар барои участкаи таҷрибавиат бошад, бурдан гир.

Баъди ҳамин зада ба хона омадаму ба модарам гуфтам, ки «ман ба пеши Тоҳир меравам». Аммо омада дуятонро ҳам наёфтам.

— Мо дар кино будем,— гуфт Неъмат.— Сонӣ чӣ кор кардӣ?

— Худам рафтам,— гуфта нақлашро давом дод Зокир.— То ба чакалакзор расидан торик шуда монд. Лекин ба ҳеҷ чиз аҳамият надода, ду тӯрба поруро бурда ба даруни пахтазор пошидаму ба хона гашта омадам.

— Э, қанд зан, Зокир! — гӯён ҷӯраашро аз замин озод бардошт Неъмат.— Ту қаҳрамонӣ нишон додӣ, қаҳрамонӣ!

— Рост, рост,— Тоҳир ҳам тарафдорӣ кард.— Аз фикру хаёл кардан сарамон ба дард омада буд. Ту моро аз дарди сар халос кардӣ. Гардетон акнун барвақттар равем.

Баъди ҳамин бачаҳо бозикунон ба роҳ даромаданд. Аз байн ним соат нагузашта ба назди Яккачӯб расида омаданд. Бошитоб аз пайраҳа, аз байни ҷангалзор гузашта, ба саҳн баромаданд ва якбора ҳайкал барин шах шуда monданд.

Дар пахтазор ягонта ҳам ниҳоли рост наменамуд. Гӯё онро бо мошинаи алафдарравӣ аз яксар тоза даравида, боз дар ҷои худаш силос барин майда карда бошанд, ба замин яксон шуда мехобид. Қисми зиёди ниҳолҳо дар зери кулӯх монда буданд.

Аз шиддати қаҳру ғазаб тамоми вуҷуди Тоҳир ларзид. Чашмонаш аз косахонааш дамиданд. Дар давоми шаш моҳи дар Лолазор буданаш бори нахуст ба Зокир теғ кашида нигоҳ кард. Ӯ бо ҳамин нигоҳаш ба вай ким-чиҳо гуфтанӣ буду аммо худдорӣ намуд. Даҳон накушод. Ба ҷои ин лаби поёнашро ба зери дандонаш гирифта сахт газид. Аммо Неъмат худашро дошта натавонист. Оташи қаҳру ғазабаш якбора аланга гирифт:

— Ҳой, Делама! — гӯён хитоб карду дартоз омада ба гиребони Зокир дарафтод.— Ин чӣ кори кардагиат? Ба сари ниҳолҳо об рехтӣ-ку, наҳс!!

— Ман, ман,— мисли бачаҳои хурдсол давоми гапашро ёфта наметавонист Зокир.— Охир, ман...

— Боз ман-манӣ мекунӣ! — гулӯи ӯро фишурда ду-се бор такон дод Неъмат.— Ҳамин қадар меҳнатамонро барбод додӣ-ку, ношуд!

Чашмони Зокир ҳам нимкоф шуданд. Вай ҳозир метавонист бо як тела додан Неъматро аз худаш дур кунад. Аммо гуноҳи содиркардааш бузург буд. Забонаш кӯтоҳ, гапаш намегузашт. Ба ғайр аз таҳқиру даштноми Неъматро шунидан илоҷа дигаре надошт.

Лекин Тоҳир оқилӣ кард. Вай дарров ду оринҷи дасташро ба кор ондохта, дуи онҳоро ба ду тараф ҷудо карда монд.

— Монетон, монетон,— гуфт Тоҳир ҷӯраҳояшро ба сулҳ

даъват намуда.— Кори нашуданӣ шудааст. Акнун сарамонро ба сангҳо занем ҳам, фоида надорад. Ниҳолҳои хушкшуда аз сари нав нашъунамо намеёбанд. Пас, моҷаро чӣ лозим? Албатта, инро Зокир ҳам қасдан накардагист. Балки кори ягон одами дигар будагист. Бинобар ҳамин ҷанҷолро монему санҷида бинем, ки ин кори кӣ бошад?

Неъмат каме аз дамаш фуромад. Бачаҳо ба даруни замини шудгоршудаи пахтазор даромаданд. Ба он ҷо даромаданду нохост чашмашон ба нишонае афтид, ки онро рӯи баҳор баъзеашон изи гӯсфанд, баъзеашон пои оҳу пиндошта буданд.

— Ин пои гӯсфанд ҳам не, оҳу ҳам не,— гуфт қатъӣ карда Тоҳир.— Ба фикри ман, пои ягон махлуқи дигар.

— Мана, мана нишонаашро ёфтам,— гуфт Неъмат ба андозаи донаки зардолу як чизи зардчатобро аз даруни хок гирифта.— Ба ҳамааш ана ҳамин кунҷора сабаб шудагӣ.

— Дар ин ҷо кунҷора чӣ кор мекунад? — бо тааҷҷуб пурсид Тоҳир. Неъмат ба ӯ фаҳмонда дод, ки молҳои базаи бӯрдоқикунии районро фақат бо кунҷораю пӯчоқи чигит фарбеҳ мекунанд. Кунҷора баъзан аз охури молҳо ба таки пояш рехта, бо пору қатъ шуда ба замин меояд.

— Хӯш, фарз кардем, ки поруи ба замин пошидаи Зокир кунҷора доштааст,— аз рӯи Неъмат чашм наканда пурсид Тоҳир.— Ту бо ин чӣ гуфтан мехоҳӣ?

— Ҳамаи гап дар ҳамин кунҷора-дия,— боз сухани ҳозир гуфтаашро такрор кард Неъмат.— Акнун маълум шуд, ки дар ҷангалзор хуки ёбой будааст. Вай бӯйгир аст. Ҳар гуна бӯйро аз як санг роҳ мефаҳмад. Лаънатӣ бӯи ҳамин кунҷораро гирифта омада, замини пахтазорро таку рӯ кардааст.

— Ҳа, ҳа,— сарашро оҳиста-оҳиста ҷунбонд Тоҳир.— Ин гапат ба ҳақиқат хеле наздик. Лекин барои кунҷораи ночиз шуда, ҳамин қадар заминро...

— Эҳ-ҳе, ин ҳоло чӣ,— гӯён мад кашид Неъмат.— Боре бобоям нақл карда буданд, ки бойҳои пештара аз ҳисоби қамишзор замини нав кушоданӣ шавад, як миқдор мавизи арзонбаҳоро харида, онро ба даруни қамишзор мепошиданд. Пас аз торик шудан, аз чор тараф рамаи хукҳои ёбой омада, худро ору барин ба ширинӣ мезаданд. Онҳо аз пои ёфтани як-ду дона мавиз шуда, ҳамон шаб хоки қамишзорро ба осмон бод медоданд.

Ҳарчанд, ки нақли Неъмат хеле шавқовар буд, ҳозир ба

Тоҳир он қадар нафорид. Вай ба ниҳолҳои хушк шудаи пахта дуру дароз нигоҳ карда як оҳи бадарде кашиду сонӣ ба шариконаш рӯ овард:

— Бачаҳо, гардетон рафтем,— гуфт.

Аз паси Тоҳир Неъмату Зокир ҳам ба роҳ даромаданд. Бо ҳамин ҳавсалаи ҳамаи онҳо сар омад, дигар ба он сӯи Шохоб қадам нагузоштанд.



## ВИҶДОН

— Аҷаб нест, ки мо боз ба шаҳр, ба ҳавлии худамон кӯчида равем,— гуфт рӯзе ба ҷӯраҳояш Тоҳир.— Зеро аз Вазорати хоҷагии қишлоқ ба падарам мактуб омад. Он касро ба кори Вазорат гирифтанӣ шудаанд.

— Кори илмиашон чӣ мешавад? — пурсид Зокир.— Дар Лолазор «камаш ду сол меистем» гуфта будӣ-ку?

— Мақсади падарам ҳамин хел буд,— ҷавоб дод Тоҳир.— Аммо фармони вазоратро рад карда намешавад-дия.

Неъмату Зокир аз ин гапи ҷӯраашон хеле маъюс шуданд. Тоҳир бо ягон сухани аҷиб дили онҳоро бардоштанӣ буд, ки хаткашони колхоз омада монд. Вай даруни сумкаашро тит карда, ба Тоҳир як конвертро гирифта дароз кард, ки дар рӯяш якбора се мӯҳр дошт.

Тоҳир саросема онро кушод, ки аз дарунаш ба лагери Артек роҳхат баромад. Онро аз хонаи натуралистони ҷавони шаҳр, ки Тоҳир соли гузашта дар мусобиқаи пайвандгузаронӣ иштирок карда, ҷои якумро гирифта буд, фиристода буданд.

Тоҳир як ҳафта тайёрии сафарро дид. Рӯзи мерафтагиаш чанд нафар муаллимон ва ҳамаи ҷӯраҳояш дар назди идораи бригада ҷамъ омада, ба ӯ роҳи сафед орзу карданд.

Раис мошинаи сабукравашро дод. Дар пеши шофёр падараш, дар қатори дуюм Неъмату Зокир нишаста, ӯро то ба аэропорт гуселониданд.

Пас аз як ҳафта дар Лолазор овозае паҳн шуд, ки падари Тоҳирро ба Вазорати хоҷагии қишлоқ ба кор гирифтаанд. Баъди ҳамин як бегоҳ мошин омаду онҳо ба шаҳр кӯчида рафтанд. Аз ин, ҳатто Неъмату Зокир бехабар монда буданд.

Бисьёр нагузашта боз тирамоҳи тиллоӣ омад. Дар боғҳои колхоз ангурканӣ сар шуд. Бригадаҳои пешқадам ба чидани пахта сар карданд. Бачаҳо портфелашонро ба даст гирифта, боз шоду хуррам ба мактаб омаданд.

Ду ҳафтаи моҳи сентябрь гузашт. Баъди пешин Неъмат супоришҳои хонагиро иҷро карда, барои каме давр задан ба кӯча баромада буд. Ногоҳ дида монд, ки ба сӯяш Зокир омада истодааст.

Вай одами аз таки пояш хазина ёфтагӣ барин саросема, ба ҳеҷ куҷо нигоҳ накарда қадам мепартофт. Чеҳрааш шод, чашмони танги муғулиаш аз шодӣ барқ мезаданд.

— Неъмат, Неъмат,— гуфт ӯ овозашро чандон баланд накарда.— Ман ба ту як хабари хуш овардам. Аввал бовар намекунӣ. Баъд мебиниию ҳайрон мешавӣ.

— Хабари хушаш чӣ будааст вай — бепарвоёна пурсид Неъмат.

— Пахта! Пахта! — гуфт бо ҳаяҷон Зокир.— Дар пахтазорамон ду бех ниҳол мондагӣ будааст. Ана ҳамонҳо калон шуда шукуфтаанд. Аз онҳо барои намуна як шохчаашро гирифта омадам,— гуфт Зокир ва шохчаи овардаашро аз таки куртааш бароварда нишон дод.— Нигоҳ кун, дар як нарти борикак ҳашто кӯраку боз ҳамаи он саросар шукуфтааст.

— Ин аҷоиб-ку, Зокир,— Неъмат низ ба ҳаяҷон омад ва шохчаи кӯракҳояш сап-сафед шукуфтаро ба дасташ гирифта тамошо кард.— Аз ростӣ ҳам ин пахтаи худамон-мӣ?

— Ҳа, аз они худамон.

— Ман ба чашмонам бовар накарда истодаам,— гуфт боз Неъмат.— Дар як шохчааш ҳамин қадар пахта... Ҳосили як бехашро нашумурдӣ?

— Не, нашумурдам,— сар ҷумбонда ҷавоб дод Зокир.— Лекин пахтааш аз баргаш ҳам бисьёр. Пахтаи серҳосил гуфтани Тохир бесабаб набудааст. Ман дар умрам ин хелашро надида будам.

— Акнун инро чӣ кор мекунем, Зокир? — ба рӯи ҷӯрааш саволомез нигариста монд Неъмат.

— Бурда ба роҳбари синфамон нишон медиҳем,— гуфт

маслиҳатомезона Зокир.— Баъд мегӯем, ки сеямон дар байни ҷангалзор...

— Чаро сеямон будааст? — сухани ӯро бурид Неъмат.— Дуямон-ку, охир.

— Тоҳир чӣ?

— Уҳ-уҳ, туя бинанду,— Неъмат рӯяшро турш карда хандид.— Вайро ҳисоб накунӣ ҳам мешавад. Зеро бисьёрии меҳнатро ману ту кардем, ҷӯра. «Аз они худамон» мегӯем. вассалом.

Зокир гӯё ба гуфтаҳои Неъмат розӣ шудагӣ бошад, овозашро нармтар карда пурсид:

— Дуруст, «аз они худамон» мегӯем. Рафту овозаи пахтаи серҳосил рафта ба гӯши Тоҳир расад, баъд чӣ мешавад?

— Эҳ-ҳе, ана гапу мана гап, — гӯён мад кашид Неъмат. — Бо ҳамин гурдаат чӣ хел гаштӣ, ҷӯра? Лолазор куҷову шаҳр куҷо. Натарс, ҳеҷ гоҳ ба гӯшаш намерасад. Баъд ин корро фақат ману ту медонем, ба ҳеҷ кас намегӯем, вассалом.

Зокир шохчаи пахтаро аз дасти Неъмат бо ҷаҳл кашида гирифт.

— Ман-манӣ, ҳавобаландиатро медонистам, Неъмат,— гуфт ба рӯи ӯ ҷиддӣ нигариста Зокир.— Аммо аз кӯтоҳандешагию бевиҷдониат бехабар будам. Мон-е.

Вай ҳамин гапро гуфту ба қафояш нигоҳ накарда ба роҳ даромад.

— Ҳой! Ҳой Делама!! — аз пасаш нидо баровард Неъмат.— Даррав бовар кардӣ? Гапам ҳазл буд. Исто! Агар наистӣ, гашта ба рӯят нигоҳ намекунам, Зокир.

Зокир наистода рафт. Неъмат ҳеҷ гумон накарда буд, ки дар чунин масофаи наздик тираш хок мехӯрд. Зокир ба сухани ӯ эътибор надода рафт. «Аҷабо, вай чаро ин тавр кард?» худ ба худ мегуфт ӯ.

Неъмат баъд аз ҳамин фаҳмид, ки дар табиати Зокир дигаргунии калон пайдо шудаасту вай бехабар. Ҳа, Тоҳир ҳам як вақтҳо гуфта буд, ки: «медонӣ, Зокир хеле дуруст шуда монд».

Неъмат номи Тоҳирро ба ёд оварду тамоми вуҷудаш қувваи электр расидагӣ барин виҷҷирос зада рафт. «Ман чаро якбора ба Зокир ин тавр гуфтам? — Дар дил пушаймон мехӯрд ӯ.— Чаро дурусттар андеша накарда гап задам? Рафту вай ин гапҳои маро ба роҳбари санфамон гӯяд? Баъд чӣ мешавад?»

Неъмат то бегоҳ дар ҳамин бора фикр карда гашт. Вай аз суханҳои ба Зокир гуфтааш сахт пушаймон шуд. Аммо тир аз камон ҷаста, хишт аз қолиб хеста буд. Сарашро ба сангҳо занад ҳам, фоида намекард.

Неъмат пагоҳӣ аз ҳар рӯза дида барвақттар хест. Дурустар хӯрок нахӯрда ба роҳ даромад. Омада дид, ки дар мактаб як ҷаҳон дигаргунӣ шудааст.

Зокир шохчаи пахтаи серҳосилро дароварда ба директори мактаб нишон додааст. Директор даррав муаллими биология ва агрономи колхозро ҷеғ задааст. Баъд чорашон бо пайраҳаи борик ба он тарафи Шохоб, ба пахтазор рафтаанд.

Ҳосили пахта аз таърифоти Зокир ҳам зиёдтар будааст. Муаллиму агроном сатҳи замин ва ҳосили пахтаро ҳисоб кардаанд, ки ҳосили ҳар гектараш қариб ба сад центнер рост омадааст.

Аммо ба партофта рафтани чунин ниҳоли аҷоиби серҳосил дилашон нашудааст. Онҳоро беозор бо решаашон канда, бо матои сафед печондаанду оварда дар кабинети биологияи мактаб гузоштаанд.

Баъд аз ҳамин муаллимон ва сараграноми колхоз дидаанд. Онҳо ба пахтаи муқаррарӣ будани ин ниҳол шубҳа карда, зуд ба марказ, ба станцияи селекционӣ хабар додаанд.

Кабинети биологияи мактаб аз пагоҳӣ серодам буд. Бачаҳои омадагӣ аввал ба он ҷо рафта, пахтаи серҳосилро тамошо мекардаанду баъд ба синфҳояшон медаромаданд. Раиси колхоз, падари Неъмат ва боз ду-се нафар бригадирони дигар ҳам омада ин пахтаи «сеҳрнок»-ро дидаанду дасти Зокирро дошта сахт фишурданд. Вале ба Неъмат ҳеҷ кас назару эътибор намедод.

— Эҳ, Делама-е,— бо алам аз дил гузаронд Неъмат,— маълум шуд, ки ба ҳама «пахтаи худам» гуфта маро номбар накардааст. Хайр, нигоҳ карда исто.

Неъмат дами дарун буд. Аз хусуси пахтаи серҳосил ба ягон кас даҳон намекушод. Аз зӯрии алам ҳатто ба кабинети биология наздик намешуд. Гӯё барояш пахтаи серҳосил ҳеҷ аҳамияте надошта бошад, худро ба нодонӣ зада хомӯш мегашт.

Дар ин муддат Зокир ду маротиба ба назди вай омада чизе гуфтанӣ шуд. Аммо Неъмат ба ӯ нигоҳ накард. «Агар

наистӣ, гашта ба рӯят нигоҳ намекунам, Зокир!» гуфтанаш ба ёдаш расид магар, ки рӯяшро ба тарафи дигар гардонд.

Аз он даме, ки ниҳолҳои пахтаро ба кабинет даровардa монданд, се рӯз гузашт. Пои меҳмонҳо аз мактаб ҳеҷ канда намешуд. Ҳамаи онҳо ба кабинети биология медаромаданду гиребонашонро медоштанд. Ба эҷодкорони он таҳсину офаринҳо мехонданд.



## АСРОРИ ПАХТАИ СЕРҲОСИЛ

Қариб ҳамаи роҳбарони колхоз омада рафтанд. Рӯзи дигараш боз омаданд. Хуллас, ҳар рӯз омада мерафтанд. Дари кабинети биологияи мактаб тамоми рӯз баста намешуд. Паси ҳам одам даромада мебаромад.

Рӯзи чорум дар мактаб овоза шуд, ки барои дидани пахтаи серҳосил коркуни станцияи селекционӣ-профессор меояд. Дар ҳақиқат қарибн пешин профессор ҳамроҳи як нафар намояндаи район омад. Бачаҳо онҳоро дар остонаи мактаб пешвоз гирифтанд. Шодиву хурсандии онҳо интиҳо надошт. Танҳо Неъмат худро дар байни ҳамсинфонаш бачаи бегона барин ҳис мекард. Чӯҷаи сағири мурғ барин ҳамеша аз хел берун мегашт. Ана вай ҳозир ҳам аз ҳама қафо, аз паси гурӯҳ кашола шуда меомад.

Неъмат як-як қадам партофта боз ғарқи фикру хаёлҳои беохир гардид: «Ҳатто ҳам директор ва ҳам касони дигар ба гапи «пахтаи серҳосилро ман ихтироъ кардам» гуфтани Зокир бовар карда гаштаанд. Аммо профессор ҳаргиз ба ин гапҳо бовар намекунад. Вай беҳуда профессор шудагӣ набудагист. Албатта, пахтаро аз ҳамаи мо сад маротиба нағзтар медонад. Вай қилро аз хамир ҷудо мекунад.

Агар профессор чи гуна ихтироъ кардани пахтаи серҳосилро пурсад, Зокир, хоҳу нохоҳ дармемонад. Зеро, вай бисьёр чизҳои заруриро намедонад. Ана ҳамин вақт ман ба

миёнҷо мебарояму тамоми сиру асрори онро кушода мепартоям».

Неъмат ғарқи ана ҳамин хел хаёлҳои ширин ҳамроҳи бачаҳо ба кабинет даромаданашро нафаҳмида монд.

Ниҳолҳои пахтаи серҳосил дар пешгаҳи кабинет гузошта шуда буданд. Нӯкашон ба сари сина мерасид. Онҳо ба чор тараф шох давонда буданд. Пахтаҳояшон гули садбарг барин шукуфтагӣ.

Профессор ниҳолҳоро диду моту мабҳут шуда монд. Ба андешаи чуқур афтид. Гӯё ба чашмонаш бовар намекарда бошад, ки ба пеши ниҳолҳо наздиктар омада ба онҳо дурусттар нигоҳ кард. Ин дам воқеаи ғайри оддие рӯй дод. Гӯё ӯро маҳз дар ҳамин соат хабар карда бошанд, ба кабинет Тоҳир даромада омад. Бачаҳо фавран атрофи ӯро печонда гирифтанд. Вай бо ҷӯраҳояш як-як вохӯрдӣ карда, яке ба Неъмат даст дароз кард. Ранги Неъмат баробари ӯро дидан сап-сафед канд. Тамоми вуҷудаш латта барин суст шуда рафт. Нӯки дасташро дода базӯр аҳволпурсӣ кард.

Тоҳир ду қадам пеш гузашта ба директор салом дод.

— Падарат саломат ҳастанд? — пурсид аз ӯ директор.

— Нағз,— гуфт дар ҷавоб Тоҳир.— Ба шумо бисьёрҳо салом гуфтанд.

— Саломат бошанд,— сарашро ҷунбонда монд директор.— Ту ҳам дар вақташ расида омадӣ. Мактуби Зокирро гирифтӣ?

— Ҳа, гирифтам.

Баъд аз ҳамин дар кабинет хомӯшии том ҳукмфармо гардид. Ду чашми бачаҳо ба пешгаҳ буд. Профессор ҳеҷ саросема нашуда, ба тана ва шохчаҳои пахтаи серҳосил гаштаю баргашта зеҳн мемонд. Як паға пахтаро гирифта, онро тамоман ба пеши чашмонаш наздик оварда дид. Вай гӯё як чизи хокистар барин чанг шуда мерафтагӣ бошад, бо ангуштонаш молида нигоҳ кард. Як дона чигиташро бо дандонаш қарсӣ шикаста дид. Ҳама, ҳамааш муқаррарӣ буд.

Профессор пас аз каме хаёл кардан ба қисми поёни ниҳолҳо чашм давонд. Аҷиб, ҳар як тана дандони курсӣ барин се тирреша ва ҳар як тирреша боз решаҳои паҳлӯгӣ доштанд. Танаи ниҳол аз танаи ниҳолҳои муқаррарии пахта хеле ғафс ва ноҳамвор буд.

Профессор фавран як чиз нагуфт. Вай рӯяшро ба тарафи бачаҳо гардонда, муддате ба шифти кабинет нигоҳ карда истоду:

— Дар ҳақиқат ҳам ин пахтаи серҳосли нав барин,— гуфт ӯ.— Нигоҳ кунед, танаи ниҳолаш аз танаи пахтаҳои муқаррарӣ ғафс, ҳосилашро се баробар зиёд гуфтан мумкин. Илова ба ҳамин, ниҳол якбора се тирреша дорад, ки ман ингунаашро дар илми пахтакорӣ надидаам. Хӯш ихтироъкунандаи пахтаи серҳосил кист? Канӣ вай ба ин ҷо баромада, корҳои кардагиашро ба мо як-як фаҳмонда диҳад.

Ҳама якбора ба Зокир нигоҳ карданд. Аммо Зокир бепарво меистод. Неъмат саросема сарашро поин андохт. Вай худ аз худ лаблабу барин суп-сурх шуда рафт.

Ҳамин вақт Тоҳир ҳамаро дар ҳайрат мононда, аз банди дастони Неъмату Зокир дошту онҳоро баробари худаш ду қадам пеш гирифта баромад.

— Рафиқ профессор,— гуфт ӯ бо табассуми нарм.— Ба ин кор аввал ману Неъмат сар карда будем. Беъдтар Зокир омада қатӣ шуд. Ин пахтаро се нафар рӯёндаем... Ҳис карда истодаам, ки диққати шуморо бештар серҳосилӣ ва решаи ниҳол ба худ кашид. Ин ҳамин хел шуда буд: пеш аз ба Лолазор кӯчида омаданамон, ман дар як канори шаҳр, ки ҷафси колхози «Правда» буд, зиндагӣ мекардам. Ҳавлиамон калон, аз рӯидаричаи колхозчиҳо қариб фарқ намекард. Оби равон дошт. Долу дарахташ ҳам бисьёр буд. Мо Умарбобо гуфтанӣ як ҳамсоя доштем. Ба назарам, синни Умарбобо аз ҳаштод гузаштагӣ буд. Аммо вай ҳеҷ ором нишаста наметавонист. Кадом вақт набинед ба дасташ қайчию шохчаҳои зиёдатии дарахтро бурида мегашт. Боғчаи ӯ пур аз дарахтони мевадор буд. Кас ба даруни он дарояд, ба гашта баромадан дилаш намешуд...

Мо медонем, ки ҳар як шохчаи дарахти чормағз аз якто, дуто, баъзан се зиёд ҳосил намебадад. Аммо шохчаҳои чормағзи Умарбобо аз серҳосилӣ қариб ба замин мерасиданд. Ҳар шохчааш аз панҷтой сар карда, то даҳ дувоздаҳтой ҳосил мебаст. Ман Умарбобоbooро бисьёр ҳурмат мекардам. Вай ҳам маро дӯст медошт. Бинобарин ман ба наздаш тез-тез омада меистодам. Чи мегӯед, ки серҳосилии чормағзи Умарбобо диққати маро ба худ кашид. Ба ҷону ҳолаш намонда хоҳиш кардам, ки сирру асрори онро гуфта диҳад.

Ӯ аз ман пирсид, ки фақат фаҳмидан мехоҳам, ё ки усули вайро аз худ намуда, дар боғамон кор мефармоям?

— Ҳунари шуморо ёд гирифтаниам, бобо,— гуфтам дар ҷавоби суолаш.

— Боракалло, писарам. Набошад аз пасам биё, — гуфта

имо кард Умарбобо.— Аввал ҳаминро аз хотират набарор, ки: «бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад». Боғдорӣ кори саҳл нест. Ниҳолро ба ҳоли худаш гузорӣ, ҳосили дуруст намедиҳад. Себу гелос, зардолуву шафтолуҳои мехӯрдагиат як вақтҳо ёбой, яъне ҳамааш хасак будагӣ. Одамони нек инашро ба дигараш, дигарашро боз ба дигараш пайванд карда, навъи онҳоро бисьёр ва нағз кардаанд. Ҳама меваҳои хушлаззати бонамуд ҳунари дасти инсон аст, писарам.

Мо ба таки дарахти азимҷуссаи чормағз омадем. Умарбобо дасти росташро дар болои пешонааш соябон карда, ба он муддате нигоҳ карда истоду:

— Ҳама чиз мӯтеъи одамизод аст, писарам,— гуфт пирамард,— серҳосилии чормағз ҳам бештар ба одам вобаста аст. Баъзеҳо фарқ накарда, чормағзро монанди донаки зардолуву шафтолу шинондан мегиранд. Аммо раҳматии падарам ин тавр намекарданд. Аввал як мехи чӯбинро ба замин кӯфта, онро кашида мегирифтанду ба ҷояш якбора чор, ё панҷ дона чормағзро мепартофтанд. Ҳамаи он баробар сабзида мебаромад. Пас аз каме дароз шудан, тани онҳоро чун мӯи духтарон ба якдигараш сахт мебофтанд. Яккатанаи боқувват шуда ба воя мерасид. Баъд, ин дарахт то бардошта тавонистани шоҳаш ҳосил бастан мегирифт. Аз ҳосили ана ҳамин чормағз боз ба замин мешинонд. Сол ба сол тухмиро сара кардан мегирифтанд. Боз танаҳоро бо ҳамдигар мепечонданд.

Ана ҳамин чормағзро падарам шинонда буданду ман ба корашон нигоҳ карда меистодам. Чормағзи дар поёни боғ будаpo бошад, худам шинондам. Вай аз ин ҳам серҳосилтар шуд.

— Ҳа, акнун фаҳмидам. Ҳамаи гап дар чормағзро тӯп-тӯп шинонда, ниҳоли онро ба ҳамдигар сахт печондан будаастдия, бобо,— гуфтам ман.

— Бале, ҳамаи гап дар ҳамин,— ҷавоб дод Умарбобо. Вақте ки дар як тана панҷ реша шуд, албатта ҳосилаш бисьёр мешавад-дия.

Ман баъд аз ҳамин пештар омада, ба танаи чормағзи калон зеҳн мондам. Дар ҳақиқат ҳам, гуфтаи пирамард рост буд. Ба якдигар печида калон шудани танаи чормағз баръало маълум шуда меистод.

Умарбобо маро ба зери як воиши ангур бурд.

— Ана, ба ин ток ҳам нигоҳ кун, писарам.— Гуфт вай.—

Дида истодай, ки танааш якто. Аммо се навъ ангур андохтааст. Хосияташ дар чист?

Рости гап, дар аввал ман ба ин суханҳои Умарбобо бовар накардам. Вале сарамро боло гирифта дидам, ки пирамард ҳеҷ муболиға накардааст. Дар ҳақиқат ҳам як токи ӯ се навъ ангур дошт. Сар ва донаҳои он чунон калон-калон буданд, ки ҳеҷ мондан гиред.

Якбора рӯям аз шарм алвон барин сурх шуд. Ба ман ҳаминаш аламовар буд, ки ҳамсояи девор дар миён шуда истода, ҳамин қадар одами доно будани Умарбоборо то ҳол намедонистаам. Ҳатто ба току ангурҳояш ҳам эътибор намедодаам. Донистам, ки ток ҳам бо усули чормағз шинонда шуда будааст.

Мо боз чанд қадами дигар гаштем.

— Тоҳирҷон, писарам,— гуфт диққати маро ба худ кашида Умарбобо.— Чаро себи шумоён сол дар миён ҳосил мебандаду аз они мо ҳар сол? Сабабашро медонӣ?

Ба ин савол фавран ҷавоб дода натавонистам. Аммо гуфтӣ Умарбобо дуруст буд. Руст кардан чӣ лозим? Дар ҳақиқат ҳам, себҳои мо як сол ҳосили бисьёр мекарду соли дигар фақат ба шоху барг зӯр медод. «Себамон солгашт» мегуфтему мемондем. Аммо себи Умарбобо ин тавр набуд. Ҳар сол шохшикан ҳосил мебаст.

— Намедонам, бобо,— рӯи рост иқрор шудам ман.— Аммо гапи шумо дуруст. Ҳаминашро ҳам фаҳмонед.

— Ин бештар ба пайвандчӣ вобаста аст, писарам,— гӯён маънидод кард Умарбобо.— Пайвандчӣ одами зирак бошаду нарти пайвандро аз дарахти сермева, аз борхона гирад, дарахт албатта серҳосил, ҳар сол мева мебастагӣ мешавад. Агар нартро аз дарахти рост омадагӣ гирифта пайванд гузаронад, нафақат солгашт, баъзан хеле камҳосил шуда мондаанаш ҳам мумкин.

Ин пирамарди ботадбир ҳаваси маро ба боғдорӣ ва ихтироъкорӣ зиёд кард. Аз он рӯз сар карда ман саргарми пайвандкунӣ шудам, бо ҳар ниҳол гуфтугӯ мекардагӣ шудам. Ман аввал таҷрибаро дар станцияи натуралистони ҷавони шаҳрамон, ки се сол боз аъзои он ҳастам, озмуда дидам. Роҳбарамон аз натиҷаи корам хурсанд шуд. Мо дар он ҷо навъҳои серҳосили пахтаро низ парвариш мекардем. Баъзеамон медодагӣ панҷоҳ центнер ҳосил пахтаи мегирифтем. Ана ҳамин ҳосили баландро дида, дар сари ман як фикри

нав пайдо шуд. Аз чигити се навъи пахта, ки ҳосилаш аз баргаш ҳам бисьёр буд, камтар-камтар гирифта оварда будам...

Бо ҷӯраҳоям Неъмату Зокир дар як порча замини ҷангал ин тухмҳоро бо усули Умарбобо кошта тарбия кардем. Ҳамаи гап ана ҳамин, рафиқ профессор.

— Албатта, ин ҳоло таҷрибаи нав, қадами аввалин аст,— гуфт профессор ба Тоҳиру шариконаш рӯ оварда.— Дар оянда боз чи гуна натиҷаи дилхоҳ додани онро озмоиш кардан лозим меояд... Вале ман ҳозир ҳар сеи шуморо бо муваффақияти аввалинатон, ки пахтаи қариб сад центнер ҳосил медодагӣ рӯёндаатон муборакбод мекунам. Боракалло, деҳқонбачаҳои Лолазор!

— Ба шумо ҳам раҳмати калон, рафиқ профессор, аз омадани шумо сари мо ба осмон расид,— гуфтанд Тоҳиру Неъмату Зокир.— Боз омада истед.

— Албатта меоям, — сари бачаҳоро падарвор сила карда гуфт профессор.— Шумо ҳам ба шаҳр, ба корхонаи илмии мо оед. Дари вай ба рӯи шумоён ҳамеша кушода аст!

## МУНДАРИЧА

Бачаи нав . . . . . . . . . . . . . . . . 3
Онамурғи Ёқутбибӣ . . . . . . . . . . . 10
Тозии Сайди шикорчӣ . . . . . . . . . . 20
Ғуррӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 27
Фарғучи осмонӣ . . . . . . . . . . . . 33
Гурбачаи зангӯладор . . . . . . . . . . 38
Мошинча . . . . . . . . . . . . . . . . 45
Орзуи нави Зокир . . . . . . . . . . . 52
Одами моҳимиҷоз . . . . . . . . . . . . 59
Лаққамоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . 65
Сӯҳбати рӯи харак . . . . . . . . . . . 72
Қиссаи пору . . . . . . . . . . . . . . 75
Виҷдон . . . . . . . . . . . . . . . . . 83
Сирру асрори пахтаи серҳосил . . . . . 88

Барои наврасон

Болта Ортиков

**ДЕТИ ЛОЛАЗОРА**

(на таджикском языке)

Муҳаррир Шодӣ Ҳаниф
Рассом В. Манин
Муҳаррири ороиш В. Будный
Муҳаррири техникӣ Т. Любицкая
Мусаҳҳеҳ А. Муқимов

Ба матбаа 14/VI-1974 супурда шуд. Ба чопаш 27/I-1975 имзо шуд. Формати $60\times84^{1}/_{16}$. Коғази № 1. Ҷузъи чопӣ 6,(5.58). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,23. Адади нашр 20000. Супориши № 3366. КЛ 02820. Нархаш 18 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб